**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# РОҲНАМОИ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ, СИНФИ 11-ум

**бароя омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАСДИҚ КАРДААСТ**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2017**

**УДК 373.167.1 (072)**
**ББК Я72+74.261.4**
**А–57.**

**А–57.** Камолиддинов Баҳриддин. **Роҳнамои фанни забони тоҷикӣ,** синфи 11-ум, барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, Маориф, 2017. 64 саҳ.

**ISBN 978–99947-1-496-4**
**© Маориф, 2017**

## ПЕШГУФТОР

Нашри аввали китоби дарсии “Забони тоҷикӣ” барои хонандагони синфи 11-ум бо супориши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007 навишта, ба дасти нашр супорида шуда буд. Баъди шиносоӣ бо барномае, ки аз рӯйи он китобҳои дарсии собиқ нашр шуда буд, лозим омад, ки ба муҳтавои асосии китоби дарсӣ таҷдиди назар карда шавад. Азбаски барои хонандаи муассисаи таҳсилоти умумӣ синфи 11-ум соли охирини таҳсил ба шумор меравад, салоҳ диниста шуд, ки дар арафаи хатми мактаб ва минбаъд ба таълимгоҳҳои олӣ дохил шудани хонанда ҳамаи мавзӯъҳои забони модарӣ бори охирон ба ёд оварда, сипас дар заминаи он мавзӯъҳои сохтори маъноию наҳвии матн ва услуҳои ҷории забон таълим дода шавад. Бо ҳамин ният ними аввали китоби дарсӣ ба такрори мухтасари ҳамаи сатҳҳои забони модарӣ: овошиносӣ (фонетика), лексикология, фразеология, калимасозию таркиббандӣ, шаклсозӣ ё унсурҳои сарфӣ (морфологӣ) ва воҳидҳои наҳвӣ (синтаксисӣ) бахшида шудааст. Дар ин қисмат баъзе масъалаҳои назарии грамматика, ки дар нашрҳои қаблӣ зикр наёфта буданд (ба мисли таҷзияи маъноии ҷумла, муродифоти воҳидҳои фразеологӣ, калимасозию таркиббандӣ, муродифоти шаклсозӣ (морфологӣ) ва наҳвӣ (синтаксисӣ), ворид карда шуданд.

Дар ҷараёни навиштани қисматҳои назарию амалии китоб ҳамеша пеши назар меомад, ки ҳамкасбони ман дар мактаб ҳангоми таълими масъалаҳои назарии забон, машқу супоришҳо пай мебурда бошанд, ки чаро баъди супориши асосӣ пас аз ҳар матн боз саволу супоришҳои иловагӣ оварда шудаанд. Мақсад аз супориши иловагӣ ин буд, ки барои амиқтар дарк намудани моҳияти масъала ва мустаҳкам гардидани дониши қаблан омӯхтаи хонанда ба василаи пурсиш ё супориш чизи ҷолибе аз матни машқ пурсида ё супориш дода шавад. Дар ин хусус ва бобатҳои дигар дар шарҳи масъалаҳои назарию амалии ин раҳнамо муфассалтар сухан ҳоҳад рафт.

Дар нашри дуюми китоб баъзе масъалаҳои назарӣ кӯтоҳ ва содатар шарҳ ёфтанд, эродҳои омӯзгорони ҳамкасбро дар назар дошта, баъзе матнҳо кӯтоҳ ё бо матни мувофиқ ва ҷолибтаре иваз карда шуданд. Ҳангоми вохӯрӣ бо омӯзгорони ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ пешниҳодҳои ҷолиб ба миён омаданд ва он эродҳои судманд, ки дар тақризу мақолаҳои ҳамкасбон зикр ёфтаанд, дар нашрҳои минбаъдаи китоб ҳатман ба инобат гирифта мешаванд. Умедворем, ки минбаъд ҳам эшон бо чунин эроду пешниҳодҳояшон барои беҳтар шудани китоб ба мо мадад мекунанд.

## СТАНДАРТИ
## ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФИ 11-ум

Бо хатми синфи ёздаҳум хонандагон амалҳои зеринро иҷро карда метавонанд:

1.1. **Салоҳиятҳои забонӣ:**

1.1.1. Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои забони тоҷикӣ.

- мавзӯи баҳси овошиносиро медонад;
- дар имлои фонемаҳои садонок ва ҳамсадо ғалат намекунад;
- сохти ҳиҷоҳои тоҷикиро медонад;
- пойгоҳи талаффузи овозҳои забони тоҷикиро медонад;
- ҳодисаҳои фонетикиро аз рӯйи матн шарҳ медиҳад, ба онҳо мисолҳо меорад.

1.1.2. Донистан ва ҷудо кардани маънои аслӣ ва маҷозии калима.

- маъноҳои аслӣ ва маҷозии калимаро бо мисолҳо шарҳ медиҳад;
- калимаҳои сермаъно ва якмаъно, вазифаҳои услубии онҳоро шарҳ медиҳад, бо мисолҳо мефаҳмонад;
- вазифаи калимаҳои сермаънoро дар услуби бадеӣ бо мисолҳо мефаҳмонад.

1.1.3. Донистан ва ҷудо кардани ҳодисаҳои маъноӣ: синоним, антоним, омоним ва паронимҳо.

- вазифаҳои калимаҳои сермаънoро дар матн нишон медиҳад;
- вазифаҳои услубии синоним, антоним, омоним ва паронимҳоро дар услубҳои забон шарҳ медиҳад.

1.1.4. Навъҳои калима аз рӯйи маъно, калима ва воҳидҳои фразеологӣ, калимаҳои соҳавӣ, лаҳҷагӣ, кор бо луғатҳо.

- маъноҳои аслӣ ва маҷозии калимаро шарҳ медиҳад, бо мисолҳо мефаҳмонад;
- фразеологизмҳоро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ истифода мебарад, вазифаҳои услубии воҳидҳои фразеологиро шарҳ медиҳад.

1.1.5. Навъҳои калима аз рӯйи маъно ва воҳидҳои фразеологӣ, калимаҳои соҳавӣ, лаҳҷагӣ, кор бо луғатҳо.

- калимаҳои якмаъно ва сермаънoро аз луғат меёбад, мавқеи истеъмоли онҳоро мефаҳмонад;
- вазифаҳои услубии калимаҳои соҳавиро шарҳ медиҳад.

1.1.6. Шинохтан ва аз матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла.

- фарқи ибораро аз ҷумла шарҳ медиҳад, ибораро аз таркиби ҷумла ҷудо мекунад;
- бо ибораҳои додашуда ҷумла месозад;
- хелҳои ҷумларо таҳлили синтаксисӣ (наҳвӣ) мекунад.

1.1.7. Шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода:

- ҷумлаҳои содаро аз рӯйи сохтор ба ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркиба ҷудо карда метавонад;
- ҷумлаҳои содаро аз рӯйи оҳанг ба ҷумлаҳои содаи хабарӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ ҷудо карда метавонад.

1.1.8. Шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн, пайвандакҳо дар ҷумлаи мураккаб, хелҳои ҷумлаҳои мураккаб.

1.1.9. Шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумлаи сода, хелҳои ҷумлаи сода, аъзоҳои ҷумла.

- бо истифодаи калимаю ибора ҷумлаҳои сода сохта метавонад;
- аз ҷумлаҳои сода ҷумлаҳои мураккаб ва аз ҷумлаҳои содаю мураккаб матн сохта метавонад;

- дар сохтани ҷумлаҳои содаю мураккаб ва гузоштани аломати китобат ғалатҳоро меёбад ва ислоҳ мекунад.

1.1.10. Шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаҳои сода ва мураккаб.

- бо истифодаи хелҳои гуногуни ҷумлаҳои сода ва мураккаб матн месозад;
- матнҳои мавҷударо таҳрир мекунад.

1.1.11. Шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн, хелҳои ҷумлаи мураккаб, пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаб.

- хелҳои пайвандакҳоро медонад, маъною вазифаи онҳоро шарҳ медиҳад,
- аз рӯйи тарзи алоқа ва пайвандакҳо хелҳои ҷумлаҳои мураккабро ҷудо мекунад.
- бо истифодаи пайвандакҳо ҷумлаҳои мураккаб месозад.

1.2. **Салоҳиятҳои иртиботӣ (коммуникативӣ):**

1.2.1. Тағйир додан ва таҳия намудани матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни хабар.

- матни хабарҳоро тағйир медиҳад, онҳоро таҳрир менамояд,
- дар мавзӯъҳои додашуда мазмуни хабарро нақл мекунад ва онро менависад.

1.2.2. Тағйир додан ва таҳия намудани матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матнҳои хабар ва мусоҳиба.

- матнҳои хабар ва мусоҳмбаро тағйир медиҳад, онҳоро таҳрир мекунад.
- Дар мавзӯъҳои пешниҳодшуда мазмуни хабарро баён мекунад, мусоҳиба омода месозад.

1.2.3. Тағйир додан ва таҳия намудани матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матни тасвир.

- матнҳои тасвирро тағйир медиҳад ва онҳоро таҳрир мекунад;
- вазифаҳои воҳидҳои забонро дар матн шарҳ медиҳад, фикри худро асоснок мекунад.

1.2.4. Тағйир додан ва таҳия намудани матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матнҳои варақаи шахсӣ, ҳисобот, дастурамал.

- матнҳои варақаи шахсӣ , ҳисобот ва дастурамалро тағйир медиҳад, онҳоро таҳрир менамояд;
- матнҳои варақаи шахсӣ , ҳисобот ва дастурамал таҳия мекунад;
- мавқеи худро дар бобати матнҳои таҳиякардааш асоснок менамояд.

1.2.5. Тағйир додан ва таҳия намудани матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матнҳои аннотатсия.

- мазмуни аннотатсияҳоро тағйир медиҳад, онҳоро таҳрир мекунад;
- ба мавзӯи пешниҳодшуда аннотатсия менависад;
- мавқеи худро дар бобати аннотатсияи таҳиякардааш тақвият мебахшад.

1.2.6. Тағйир додан ва таҳия намудани матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ аз рӯйи намунаи матнҳои реферат, ёддошт, мусоҳиба, тақриз, латифа, табрикнома ва нома.

- матнҳои реферат, ёддошт, мусоҳиба, тақриз, латифа, табрикнома ва номаро тағйир медиҳад ва онҳоро таҳрир мекунад;
- реферат, ёддошт, мусоҳиба, тақриз, латифа, табрикнома ва нома таҳия мекунад;
- мавқеи худро дар бобати матнҳои таҳиякардааш асоснок менамояд.

## НАҚШАИ ТАҚВИМӢ
## АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФИ 11-ум

| Фаслҳо | Мавзӯъҳо | Соат | Сана |
|---|---|---|---|
| 1. | Забони тоҷикӣ – нишони барҷастаи фарҳанги қадима | 20 соат | |
| 2. | Имло ва орфоэпия (талаффузи солим) | 2 соат | |
| 3. | Таркиби луғавии забон ва хусусиятҳои маъноии калима | 4 соат | |
| 4. | Воҳидҳои фразеологӣ, хусусиятҳои сохторию маъноӣ ва услубии онҳо. Дар гуфтор ва навиштор беғалат истифода бурдани фразеологизмҳо | 2 соат | |
| 5. | Масъалаҳои асосии грамматика (сарф ва наҳв). Аломатҳои китобат | 5+4=9 | |
| 6. | Ҳусни баён. Ғалатҳои маъмули грамматикӣ ва услубии ҷумлабандӣ | 3 соат | |
| 7. | Матн ва сохтори маъноию грамматикии он | 14 соат | |
| 8. | Ҳусни баён ва услубиёти забони тоҷикӣ | 34 соат | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

## ШАРҲИ АЛОМАТҲОИ ШАРТИИ КИТОБИ ДАРСӢ ВА ЭҲТИЁҶ БА КОРБУРДИ ОНҲО

Дар охири сарсухан ду аломати савол ва хитоб – яке бо ранги сиёҳи банур, дигаре бенуртар дар дохили чоркунҷа оварда шудааст. Саволи банур рамзи пурсишу супориши асосӣ аз рӯйи матн доир ба мавзӯи дарс, саволи нисбатан бенур рамзи пурсишу супориш барои такрори мавзӯъҳои гузушта ва тақвияти малакаи забондонии хонандагон аст. Як-ду намуна:

Аломати хитоби банур рамзи маълумоти асосии назарӣ, хитоби нисбатан бенур рамзи маълумоти иловагии назарӣ барои тақвияти маълумоти асосии назарӣ. Намуна:

Ҳамчунин дар интиҳои сарсухан ҳафт рақам оварда шудааст, ки ҳар яке рамзи ишораест ба навъҳои таҳлили воҳидҳои ҷудогонаи забон, барои ёдоварии масъалаҳои қаблан омӯхташуда ва мустаҳкам намудани дониши хонандагон доир ба он масъалаҳо. Ҳадаф аз чунин супориш салоҳиятнокӣ ё қобилияти амалан ба кор бурда тавонистани хонандагон он донишҳои забони модарист, ки дар ҷараёни таҳсили солҳои сипаришуда андӯхтаанд. Дар ин бобат таҷрибаи муаллифони китобҳои дарсии забонҳои дигарро ба кор бурдаем.

Дар супоришҳо тарзе савол додан лозим аст, ки барои хонанда аҷиб бошад, то диққати ӯро ҷалб намояд ва ба ҷустуҷӯйи ҷавоби дақиқ афтад.

Ду пайвандаки “ки” дар як ҷумлаи мураккаби тобеъ кадом навъҳои ҷумлаҳои пайравро ба сарҷумла алоқаманд кардаанд?

1.Агар хоб дидед, ки соҳиби хирмани тилло шудаед, бедор нашавед, ки сахт пушаймон мешавед (“Адабиёт ва санъат”, 17.03.2017).

Кадом воситаи муассири луғавӣ боиси шавқангезии матн шудааст?

Ӯро *шум* мегуфтанд. Соҳибвазифа шуд. Акнун *шумо* мегӯянд (“Адабиёт ва санъат”, 17.03.2017);

Аломати вергулро дар куҷо мегузоред?

Гапи хунукро ки шунидед ба қадри чойи хунук мерасед.

Дар интиҳои сарсухан зикр ёфтааст: “рақамҳои зерин, ки дар охири калима, ибора ва ҷумлаҳои матнҳо оварда шудаанд, ба машғулияти мустақилонаи шогирдон ишора мекунанд:

1. Таҳлили фонетикӣ (овоӣ)
2. Таҳлили сохти калима (инчунин таркиббандии феъл)
3. Таҳлили морфологӣ (сарфӣ)
4. Таҳлили синтаксисӣ (наҳвӣ)
5. Таҳлили луғавӣ ва фразеологӣ
6. Таҳлили имло ва талаффузи бенуқсон
7. Аломати китобат

Ба василаи чунин машғулияти мустақилона донишу малакаи хонанда амиқ, комил ва қавитар мегардад. Ҳангоми таълими мавзӯъҳои мушаххас ҳамаи паҳлуҳои масъаларо зикр кардан ва намунаҳои зиёдеро барои асоснок кардани он нуктаҳои муҳими масъала имконнопазир аст. Дар шарҳи масъалаҳо, дар матнҳои гуногуни пурсишу супоришҳо чунин намунаҳо пайдо мешаванд, ки барои такрор ва мустаҳкамтар гардидани дониши андӯхтаи хонанда мусоидат мекунанд. Аз чунин маводди ёрирасони омӯзиши нозукиҳои забони модарӣ истифода кардан ба ҳосил гардидани салоҳиятнокӣ мадад мерасонад.

Намунаҳои ҷудогона аз он ишораҳои рақамӣ дар матнҳои пурсишу супоришҳо:

<u>Рақами 1 ишора ба таҳлили фонетикӣ (дар супориши 7, саҳ. 11):</u>

Бикшой(1) лаби ширин, бозори шакар бишкан,

Бинмой(1) рухи рангин, номуси қамар бишкан

(Сайфи Фарғонӣ).

Хонанда аз рӯйи ишора пай мебарад, ки феъли фармоиши *бикушо* ва *бинмо* варианти кӯтоҳшудаи *бикушой* ва *бинамой* аст, ки дар забони гуфтугӯ барои осонии талаффуз аз охири феъл ҳамсадои “й” меафтад: *бикушо*, *бинамо*. Ин ҳодиса хилофи меъёри забони адабӣ нест, истифодаи варианти кӯтоҳшуда равост. Аммо дар дохили калима афтидани садоноки “а” дар калимаҳои *бикшой* ва *бинмой* бо тақозои вазни мисраъҳо сурат гирифтааст, ки ин ҳолат ҳам дар забони назм равост.

Омӯзгор аз санъатҳои сухан огаҳӣ дошта бошад, ба он дониши хонанда зам мекунад, ки дар ин байт ҳар калимаи мисраи якум бо мисраи дуюм баробарвазну ҳамқофия аст, ки ин санъатро *тарсеъ* меноманд. Бар замми ин маълумоти ҳамгироии илми забон бо назмшиносӣ, тахаллуси “Фарғонӣ” шарҳ дода шавад, хонанда аз як ҳодисаи дигари кӯтоҳшавии исмҳои хос низ огоҳ мегардад: Назар ба “Фарғонагӣ” гуфтан “Фарғонӣ” гуфтан осону суфтатар аст, ки инро “салосати калима” меноманд.

Доир ба таҳлили сохти калима (дар супориши 7, саҳ. 11):

Шаккарсухан аст ё сухангӯйи ман аст?

Анбарзақан аст ё суманбӯйи ман аст?

Калимаҳои мураккаби шаккарсухан ва анарзақан ҳам ҳамвазну ҳамқофия буда, бунёди ибораи номии алоқаи тобеӣ дорад: дилбаре, ки суханаш шакарин асту зақанаш анбарин. Вожаҳои мазкур дар қолаби маъмули сохтани сифатҳои мураккаби назири ширинсухан, меҳргуфтор сохта шудааст. Сифатҳои мураккаби сухангӯ(й),суманбӯ(й) низ ҳамқофия буда, *сухангӯ*, дар заминаи ибораи алоқаи тобеии ҳамроҳии *сухан гуфтан*, аммо *суманбӯй* дар заминаи ибораи номии *бӯйи (гули) суман* сохта шудааст.

Бояд омӯзгор шарҳ диҳад, ки тарзи навишти мисраъҳо аз тарзи талаффузи онҳо фарқ мекунад: он байт бояд чунин хонда шавад: Шаккарсуханаст ё сухангӯйи манаст, анбарзақанаст ё суманбӯйи манаст. Ҳамчунин омӯзгор бояд ёдрас кунад, ки дар

навишти *сухангӯйи ман* ва *суманбӯйи ман* тағйирот ба амал омад, зеро қаблан *сухангӯи ман, суманбӯи ман* навишта, хонандагонро водор мекарданд, ки *сухангӯйи ман, суманбӯйи ман* хонанд. Дар ислоҳи нав навишту талаффузи чунин иборaҳо як гуна шуд.

Намунаи рақами 2 ишора ба сохти калима (супориши 25, саҳ.29):

Дар ибораи *себаргаҳои навхез* калимаи *себарга* аз се морфема: шумораи *се* – исми *барг* – пасванди *-а* дар қолаби исмҳои *панҷшоха, дугӯша* сохта шудааст. Дар таркиби ибораи *хонаи ёздаҳболории нақшин* (супориши 94, саҳ. 95) сифати нисбии *ёздаҳболорӣ* аз шумораи *ёздаҳ*, исми *болор* ва пасванди *–ӣ* сохта шудуаст. Аз ин намунаҳо маълум мешавад, ки чунин сифатҳои мураккаб ҳам бо пасванди *–а*, ҳам бо пасванди *–ӣ* сохта мешудааст: хонаи *ёздаҳболор**ӣ** // ёздаҳболор**а**.* Ҳамин тариқа, унсурҳои калимасози муштараквазифа муродифоти калимасозиро ба вуҷуд меоваранд.

Намунаи рақами 3 ишора ба таҳлили морфологӣ (сарфӣ) аст.

Дар супориши 97, саҳ. 98):

*Мева* ва *сабзаҷот*ро майда карда ё аз *турбтарош* гузаронда, ба рӯй мемоланд.

Бо таъсири ҷамъбандии арабӣ як миқдор исмҳои забони тоҷикӣ бо пасванди -от шакли ҷамъ месозанд: *мева-ҷот, сабза-ҷот.* Азбаски ҳампаҳлу афтодани садонокҳои "а" ва "о" талаффузро мушкил мегардонад, байни онҳо ҳамсадо "ҷ" афзуда мешавад. Дар исми *сабза-в-от* низ ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад. Исми мураккаби *турбтарош* дар забони гуфтугӯ варианти *турб-тарош-ак* низ пайдо кардааст. Байни *турбтарош* ва *турбтарошак* тафовути нозуки ноаён пай бурда мешавад: *турбтарош* шахсе, ки турб метарошад (муқоиса кунед: устои *косатарош*), *турбтарошак* олатест, ки ба воситаи он турбро метарошанд.

Намунаи 3 ишора ба таҳлили морфологӣ (супориши 89, саҳ.89):

Дар шаҳрҳои қадимаи Шарқ *аҷоибтарин, серошӯбтарин* ва *мароқангезтарин* ҷо бозору растаҳо буданд (Ҷ.И.).

Дар ин ҷумла се сифати аз лиҳози сохт гуногун дар шакли дараҷаи олӣ ба вазифаи муайянкунандаи чида омадааст: *аҷоиб-тарин, сер-ошӯб-тарин, мароқ-ангез-тарин.*Тарзи маъмултарини ифода дар забони тоҷикӣ *ҷойи аҷоибтарин, серошӯбтарин, мароқангезтарин* аст. Нависанда бо мақсади таъкиди аломат муайянкунандаҳои тавсифиро пеш аз муайяншаванда овардааст. Чунин қайдҳои муҳими забонию услубӣ дониши хонандаро аз нозукиҳои тарзи баёни забони модариаш ғанитар хоҳад кард.

Намунаи дигар (саҳ.90):

Як бех офтобпарасти худрӯй қоматашро рост намуда осмонро *бӯсиданӣ* мешуд (Ҳ.К.); -- Ман ба хонадон *омаданиам*, -- пичирос зад барои падару модар Кӯҳзод. – *омаданиам* барои Кӯҳзод шуда (Ш.Ш., "Марг ва ишқ", саҳ.54).

Аз маводди забони тоҷикӣ бармеояд, ки пасванди "-ӣ" ба масдар васл гардида, шакли замони ояндаи *рафтанӣ, истироҳат карданӣ, машғулӣ карда истоданӣ, (як муддат) зиндагӣ карда гаштанӣ* ва ғайра месозад. Ин шакли феъл, чунон ки шакли кӯтоҳи сифати феълии замони гузашта бандакҳои хабарӣ гирифта, шакли нақлии феъл месозад, бандакҳои хабарӣ қабул намуда, аз рӯйи шахсу шумора тасриф мешаванд ва як муносибати маънои грамматикиро ифода мекунад, ки онро мо шартан феъли *хоҳишмандӣ* (на орзумандӣ ё ниятмандӣ) меномем: Ман рафтани-**ям**, ту рафтани-**ӣ**, вай рафтанӣ **аст** (рафтани**ст**); мо рафтани-**ем**, шумо рафтани-**ед** (рафтани**етон)**, онҳо рафтани-**янд**:

Ӯ *фаҳмиданист*, ки бемор куҷост ("Адабиёт ва санъат", 28.04.16). Чунин шакли феълӣ дар забони гуфтугӯ бе бандакҳои хабарӣ ҳам ба кор меравад: -- Ба хонаамон хостгор омадааст. Падару модарам маро ба онҳо *доданӣ*,

Ин шакли феъли хоҳишмандӣ ба амале далолат мекунад, ки дар оянда воқеъ мешавад, бинобар ин шакли мазкурро феъли замони ояндаи сиғаи хоҳишмандӣ номидан мумкин аст.

Аз феъли назири “рафтанӣ” бо ёрии феъли *будан* ва бандакҳои феълӣ шакли замони гузаштаи феъли хоҳишмандиро сохтан мумкин аст: *рафтанӣ будам, рафтанӣ будӣ, рафтанӣ буд; рафтанӣ будем, рафтанӣ будед (будетон), рафтанӣ буданд:* Жанна... дирӯз ба аёдати ҳамсоязани бемор *рафтанӣ буд* (“Адабиёт ва санъат”, 28.04.16).;

Аз феъли назири “рафтанӣ” бо ёрии феъли *будан* дар шакли аорист шакли замони ҳозира-ояндаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ сохта мешавад: *рафтанӣ бошам, рафтанӣ бошӣ, рафтанӣ бошад; рафтанӣ бошем, рафтанӣ бошед, рафтанӣ бошанд.*

Шакли сиғаи эҳтимолии феъли назири *рафтан* чунин мешавад: *рафтанӣ будагистам, рафтанӣ будагистӣ, рафтанӣ будагист; рафтанӣ будагистем, рафтанӣ будагистед, рафтанӣ будагистанд.*

Як намунаи дигар (супориши 82, саҳ.81):

Ниҳоят, ҳайвони қайсарро дар дил раҳм омад ки, зумиашро як сӯ гузошта, оромона кафшакунон дар ҷояш истод ва гӯсола ба пистонаш лаб расонида ҳарисона ба макидан даромад (Ф.А.).

Ин супориш доир ба мавзӯи пайвандак оварда шудааст, ки дар он ду ҷумлаи сода бо ёрии пайвандаки пайвасти ва бо ҳамдигар алоқаманд шуда, дар таркиби ҷумлаи содаи аввал ҷумлаи пайрави сабаб бо пайвандаки ки ба сарҷумла тобеъ шудааст. Дар ин матн ҷойи пайвандак ҷолиб аст, зеро то кунун дар чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аломати вергулро ҳамеша пеш аз пайвандаки ки мегузоштанд. Дар ин ҷо ҷумлаи пайрави ҳоли сабаби “Ниҳоят ҳайвони қайсарро дар дил раҳм омад” пеш аз сарҷумлаи “зумиашро як сӯ гузошта, оромона кафшакунон дар ҷояш истод” омада, бо пайвандаки ки ба он тобеъ шудааст ва пайвандак дар охири ҷумлаи пайрав воқеъ гардида.

Ҷиҳати дигари ҷолиб ин аст, ки дар матнҳои ин супориш феълҳои ҳоли *ҳуммаскунон, маосзанон, кафшакунон*, зарфҳои *беқаророна, оромона, ҳарисона* ба вазифаи ҳоли тарз омадаанд.

Бар замми супоришҳои асосӣ, ба ёд овардани чунин нуктаҳои муҳими наҳви забони модарӣ боиси ғанитар гардидани донишҳои андӯхта ва мустаҳкам гардидани малакаҳои ҳосилгардида хоҳад шуд.

<u>Намунаи рақами 4 ба таҳлили синтаксисӣ (наҳвӣ) ишора мекунад.</u>

Саволу супориши 93 (саҳ.93) чунин мазмун дорад: Аз лиҳози мутобиқати хабар бо мубтадо ҷумлаҳои зерин чӣ нуқсон доранд? Сабаби ба миён омадани чунин ғалатро муайян кунед. Ҷумлаҳоро ислоҳ карда нависед.

1.Онро (деҳаро) ҳалқаи сабзи боғу бӯстонҳо иҳота кардаанд.

Ин матн ҷумлаи содаи дутаркибаи хабарист. Таркиби мубтадо “ҳалқаи сабзи боғу бӯстонҳо”, таркиби хабар “онро иҳота кардаанд”. Дар таркиби мубтадо исми “ҳалқа” мубтадо аст, на “боғу бӯстонҳо”. Аслан, сифати “сабз” ба вазифаи муайянкунандаи аломат (тавсифӣ), “боғу бӯстонҳо” муайянкунандаҳои соҳибии чидаанд. Мубтадо ки дар шумораи танҳост, хабар бояд “иҳота кардааст” бошад.

Чунин ғалатҳо дар гуфтору забони матбуоти имрӯзаамон бисёр мушоҳида мешаванд:

*Ҷавонон қувва*и бузург, неруи созандаву бунёдкунанда *мебошад*; *Об*и ошомидании аксарият деҳаҳои ноҳияи Восеъ *аз ҳисоб*и *каналҳо*е *мебошанд*, ки дар давраи Шуравӣ барои обёрӣ кардани заминҳо канда шуда буданд (Рӯзнома). Дар ҷумлаи содаи аввал мубтадо бо шумораи ҷамъи исми шахси *ҷавонон* ифода ёфта, вале хабари номии *қувва... мебошад* ба шахси сеюми танҳо) далолат мекунад. Дар ҷумлаи дуюм мубтадо бо исми “об” (шахси сеюми танҳо), хабари сарҷумла “аз ҳисоби каналҳое мебошанд” аст, ки ба шахси сеюми ҷамъ далолат мекунад. Илова бар ин, таъбири “оби ошомиданӣ” ҳам барои забони тоҷикӣ бегона аст, мардуми мо “оби нӯшокӣ” ё “оби ширин” гуфтаанду мегӯянд.

Чунин ғалатҳои дағали грамматикии риоя нашудани мувофиқати хабар бо мубтадо аз надонистани қоидаҳои асосии ҷумлабандии забони тоҷикӣ рӯй додаанд.

Байни ду сараъзои ҷумла алоқаи тобеии мувофиқат вуҷуд дорад. Мувофиқати хабар ба мубтадо аз ду ҷиҳат сурат мегирад: мутобиқати шахс ва шумора. Дар забони тоҷикӣ аз лиҳози шахс мутобиқат кардани хабар ба мубтадо ҳатмист, аммо аз ҷиҳати шумора мувофиқат кардани хабар ба мубтадо баъзе ҳолатҳои мустасно дорад. Он мавридҳои аз ҷиҳати шумора мувофиқат накардани хабар ба мубтадо дар илми синтаксиси мо маълуманд. Дар ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки мутобиқат накардани хабар бо мубтадо на бо сабабҳои воқеӣ ё "узрнок", балки аз боиси хуб нашинохтани аъзоҳои ҷумлаи сода рӯй медиҳад, яъне мубтадо дар шакли танҳо, вале хабар бесабаб дар шакли ҷамъ оварда мешавад. Ин нуқсони грамматикӣ чанд тариқа содир мешавад:

1. Мубтадои танҳо бо муайянкунандаи соҳибӣ, ки бо исми ҷамъ ифода ёфтааст, тафсил ёфтааст. Мисол: Дар ҳавои хона **бӯйи** таомҳо сайр **мекарданд** (А.А); ...**номи** бисёр ҳодисаҳо, рустанӣ, гиёҳҳо, ҳайвоноту паррандагон, асбобу олоти мусиқӣ, ҳарбӣ ва ғайра дар "Шоҳнома" **акс ёфтаанд**. Танҳо **номи асп** ва рангҳои он бо чандин калимаҳо **баён гардидаанд**; **Мавзӯи сулҳ**, дӯстии халқҳо, бародарӣ, ватандӯстӣ дар осори Мирзо Турсунзода мавқеи асосӣ **доранд**; Баъдтар **ҳамкории** деҳқонону авиаторон, кормандони заводи пахта, шуъбаи маданияти район, ҷамъияти матлуботи район, сети кинонамоишдиҳӣ ва ғайра **ба миён омаданд** (Рӯзнома); Дар тирамоҳ **инкишофи** доначаҳои сабз суст мешаванд; Донистани ҳодисаҳои табиӣ дар ҳаёт ба одам **ба кор меоянд**; **Адади** расмҳои гӯшаи дуюмро ба якум муқоиса кунед ва бигӯед, ки адади расмҳои кадом гӯша зиёданд; Ба жанрҳо омехташавии муштарак мансуб аст ва дар амалия **ҳудуди** байни онҳо дар аксар ҳолатҳо **барҳам мехӯранд**; **Истифодаи** биноҳои мактаб барои мақсадҳои ғайритаълимӣ **манъ карда шаванд**.

Дар ҷумлаҳои содаи боло мувофиқати хабар ба мубтадо аз ҷиҳати шумора риоя нашудааст: бӯй... сайр мекарданд; ном ... акс ёфтаанд (баён гардидаанд); истифода... манъ карда шаванд; ҳамкорӣ... ба миён омаданд; инкишоф... суст мешаванд; донистан... ба кор меоянд; ҳудуд... барҳам мехӯранд.

2. Дар ҷумлаи зерин мубтадо бо исми ҷомеи *даста* ифода ёфта, вале хабар дар як маврид дар шакли ҷамъ, дар мавриди дигар дар шакли танҳо омадааст, ки тамоман хилофи қоидаи ҷумлабандии забони тоҷикист: Ин дастаи ҳунарӣ, ки аз вилояти Суғд ташриф **овардаанд**, соҳиби малакаи хуби **овозхонӣ аст** (Рӯзнома); Исми ҷомеи села ҳам бо хабари шумораи танҳо созгор меояд: Соли дигар **селаи** турнаҳо аз омадани баҳор мужда **намерасониданд** (Бахманёр); Ҳарчанд ки **миллати қирғиз** бори дигар нишон дод, ки дар бедорӣ ва рӯҳияи озодихоҳӣ нисбати кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Русия хеле **пеш рафтаанд** (Рӯзнома);

3. Баъзе исмҳои чамъи арабӣ мафҳуми ҷамъро равшан ифода намекунанд, бинобар ин хабари ҷумларо дар шумораи танҳо овардан беҳтар аст: Дар ҳар як машқ маводди аввалӣ дода мешаванд; Кабӯтаронро кадом хусусияташон машҳур кардаанд?; Донистани ҳодисаҳои табиӣ дар ҳаёт ба одам ба кор меоянд; Ба жанрҳо омехташавии муштарак мансуб аст ва дар амалия ҳудуди байни онҳо дар аксар ҳолатҳо барҳам мехӯранд (Китоби дарсӣ).

4. Мубтадои ҷида бо исмҳои маънӣ ифода ёфта бошад, аз ҷиҳати шумора мувофиқат кардани хабар ба мубтадо шарт нест: Маориф ва илм дар як сол пеш **намераванд** ( намеравад) (Рӯзнома).

Маълум мешавад, ки таҳлили воҳидҳои синтаксисро донистан танҳо барои баҳои мусбат гирифта аз санҷишу имтиҳон гузаштан набуда, аз салоҳиятмандии хонанда дар бобати амалан ба кор бурда тавонистани қонуну қоидаҳои забони модарӣ низ гувоҳӣ медодааст.

Намунае аз ишораи рақами 4 (супориши 25, саҳ.29):

Шумо гумон накунед, ки ин ҷӯйборҳо ҷӯйҳои калон ва обҳояшон ғурришдори ғалтон бошанд. Не.

Ин ишорат барои он аст, ки С.Айнӣ аз чунин оғози тасвир бисёр истифода кардааст. Ин бесабаб нест. Асли матлаб "он ҷуйҳои кӯҳистон калони пуроб нестанд" гуфтан аст. Дар ин тарзи баён тасвир ҷолиб ва таъсирбахш намебаромад. Дар ибтидо ба хонанда мурочиат намуда, бо оҳанги шубҳаомез начандон саршори об будани ҷӯйҳои кӯҳистонро баён карда, сипас он фикри шубҳанокро рад намудани худи нависанда боиси зинда пеши назар омадани тасвири манзараи зебои баҳорони кӯҳистон гардидааст. Нигоранда барои худдорӣ аз такрор "ҷӯйбор ва ҷӯйҳо"-ро ба кор бурдааст.

Дигар ҷиҳати ҷолиб он аст, ки нигоранда ба чунин нозукии маънои грамматикии таносуби калимаҳо риоя намудааст: ...ин ҷӯйбор**ҳо** ҷӯй**ҳо**и калон ва об**ҳояшон** ғурришдори ғалтон бошанд. Аввалан, мувофиқати шумораи хабар бо мубтадо: *ҷӯйборҳо ҷӯйҳо*и калон... *бошанд*, дуюм. мутобиқати шумораи исми мансуби *ҷӯйборҳо* "*обҳояшон ғурришдор бошанд*" комилан риоя шудааст.

Яке аз нуқсонҳои ҷиддии забони гуфтугӯйӣ ва расонаҳои хабарии имрӯза маҳз дар риоя нашудани алоқаи мувофиқати грамматикии байни ҷузъҳои ибора ва аъзоҳои ҷумлаи сода аст:

-- *Монда набошед, устод*!

– Ҳа, *биёед*, писарам. Кани, гузашта *шинед*. Барқ ҳам нест ки, *бароят* (?) як чой монам. Лекин, агар *хоҳӣ* (?), аз ашъори номатбӯи Ибни Ямин *бароят* (?) чанд шеър бихонам (Рӯзнома).

Шогирд барои ифодаи эҳтиром бо калимаи "*устод"* ва шакли ҷамъи феъли "*монда набошед*" мурочиат мекунад. Устод ҳам дар аввал боэҳтиромона *биёед* ва *шинед* гӯён ҷавоб медиҳад. Аммо дар давоми суҳбат "*бароят* як чой монам", "агар *хоҳӣ*" "*бароят* чанд шеър бихонам" мегӯяд, ки хилофи таоруфи "*биёед*, писарам" аст.

Дар асоси ин далелҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар забони тоҷикӣ алоқаи мувофиқат танҳо байни сараъзоҳои ҷумла набудааст, инчунин воситаи алоқаи грамматикии байни аъзоҳои ҷумлаи сода танҳо бандакҳои феълию хабарӣ набудааст, балки алоқаи мувофиқат байни ҷузъҳои ибора (бачаи чашмаш сиёҳ, аробаҳои чархҳояшон шикаста) ва байни аъзоҳои гуногуни ҷумла ба воситаи бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ ифода меёфтааст (Мурочиат шавад ба мақолаи "Як тарзи дигари алоқаи мувофиқати аъзоҳои ҷумлаи сода дар забони тоҷикӣ" // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2013. – С.3-6.).

<u>Намунаи рақами 5 ишора ба таҳлили луғавию фразеологист.</u>

Дар намунаи мақолаи публисистии Саидризо Ализода, ки дар маҷаллаи "Оина" (соли 1913) чоп шуда буд, калимаю истилоҳоти ҳамондавра дучор мешаванд, ки имрӯз аз истеъмол баромадаанд:

Замоне, ки Самарқанд ва атрофаш зиёда бар 150 000 нуфузро дорост, аз мусулмонон чанд нафар *тоҷир* ва савдогар, чӣ қадар *мағозачӣ* ва *кантур* дорад? Куҷо монда дуктур, омӯзгор, *муҳандис*, *мунишӣ* ва ғайра, ки барои маишати мо монанди обу нон лозим аст? Бале! Гадо, *дарвеш, қаландар*, *бузбала*, *ҷавон*, дузд... Ҳазорон-ҳазорон мавҷуданд! (Супориши 185, саҳ.199-200).

Калимаю истилоҳоти *мағозачӣ, кантур, муҳандис, мунишӣ, дарвеш, қаландар* воҳидҳои маъмули забони тоҷикӣ будаанд, вожаҳои *ҷавон, бузбала* ба маънои дигар мустаъмал будаанд, ки қисме аз истеъмол баромадаанд, қисми дигар тағйири маъно ё тобиши маъно кардаанд. Аз ҳамин сабаб забони матбуотро оинаи акскунандаи забони зиндаи ҳар давру замон мешуморанд.

Ошиқон дарди туро давлати афзун *хонанд*,
Меҳнати ишқи туро бахти ҳумоюн *хонанд*.
Халқ *хонад* маҳ аз содагӣ ин рӯи аҷаб,
Варақеро, ки бар ӯ хат набувад, чун *хонанд*? (Камол)

Шоир дар заминаи сермаъноии феъли *хондан* (яъне ҳаҷру азоби ишқро давлати зиёд ва бахти ҳумоюн ба шумур овардан, аз содагӣ рӯйро ба маҳ шабоҳат додан, вараqи

бехатро қироат кардан) санъати таҷнис сохтааст. Воқеан, боиси шигифт аст, ки ақли инсон асло қабул намекунад. Дар ин матн *давлат* ба маънои сарват, *меҳнат* ба маънои азобу машаққати ҳиҷрони висоли ёр кашидан омадааст. Ин ҳама имконоти услубии воҳидҳои луғавию фразеологии забони тоҷикист, ки шоир аз он бо камоли ҳунармандӣ истифода кардааст.

Дар матни зерини рӯзнома (супориши 60, саҳ.62-63) ба *нарму мулоим, рақсу арғушт, мухлисону ҳаводорон* ишора шудааст, ки муродифоти ҷуфти нисбатан озоди (ғайрифразеологии) луғавианд:

Лаҳну овози ҷозибанок, пурқувват, вале нарму мулоими ба мисли абрешим дилошӯб ва чун оби чашмаҳои кӯҳсор пурҷӯшу хурӯш ва мусаффои ӯро шунида, рақсу арғуштҳои рӯҳафзояшро дида, мухлисону ҳаводорони сершумораш бо лутфу навозиш ин ҳунарпешаи сиёҳҷурдаву ситорагарм ва ширинадоро "мавизи сиёҳ" меномиданд.

Дар муқоиса бо матни боло муродифҳои баробармаъно ва фаровонии тавсиф боиси пургӯйӣ ва тафсил ёфтани ҷумлаи сода гардидааст, ки он чилу як калимаро дар бар мегирад. *Овози пурқувват* табиатан *абрешим барин нарм* намешавад ва онро ба “оби пурҷӯшу хурӯш ва мусаффои чашмаҳои кӯҳсор” ташбеҳ намудан ҳам ҷоиз нест. Нигоранда дар тақлиди адибони ҳунарманд “лаҳну овоз” ва “рақсу арғушти рӯҳафзои ҳунарманди сиёҳҷурдаи ситорагармро” шоирона тасвир карданӣ шуда, вале ин кор ба ӯ муяссар нагардидааст.

<u>Намунаи рақами 6 ба таҳлили имло ва талаффузи бенуқсон ишора мекунад.</u>

Намунаҳо аз супориши 64, саҳ.66:

Дар ҳақиқат ҳам ҳусну ҷамоли Гулнор *таъсирбахшо* буд: *қадди* навраста, *рӯйи* хуҷиста... Донаҳои ашки алмосгун, ки аз чашмони дурахшонаш *ба рӯйи* рахшонаш мечакиданд, намуди шабнами саҳарирo *ба рӯйи* гулбарги таре ҷилва медоданд.

Дар имлои ҳамсадои “й” (банди 5.5.) илова шавад: Ба асосҳои феълии замони ҳозираи *шӯй (шустан), пой (пойидан), сой (сойидан)* ва ғайра, ки бо ҳамсадои “й” анҷом ёфтаанд, бандаки феълии шахси дуюми танҳо (-ӣ) ояд, ҳамсадои “й” навишта мешавад: гулро *бибӯйӣ*, дастатро *шӯйӣ*; Дар сӯҳбати сифла чун *даройӣ*, Биттабъ ба сифлагӣ *гаройӣ* (Эраҷ Мирзо); Зӯрмандро “паҳлавон” *гӯйӣ*, шод мешавад, бемӯйисарро “кал” *гӯйӣ*, меранҷад.

Дар таҳрири охирини банди ёздаҳуми имлои ҳамсадоҳо омадааст:

“Ҳарфи й (йот) дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

--ҳангоми калимасозӣ, иборасозӣ ва таркибҳои муайян (ё чидашавӣ) дар калимаҳое, ки таърихан дар таркиби худ ҳамсадои “й” доранд: *найистон, чораҷӯйӣ, раҳпойӣ, бӯйидан, рӯйидан, найи хушсадо, майи лаългун, пайи по, донишҷӯйи фаъол, чойи сиёҳ, рӯйи хотир, ба рӯйи, ба сӯйи, ба ҷойи* ва ғ.”

Ин банди қоидаи имлоро чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

а) ҳарфи “й” дар охири решаи калима омада, бандаки изофӣ ба он васл шавад: *рӯйи зебо, ҷӯйи пуроб, кӯйи ғарибон*, *найи чӯпонӣ, чойи кабуд, бӯйи гул, мӯйи дароз, тӯйи арӯсӣ,* гули *хушбӯйи* садбарг, *донишҷӯйи* фаъол...;

То умр бувад, дар ҳаваси ***рӯйи*** ту бошам,
Гар хок шавам, хоки сари ***кӯйи*** ту бошам.
Хуш он, ки забон ***аз пайи*** дашном барорӣ,
Ман даст бароварда ***дуогӯйи*** ту бошам (*Ҳилолӣ*).

б) чунин калимаҳо пешоянди номӣ ё таркибии номии изофӣ шуда бошанд: *сӯйи* мактаб, *пайи* кор, *ба сӯйи* мактаб, *аз пайи* кор, *ба ҷойи* раис...; Ин тавр бошад, *аз пайи* кор шавед, рафиқон!; Не, акнун дамгирӣ бас. Бояд *аз пайи* кор шавам; *Аз рӯйи* шунидам, сохтмони роҳи оҳани Тирмиз – Қӯрғонтеппа -- Ёвон ба қувваи коргарӣ... эҳтиёҷ дорад (А.Ҳ.);

в) дар охири калимаҳои мураккаб омада, бандаки изофӣ гиранд: г) бо пасвандҳои калимасоз омада бошанд: *осойиш, беобурӯйӣ*, *бойигарӣ, мӯйина...*;

*Осойиш*и ду гетӣ тафсири ин ду ҳаф аст,... (Ҳофиз);

Меҳр муҳкам шавад зи *хушгӯ*йӣ,
Дӯстӣ кам кунад *турушрӯ*йӣ (Авҳадӣ).

Меравам ба бекуҷойӣ,
То дигар напурседам:
"Аз куҷойӣ?" (Доро Наҷот).

Гашт модар ҳам дар ҳар кӯю даре,
*Ҷомашӯйӣ*, пимадӯзӣ менамуд.
*Гӯйиё* бо нӯги сӯзан рӯзу шаб
Баҳри тифлон ҷамъ рӯзӣ менамуд (Ҳ.Раҳмат);

ғ) феълҳои назири *шӯй, бибӯй* ва ғайра бо бандаки феълии шахси дуюми танҳо оянд: агар дастатро *шӯйӣ,* накҳати гулро *бӯйӣ...*

Ту бари бандагони *маҳрӯйӣ,*
Бо канизакони *ёсуманбӯйӣ* (Саъдӣ);

Дар суҳбати сифла чун *даройӣ*,
Биттабъ ба сифлагӣ *гаройӣ* (Эраҷ Мирзо);

Ман надонистам аз аввал, ки ту бемаҳру вафоӣ,
Аҳд нобастан аз он беҳ, ки бандию *напойӣ* (Саъдӣ);

Дилам чун арзане, ишқи ту кӯҳе,
Чӣ *сойӣ* зери кӯҳе арзанеро? (Рӯдакӣ);

Барои осон ва хубтар омӯхтани имлои ҳарфи "й" чанд мавриди корбурди онро зикр кардан мумкин аст:

1) Пешояндҳои *(аз, ба, дар) рӯйи, сӯйи, пайи, кӯйи, тайи, ҷойи*;

Ё раб! Зи фиреби ту дилам *мегирйад,*
Чашмам *ба ҷойи* абри ту *мегирйад.*

Ҳар бод, ки *аз сӯйи* Бухоро ба ман ояд,
Бо бӯйи гулу мушку насими суман ояд
***(Рӯдакӣ);***

*Аз кӯйи* ёр меояд насими боди наврӯзӣ,
Аз ин бод ар мадад хоҳӣ, чароғи дил барафрӯзӣ
***(Ҳофиз);***

Эй ки гуфтӣ, марав *андар пайи* хубони замона,
Мо куҷоем дар ин баҳри тафаккур, ту куҷоӣ (Саъдӣ);

Дарахт ***аз пайи*** он бувад дерпой,
Ки пош аз сукунат наҷунбад зи ҷой (Хусрави Деҳлавӣ);

2) Баъд аз асоси замони ҳозираи феъл ва исму сифатҳои бо ҳамсадои "й" анҷомёфта бандакҳои феълию хабарии шахси дуюми шумораи танҳо

оянд: агар наздам *ойӣ (наойӣ),* дастатро *шӯйӣ*; (ту) *бойӣ, беҷойӣ, донишҷӯйӣ, бекасукӯйӣ, пойӣ, хойӣ, меойӣ, бӯйӣ, сойӣ, койидан, рӯйидан…*

Эй боди сабо, тарабфизо *меойӣ*,
Аз тарафи кадом кафи по *меойӣ.*
*Аз кӯйи* кӣ бархостаӣ, рост бигӯ,
Эй гард, ба чашмам *ошно меойӣ* (Ҳошим Шоиқ Афандӣ);

Аз умр бақо *ҷӯйӣ*,
Аз ёр вафо *ҷӯйӣ*,
Эй ошиқи саргардон,
Наврӯз муборак бод (Ҳасани Султон);

3) Сифатҳои нисбӣ: *мӯйин, мӯйина.*
4) Исмҳои сохта: *бойӣ, бойигарӣ, беҷойӣ, берӯйӣ, ҳарҷойӣ, ноҷойӣ, бешӯйӣ, дарозмӯйӣ, дастшӯйӣ, дастудилшӯйӣ, ҷомашӯйӣ.*
5) Исмҳои мураккаб: *хушбӯйӣ, хушрӯйӣ, дилҷӯйӣ, дарозмӯйӣ, дастурӯшуйӣ, молпойӣ, дерпойӣ, дилҷӯйӣ, бадхӯйӣ, ростгӯйӣ, устухонхойӣ, рӯйиҷо, Ҷӯйибодом…*

Гоҳо ки гӯянда аз *сурудгӯйӣ* бозмеистод, *найи* чӯпоние навохта мешуд (С.А.);

6) Ётбарсари "е" лозим набудааст:

Биё, эй дил, ба ҳоли ҳам *бигирйем*,
Ба ҷони бемаҷоли ҳам *бигирйем.*
Заволи мову ту пушти дар омад,
Биё, пеш аз заволи ҳам *бигирйем* (Лоиқ);
Модари абр! Аз чӣ баҳри мо *намегирйӣ*?
Эй Худои осмон, раҳме надорӣ?
Борон чӣ гиряест?
*Гирйидане* ба вусъати андӯҳи осмон… (Нодири Нодирпур).

Намунаи рақами 7 ишора ба аломатҳои китобат аст.

Аз мушоҳидаҳо маълум мешавад, ки тафовути навишти нутқи айнаннақлшуда ва мазмунан нақлшуда ё дар китобҳои дарсӣ равшан зикр наёфтааст, ё омӯзгорон дар таълими ин мавзӯъ саҳлангорӣ кардаанд. Як сабаби ба миён омадани ғалатҳои имлоию аломати китобат ин аст, ки дар осори насрии суннатии мо байни нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда тафовут нагузоштаанд, чунон ки дар супориши 12 (саҳ. 13-14) мушоҳида мешавад:

Боре тавонгар гуфт дарвешро, ки чаро хидмат накунӣ, то аз машаққати кор кардан бираҳӣ?

Дар ин матн фикр дар қолаби ҷумлаи мураккаби тобеъ ба тарзи айнан нақлшуда ифода ёфтааст. Ҳангоми таълими ин мавзӯъ бояд он нуқсони навишт шарҳ ёбад ва тарзи беғалат навиштани он нишон дода шавад:

Нутқи айнан нақлшуда: Боре тавонгар гуфт дарвешро: "Чаро хидмат накунӣ, то аз машаққати кор кардан бираҳӣ?

Нутқи мазмунан нақлшуда: Боре тавонгар гуфт дарвешро, ки аз чӣ сабаб кор намекунад, то аз машаққати кор кардан бираҳад.

Дар чунин ҳолатҳо ба хонандагон супориш додан беҳтар аст, ки ин гуна матнҳои суннатиро ба тарзи ифодаи забони имрӯзаи тоҷикӣ гардонанд: Боре тавонгар ба дарвеш гуфт: "Чаро ту хизмат намекунӣ, то ки аз азоби кори вазнин кардан раҳоӣ ёбӣ?"

Дар саволу супориши 84 (саҳ.83-84) пурсида мешавад, ки вожаи *чун* дар матнҳо ба вазифаи пешоянд, пайвандак ё пурсишҷонишин омадааст. Аз ҷумла, чунин матн оварда мешавад:

Бар санг задам дӯш сабӯи кошӣ,
Сармаст будам (!) ки (!) кардам ин авбошӣ.
Бо ман ба забони ҳол мегуфт сабӯй:
“Ман чун ту будам, ту низ чун ман бошӣ” (Хайём).

Аён аст, ки калимаи *чун* ба вазифаи пешоянд омада, маънои монандиро ифода кардааст. Вале мисраи дуюми рубоӣ чӣ гуна ҷумла аст, пайвандаки *ки* кадом навъи ҷумлаи пайравро ба сарҷумла тобеъ кардааст, ҷойи он дар ҷумлаи пайрав куҷост ва аломати вергулро, чунон ки дар китобҳои дарсӣ мушоҳида мешавад, пеш аз *ки* гузорем ё он қоидаи маъмулиро шикаста, пас аз пайвандак гузорем?

Он мисраъ ҷумлаи мураккаби тобеъ буда, “кардам ин авбошӣ” сарҷумла аст ва он ба шарҳи сабаби авбошӣ эҳтиёҷ дорад, бинобар ин “Сармаст будам” ҷумлаи пайрави сабаб буда, бо пайвандаки ***ки*** ба сарҷумла тобеъ шудааст. Ҷойи пайвандак дар таркиби ҷумлаи пайрав муҳаррик аст. Дар ҷумлаи мураккаби тобеи боло пайвандак дар охири ҷумлаи пайрави сабаб омадааст ва аломати вергул бояд пас аз пайвандак ***ки*** гузошта шавад: *Сармаст будам **ки***, кардам ин авбошӣ. Ҷойи пайвандакро тағйир дода, дар дохили ҷумлаи пайрав оварда шавад, пеш ё пас аз он аломати вергул гузошта намешавад: *Сармаст **ки** будам*, кардам ин авбошӣ.

Бо пайвандаки ***ки*** алоқаманд шудани навъҳои гуногуни ҷумлаи пайрав ва дар мавқеъҳои гуногуни таркиби ҷумлаҳои пайрави замон, сабаб, шарт ва хилоф омадани пайвандаки ***ки*** мухтасар шарҳ ёфта, саволу супориш оварда шудааст.

Як намунаи дигар (аз супориши 128, саҳ.133-134):
Ба гуфтан туро гар хатое фитад,
Зи зарбаш фузунтар моланд огӯш.
Ва (!) гар дар набиштан хатое кунӣ,
Сарат чун қалам дур монад зи дӯш (Саъди Салмон).

Дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ дар бобати паси ҳам омадани пайвандакҳои гуногун ва байни онҳо гузоштани аломати вергул маълумоте дода нашудааст. Дар мисраи аввали байти дуюми порчаи шеър “Ва агар дар набиштан хатое кунӣ, Сарат чун қалам дур монад аз дӯш” пас аз пайвандаки пайвасти ***ва*** пайвандаки тобеъкунандаи ***гар*** омада, ҷумлаи пайрави шартро ба сарҷумла тобеъ кардааст. Дар чунин ҳолатҳо чӣ бояд кард? Маълум аст, ки пайвандаки тобеъкунанда ҳамеша ба таркиби ҷумлаи пайрав дохил мешавад. Дар ин сурат илоҷи ягона пас аз пайвандаки пайвасти ***ва*** аломати вергул гузошта, ҳадди ҷумлаи пайрави шартро муайян кардан лозим аст:
Ва, ***гар** дар набиштан хатое кунӣ,*
Сарат чун қалам дур монад зи дӯш.

(Доир ба ин масъала муроҷиат шавад ба фасли “Миёни ду пайвандак гузоштани вергул”-и дастури таълими Б.Камолиддинов. Чанд мушкили гузоштан ё нагузоштани вергул. – Душанбе: Маориф, 2015 .—С.37-41).

Китоби дарсии “Забони тоҷикӣ” барои хонандагони синфи 11 се қисматро дар бар мегирад:

а) такрори мавзӯъҳои гузаштаи забони тоҷикӣ (фонетика, лексика, фразеология, калимасозӣ, морфология, синтаксис);

б) матн ва сохтори наҳвии он; в) услубшиносӣ, ҳусни баён, услубҳои забони тоҷикӣ.

Ҳар кадоми ин қисматҳо, дар навбати худ, аз фаслҳо иборатанд. Ҳар кадом фасл ба як масъалаи мушаххас бахшида шудааст. Мавзӯъҳо аз таҳлили намунаи матн оғоз ёфта, ба тариқи натиҷагирӣ аз таҳлили матн хулосаҳои назарӣ мухтасар зикр меёбанд. Барои малакаи комил ҳосил намудани хонандагон ва ба амал татбиқ карда тавонистани дониши андӯхта доир ба қонуну қоидаҳои забони тоҷикӣ ба тариқи пурсишу супориш машқҳо оварда мешаванд. Пурсишу супоришҳо дар китоби дарсӣ ду навъанд: пурсишу супоришҳое, ки барои тақвияти дониши назарӣ доир ба мавзӯи мушаххас равона

шудаанд ва пурсишу супоришҳое, ки аз мундариҷаи матн доир ба масъалаҳои қолиби забон бармеоянд ва ҳадафи он пурсишу супориши иловагӣ ба ёд овардан, такмил додан ва ғанӣ гардонидани он донишҳоест, ки қаблан дар ҷараёни таҳсил хонандагон ҳосил кардаанд. Дар ин бобат то ҳадди муайян ба усули забономӯзии мактабҳои кӯҳна пайравӣ намудем, ки ҳангоми таҳлили порчаи назм ё насри бадеӣ фаразан аз "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ ё "Баҳористон"-и Абдураҳмони Ҷомӣ масъалаҳои гуногуни забонии он матн омӯзонида мешуданд.

## ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ ГУЗАШТАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Чунон ки дар сарсухан ишора намудем, нимаи аввали китоб (саҳифаҳои 5—118) ба такрори мавзӯъҳои гузаштаи забони тоҷикӣ бахшида шуда, қисматҳои фонетика, лексика, фразеология, калимасозӣ, морфология ва синтаксисро дар бар мегирад.

1.Фонетика (овошиносӣ), имло ва талаффузи сареҳ (орфоэпия). Дар ин фаслҳо масъалаҳои муҳимтарин он тағйироте, ки баъд аз ду марҳалаи ворид намудани ислоҳот ба қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ (1998, 2011) ва баъзе мушкилоти талаффуз, ки дар натиҷаи тафовути байни талаффузу навишти овозҳо, имлои ҳарфҳои *ӣ, ӯ,* ташдиди ҳамсадоҳо, инчунин ислоҳи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба миён омадааст, матраҳ мешавад. Дар китоб баъд аз панҷ мавриди дар охири калима навишта шудани "-ӣ" супориш мешавад, ки калимаҳои содаву сохта ва худию бегонаро аз рӯйи тааллуқи морфологиашон ба ҳиссаҳои нутқ дар сутунҳои ҷудогона нависанд: гетӣ, аҳолӣ, авлодӣ, агентӣ, некномӣ, даштӣ, давлатмандӣ, рафтанӣ ва ғайра.

Бо ёрии пурсиш малакаи калимасозӣ ва беғалат навиштани исмҳои хосро ин тариқа мустаҳкам кардан мумкин аст. Тахаллуси кадом адибонро медонед, ки бо пасванди "-ӣ" ва "-гӣ" сохта шудааст ва пасвандҳо бо чӣ маъно калима сохтаанл. Тахаллуси "Ҷомӣ" аз "Марвазӣ" аз лиҳози сохт чӣ тафовут дорад?

Яке аз масъалаҳои мушкил ва баҳсноки забони тоҷикӣ имло ва талаффузи ҳарфи "ӯ" ба шумор меравад, зеро ин овоз дар як миқдор лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ равшан талаффуз намешавад.

## 1. ДОИР БА ФАСЛИ ФОНЕТИКА, ИМЛО, ТАЛАФФУЗИ БЕНУҚСОН

Дар ин "Раҳнамои омӯзгор" қарор додем, ки дар бораи ҳар як мавзӯи дарс таваққуф накарда, дар масъалаҳои умдаи забони тоҷикӣ бештар ба ҷанбаҳое таваҷҷӯҳ карда шавад, ки аз лиҳози назарӣ ё усули таълими он мушкиле вуҷуд дорад. Чунончи, дар бобати такрори фонетикаи забони тоҷикӣ, масъалаҳои баҳсноки имлои овозҳо баъзе мулоҳизаҳо баён карда мешаванд.

Яке аз масъалаҳои баҳснок чӣ гуна овозро ифода кардани ҳарфи "ӣ" ва чӣ ном бурдани он: "и"-и дароз ё заданок аст. Ба андешаи ман, ин ҳарф дар охири кадима бештар заданок талаффуз шавад ҳам, хусусияти устувор, кӯтоҳ ё фурӯгузор нашудани он ба унвони "и"-*и дароз* муносибтар аст. Сарфи назар аз чӣ гуна ном бурдани он ҳарф, муҳимтар аз ҳама ин аст, ки имлои онро хонандагон хеле ба мушкилӣ ёд мегиранд. Бинобар ин дар китоб панҷ қоидаи навишти он ҳарфро зикр намуда (саҳ.7), чор саволу супориш пешниҳод кардем.

Барои он ки мавридҳои корбурди он дар хотири шогирдон беҳтар нақш бандад, ба супориши 1 (саҳ.7) илова кардан мумкин аст, ки хонандагон ба мисли *нек-ӣ* аз сифати аслӣ бо пасванди *-ӣ* исмҳои маънӣ созанд, мисли *бофандагӣ* исми касбу кор ва мисли "корҳои *саҳроӣ*" ибораҳое созед, ки дар онҳо аз исм (мисли *саҳро)* бо пасванди *-ӣ* (*-гӣ, -вӣ*) сифатҳои нисбӣ ва мисли Абӯабдуллоҳи *Рӯдакӣ* аз исми макон (Панҷрӯд) тахаллусҳо сохта шуда бошанд.

Бояд дар хотир дошт, ки йотбарсари "е" дар як маврид як овоз "э", дар мавриди дигар мутобиқи маънои истилоҳи "йотбарсар" ду овоз "йэ" хонда мешавад:

Баҳорон гул шудам, аз хеш рӯйидам, Ба уммеде ки бӯедам, Ғубори раҳ шудам дар роҳи дилёбӣ, ба уммеде ки гӯедам (М.Қаноат);

Йотбарсари "е" дар калимаҳои *хеш, уммеде* як овоз (*хэш, уммэдэ)*, аммо дар феълҳои *бӯедам, гӯедам* ду овоз (*бӯйэдам, гӯйэдам*) талаффуз мешавад. Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки дар алифбои забони тоҷикӣ мисли забони русӣ чор йотбарсар вуҷуд дорад: **я, е, ю, ё**. Азбаски дар забони тоҷикӣ йотбарсари панҷум қабул нашудааст, дар матни боло феъли *рӯ**йи**дам* бо ду ҳарф (***йи***) навишта шудааст. Мисли ҳамин калимаҳои ***йи**гит*, *та**ғйи**р*, таъ**йи**н ва ғайра бо ду ҳарф (**йи**) навишта мешаванд.

Дар супориши 12 (саҳ. 13 - 14) ба навишту талаффузи калимаҳои *машаққат, мазаллат* ва *заррин* ишора кардем, ки аз онҳо маънои *мазаллат* ба хонандагон чандон маълум нест. Агар дар матн чунин калимаҳои мушкилфаҳм дучор оянд, хонандагон шояд аз рӯйи луғатҳо маъноҳояшонро донанд, агар ин ба онҳо муяссар нашавад, омӯзгор бояд мадад расонад.

Дар матни ҳамин супориш аввал феъли *бираҳӣ*, сипас *раҳоӣ ёбӣ* ба кор бурда шудааст. Гумон аст, ки хонанда тафовути маъноҳои "*раҳо шудан"* ва "*раҳоӣ ёфтан"* ва "*раҳо кардан"* ва "*раҳоӣ додан"*-ро ба осонӣ дарк намояд. Дар супориши мазкур ду савол пешниҳод шудааст: Калимаҳои *раҳоӣ* ва *раҳо* аз ҷиҳати таркиби овозӣ чӣ қаробат доранд ва чунин калимаҳоро чӣ меноманд? Феъли "*раҳоӣ ёфтан"* аз "*раҳо шудан"* чӣ тафовути маъноӣ дорад?

С. Айнӣ дар шарҳи ғалати ҷумлаи "...ватанро раҳо кард ва ҷаҳонро ҳам раҳо намуд" навиштааст:

"Дар ин ҷо тарҷумон "раҳо кард" ва "раҳо намуд"-ро ба маънои озод кардан кор фармудааст ва ҳол он ки маънои ин калимаҳо "сар дод" гуфтан аст. Суханон ҳарчанд аз як реша бошанд ҳам, басо мешавад, ки дар шакли корфармоӣ маънии дигар пайдо мекунанд. Дар ин ҷо ҳам ҳамин тарз аст: "раҳонид" ба маънои "озод кард" меояд, аммо "раҳо кард" ва "раҳо намуд" ба маънои "сар додан" меояд. Агар касе чизеро маҳкам дошта ё баста нигоҳ дошта истода бошад ва баъд аз он он чизро ба ҳоли худ гузорад, "раҳо кард" ва "раҳо намуд" мегӯянд. Аммо, агар дар банде ё таҳлукае бошад ва касе он чизро аз он банд ё таҳлуқа халос кунад, "раҳонид" мегӯянд" (Тарҷума ва балоғати сухан". – Душанбе, 2004. – Ҷ. 1. – С.115). Ҳамчунин нигаред ба дастури таълими Камолиддинов Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот. – Душанбе: Пойтахт, 2015. – С.68-69).

Ба саволи аввал, ки "раҳоӣ" ва "раҳо" чӣ гуна калимаанд, ҷавоб, ба гуфти устод Айнӣ, "суханон ҳарчанд аз як реша бошанд ҳам, басо мешавад, ки дар шакли корфармоӣ маънии дигар пайдо мекунанд". Чунин калимаҳоро, ҳамреша бошанд, *пароним*, аз решаҳои гуногун бошанд, *паронимазия* меноманд. Ин гуна калимаҳои аз ҷиҳати таркиби овозӣ ба ҳам наздикро забону адабиётшинос Т.Зеҳнӣ "калимаҳои наздикталаффуз" гуфтааст.

Супориш: Дар матнҳои зерин феъли *раҳо кард* магар бамавқеъ кор фармуда шудааст? Онро чӣ тарз ислоҳ кардан мумкин аст?

1.Бобои Файзалӣ... дар сафарҳои якҷоя ба шахсоне, ки ному сурудҳои устод дар зиндагиашон нақши тақдирсоз дошта, баъзе онҳоро аз хатари нобудшавӣ *раҳо кардааст*, вохӯрда, суҳбат кардааст; 2. Ман бошам, аз алами ин суруд ва ҳукме, ки ба ман эълон шуда буд, чунон дилхун шуда будам, ки мехостам Худованд ҷонамро гирифта, қалбу рӯҳамро аз алами ҷонгудоз *раҳо гардонад* ("Адабиёт ва санъат", 18.05.2017);

Истилоҳи *салосат* дар санъати сухан, услубшиносӣ ва ҳусни баён суфтаву равонии калима, ибораву ҷумла аст. Салосати калима ва калом ба ҳамнишинии овозҳои садоноку ҳамсадо вобаста аст. Дар калима ҳамсадоҳои ҳаммахраҷ ҳампаҳлу оянд ё дар таркиби калима такрор шаванд, ба осон ва равон талаффуз кардан халал ворид мегардад. Масалан, дар калимаи "савфат" ҳампаҳлу афтодани ҳамсадоҳои ҳаммахраҷи

“в” ва “ф” талаффузро мушкил мекунанд. Чунин нуқсонро *танофур* ё *танофири калима* номидаанд. Калимаи *иштиҳо* бо пасванди шаклсози “-ҳо” дар шакли ҷамъ ояд: *иштиҳоҳо* ду маротиба ҳампаҳлу такрор шудани он, яъне “-ҳоҳо” талаффузро мушкил мегардонад.

Муаллифи китоби «Сабкшиносӣ» Маликушшуаро Баҳор як байти «Шоҳнома»-ро чунин шарҳ медиҳад:

*Бигуррид гурридане* чун паланг,
Чу бедор шуд, андаромад ба ҷанг.

Дар калимаҳои «биғуррид» ва «ғурридане» ташдиди ҳамсадои «р» ҳолати хашмгинӣ ва омода будани палангро ба ҷанг хеле барҷаста муҷассам месозад. Аз тасвири зерин ба туфайли ин овоз хонанда ҳолати омодагии палангро бо чашм «мебинад» ва хашмгинона ғурридани онро бо гӯш «мешунавад».

Дар калимаҳои тасвирӣ ё тақлиди овозӣ низ ҳамин хусусият эҳсос мешавад. Бинобар ин дар адабиёти бачагона чун воситаи муассири тасвир ин гуна калимаҳо фаровон истифода бурда мешаванд:

Духтур баробари намоён шудан аз ҳамон ҷо (аз сари баландӣ), аз масофаи тақрибан панҷсад-шашсад метр ба тамоми кӯҳсор ғулғула андохта фарёд мекашид: “Маҳмадшар-и-и-и-иф!....Фотимаапа-а-а-а!! Духту-у-р омад! Духту-у-ур ома-а-ад! Духту-у-ур! (Ҷ.Акобир).

## 2. ДОИР БА ФАСЛИ ЛЕКСИКА

Дар ин фасли китоби дарсӣ доир ба таркиби луғавии забон мухтасар, вале дар бораи хусусиятҳои маъноӣ (категорияҳои семантикӣ) ва услубии воҳидҳои луғавӣ маълумоти бештар дода шудааст.

Аз муқоисаи ду матне, ки яке ҳикоят аз “Баҳористон”-и Абдураҳмони Ҷомӣ буда, дигаре тасвири як лаҳзаи табиати кӯҳистон дар фасли баҳор аз романи “Дохунда”-и Садриддин Айнӣ аст, равшан дарк намудан мумкин аст, ки дар забоии адабии имрӯзаи мо аз лиҳози таркиби луғавӣ чӣ тағйирот ба миён омадааст:

Аз “Баҳористон” (Супориши 14, саҳ. 18-19):

Дарвеше қавиҳиммат ба подшоҳе соҳибшавкат тариқаи *ихтилот* ва собиқаи *инбисот* дошт. Рӯзе аз вай нисбат ба худ гаронӣ *тафарруҷ кард*. Ҳарчанд *таҷассус намуд*, ҷуз *касрат*и тараддуд ва бисёрии омадшуд онро сабабе наёфт. Доман аз *ихтилот*и ӯ дарчид ва бисоти *инбисот* аз ӯ дарнавардид. Рӯзе он подшоҳро бо вай дар *мамаре* иттифоқи мулоқот афтод. Забон ба мулоқот бикушод, ки:

--Э дарвеш, мӯҷиб чист, ки аз мо бибуридӣ ва қадам аз омадшуди мо даркашидӣ?

Гуфт:

--Мӯҷиб он, ки донистам, ки аз сабаби наомадан суол беҳ ки аз ҷиҳати омадан изҳори малол.

Дар ин матн маънои калимаҳои иқтибосии арабии *ихтилот, инбисот, касрат, мамар, тараддуд* ва феълҳои бо калимаҳои арабӣ сохташудаи *тафарруҷ кард, таҷассус намуд* ба хонандаи имрӯзаи мо нофаҳмост. Маънои калимаҳои мураккаби *қавиҳиммат, соҳибшавкат* ва ифодаҳои маҷозии “доман аз ихтилоти ӯ дарчид”, “бисоти инбисот аз ӯ дарнавардад”-ро аз рӯйи мазмуни матн шояд як навъ пай барад. Маънои он ҳама калимаю ифодаҳо, ки бо тақозои сабки нигориш ва завқи хонандаи ҳамонзамона дар матни ҳикоят корбурд шудаанд, гумон аст, ки ба ҷуз доираи маҳдуди аҳли илму фарҳанги ҳамондавра барои аксари мардум комилан фаҳмо ва қобили қабул буда бошанд.

Ин тафовути сабки нигориш дар муқоиса ба намунаи зерини насри бадеии имрӯза боз ҳам равшантар падидор мегардад:

Ин андешаҳо ва мулоҳизаҳо хирмани сабр ва шикебоии Бибиоишаро ба бод медод. Баъд аз соате, ки Одина аз хона дур шуд, Бибиоиша хост ба ҳой-ҳой гириста нола ва фарёд бароварад, лекин, аз он ҷое ки ин гуна фарёди бемаҳал сабаби фош

гардидани рози Одина ва боиси гирифториаш мешуд, ночор оҳи сарде аз дили пурдард кашида, лаб фурӯ баст. Аммо чунон лаб фурӯ бастане, ки дарунаш аз оташи ҷудоӣ ва фироқ чун кӯраи ангиштгарон аланга мезад. Оре, аз ду чашми хунбораш сиришк равон шуда, кӯшиш мекард, ки ин оташро ба қадре фурӯ нишонад (С.Айнӣ).

Дар ҳар ду матн ҳам устодони каломи бадеъ аз санъатҳои лафзию маънавӣ ва имконоти услубии рангин ва муассир ифода кардани фикр истифода бурдаанд. Дар матни аввал Ҷомӣ аз санъати саҷъ: дарвеше қавиҳиммат -- подшоҳе соҳибшавкат, тариқаи *ихтилот* -- собиқаи *инбисот,* аз *ихтилот*и ӯ *дарчид* -- бисоти *инбисот* аз ӯ *дарнавардид*, аз мо *бибуридӣ* --қадам аз омадшуди мо *даркашидӣ,* аз сабаби наомадан *суол* беҳ ки аз ҷиҳати омадан изҳори *малол.* Матни аввал сар то по насри мусаҷҷаъ аст. Шояд маҳз бо тақозои санъати саҷъ адиб калимаҳои камистеъмоли *ихтилот, инбисот* ва *дарнавардид*ро ба кор бурдааст.

Аммо С.Айнӣ аз ин санъат дар як маврид: "оҳи *сард*е аз дили *пурдард* кашида*"* истифода бурдааст, ки *оҳи сард* ва *дили пурдард* таъбирҳои маъмули мардумианд. Ибораҳои рехтаи *хирмани сабрро ба бод додан, лаб фурӯ бастан*, ифодаҳои маҷозии *хирмани сабр, оҳи сард, оташи ҷудоӣ, чашми хунбор* ва ташбеҳи *чун кӯраи ангиштгарон аланга задан* ба тасвир ҳусну малоҳати дигар бахшидаанд.

Агар Абдураҳмони Ҷомӣ аз калимаҳои ҳаммаънои *ихтилот* ва *омадшуд*, *касорат* ва *бисёрӣ*, *мӯҷиб* ва *сабаб*ро ба кор бурда бошад, Садриддин Айнӣ ҳам муродифҳои *андешаҳо* ва *мулоҳизаҳо*, *сабр* ва *шикебоӣ*, *нола* ва *фарёд*, *сабаби* фош гардидани роз ва *боиси* гирифторӣ, *ҷудоӣ* ва *фироқ*ро бо мақсадҳои гуногуни услубӣ кор фармудааст. Бар замми ин, аз санъати такрори силсилабанд: "...ночор оҳи сарде аз дили пурдард кашида *лаб фурӯ баст*. Аммо чунон *лаб фурӯ бастане*..." моҳирона истифода бурдааст.

Хусусиятҳои сермаъноӣ, ҳамгунагӣ (омоним, пароним, паронимазия), муқобилмаъноӣ (антоним) воситаҳои рангин ва муассири вожаҳо ба шумор мераванд ва дар услуби бадеӣ ва дар жанри публисистӣ-бадеӣ истифода мешаванд. Ҳаммаъноӣ ё муродифот дар ҳамаи воҳидҳои забон: луғавӣ, фразеологӣ, калимасозию таркиббандӣ, морфологию синтаксисӣ мавҷуд аст ва он ба интихоб ва мавқеи истифодаи воҳидҳои гуногуни ҳаммаънои забон алоқамандӣ дошта, дар услубшиносӣ ва ҳусни баён аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Ҷараёни инкишофи луғавӣ, калимасозию шаклсозӣ ва ибораю ҷумлабандӣ ҳам ба масъалаи муродифот вобаста аст, зеро ҳар таҳаввулоте дар таркиби луғавии забон ё сохтори грамматикии он ба вуҷуд ояд, вай дар силсилаи муродифот ва вариантҳо рӯй медиҳад. Чунончи, вақте ки як муъҷизаи техникӣ ба кайҳон бароварда шуду дар меҳвари сайёраи Замин давр задан гирифт, дар забони тоҷикӣ онро аввал *мушак*, баъд *ҳамроҳи замин*, *ҳамроҳи сунъии замин*, *ҳамроҳи маснӯи замин* гуфтанд ва дар охир ба лафзи офарандаи он муъҷиза ба истилоҳи "спутник" қарор гирифтанд.

Бисёр ғалатҳои луғавию грамматикии забон аз надонистани тобишҳои маъноӣ ва обуранги услубию ҳиссии воҳидҳои ҳаммаъно, надонистани сесаду шасту панҷ паҳлуи ҳар сухан ва мавқеъҳои истифодаи онҳо рӯй медиҳанд. Аз ҳамин сабаб дар ин китоби дарсӣ ба муродифоти воҳидҳои луғавию фразеологӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир гардид. Маълумоти муродифоти воҳидҳои грамматикии забонро ба китоб илова намудем. Сабаб ин аст, ки масъалаи муродифоти грамматикӣ на танҳо дар забоншиносии мо, балки дар забоншиносии умумӣ низ ҳамаҷониба таҳқиқ нашуда буд. Ҳол он ки дар чорчӯбаи забони адабӣ ва дар қолаби созгори наҳвӣ ифода кардани фикр ба хонанда на ҳамеша ба осонӣ муяссар мегардад. Интихоб ва бамавқеъ истифода бурда тавонистани қолабҳои барои ифодаи дақиқи матлаб мувофиқ хуб донистани муродифоти грамматикиро талаб мекунад.

Илова бар он маълумоте, ки доир ба ин мавзӯъ додаем, лозим донистем, ки вазифаҳои муродифоти луғавиро дар услубҳои мухталифи баёни фикр хотирнишон кунем. Муродифҳои луғавӣ яке аз воситаҳои муҳимми услубии забони тоҷикист. Дар

ҳама услубҳои нутқ ҳангоми интихоб ва мавқеи кор фармудани калима ба силсилаи муродифҳо рӯй меоваранд. Бинобар ин муродифҳои луғавӣ дар як услуби нутқ маҳдудтар, дар услуби нутқи дигар ҳарчи мукаммалтар истифода мешаванд. Чунончи, дар услубҳои расмӣ ва илмӣ доираи истеъмоли муродифҳо хеле маҳдуд аст.

Калимаҳои ҳаммаъно ба тарзи гуногун ва бо мақсадҳои мухталиф ба кор бурда мешавад:

1.Муродифоти луғавӣ барои фасеҳ ифода кардани фикр хизмат мекунад, чунки муродифоти луғавӣ бо тобиши нозуки маъно аз ҳамдигар фарқ дорад. Чунин тобишҳои нозуки маъно ба инобат гирифта нашавад, фикр равшан ифода намешавад ва ғалати луғавӣ сар мезанад.

Аҳмади Дониш бодиққат он рақамҳоро *аз назар мегузаронид*. Гоҳо ба соат *нигоҳ карда*, баъд аз он ба осмони соф, ки дар вай моҳи пурра нур мепошид, *чашм медӯхт* (С. А.).

Дар ин матн муродиф шудани воҳиди луғавии *нигоҳ кардан* бо воҳидҳои фразеологии *аз назар гузарондан* ва *чашм дӯхтан* мушоҳида мешавад. С.Айнӣ тафовути маъноии ҳар кадоми он муродифҳоро ба назар гирифта, тарзе дар мавқеи худ кор фармудааст, ки якеро ба ҷойи дигаре гузоштан тамоман ғайриимкон аст.

Ба бӯстон *рав*, ки аз булбул тариқи ишқ *гирӣ ёд*,
Ба маҷлис *ой*, ки аз Ҳофиз сухан гуфтан ***биомӯзӣ*** (Ҳофиз).

Дар ин матн феълҳои *ёд гирифтан* ва *омӯхтан* ба як маънои умумӣ далолат мекунанд. Аммо аз лиҳози обуранги услубӣ аз ҳамдигар тавовут доранд: *ёд гирифтан* доираи васеи маъноӣ дорад, бештар дар забони гуфтугӯ ба кор бурда мешавад, доираи маъноии феъли *омӯхтан* нисбатан маҳдуд аст, обуранги адабии китобӣ дорад, бештар дар муоширати орифона ба кор бурда мешавад.

Хусусияти дигари қобили таваҷҷуҳ дар байт ин аст, ки феълҳои *рафтан* ва *омадан* маънои ҳаракати акси ҳамдигарро ифода мекунанд ва антоними феълиянд. Аҷибтар ин аст, ки ҳамин калимаҳои муқобилмаъно дар матн хусусияти ҳаммаъноӣ зоҳир намудааст ва озод ҳамдигарро иваз карда метавонанд.

2. Муродифҳо бо обуранги услубӣ, ҳиссӣ, замонӣ ва маҳаллӣ аз ҳамдигар фарқ намуда, мавқеи истеъмоли калимаҳоро таъйин мекунанд. Дар сурати сарфи назар кардани ин хусусияти услубии муродифҳо ғалати услубӣ ба миён меояд, ки мақоли «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад» ба ҳамин хусусият ишора мекунад. Мисли ҳамин сифати *ғамгин* умумиистеъмол, *андӯҳгин* хоси услуби баланди адабии китобӣ, *зиқ* гуфтугӯӣ ё омиёна аст. Дар гуфтори симои асари бадеӣ сифати *зиқ* муносибтар аст:

--Ман ҳам тамоку мекашидам. Бас кардам, акнун орому осудаам.

--Гапатон ҳақ, аммо бе ин *зиқ мешавӣ*. (Л.Толстой).

Аз бозе, ки ин қарзро ман аз вай гирифтам, аҷаб нест, ки ҳар шаб ба болои ҳамин пул фикр кунад, бинобар ин аз ҳама пештар хотирҷамъ кардани *пираки*ро лозим донистам (С.А.); Шояд аломати пирӣ бошад ки, баъзе одамон дар дами пирӣ ба бемории *насиҳатхонӣ* гирифтор шуда, баҳудаю беҳуда атрофиёнро панд меомӯзанд (“Адабиёт ва санъат”, 4.08.2016);

Калимаи *дарбеҳ кардан* адабии умумиистеъмол, аммо *ямоқ кардан, пориса* хоси гурӯҳи лаҳҷаҳо буда, обуранги услубии маҳал дорад: ...севумӣ порчаҳои қанорҳои даридаро ғундошта омадааст, ки бо онҳо либосҳои порашударо *ямоқ кунад* (С.А.); ...келинҳоямон баъди як ҳафта чунон ҷангу ҷанҷол (? ҷидол) бардоштанд, ки ман ғайри баромада рафтан аз *порисаи* падарӣ чораи дигар наёфтам (Рӯзнома).

3. Муродифоти луғавӣ барои рангин ва пурҷозиба ифода кардани фикр кумак мерасонанд: Аз ин *навиди* муборак, ки ногаҳон расид, *Башорат*е ба дилу *мужда*е ба ҷон расид (Восифӣ); Кӯл *бисёр хушнамуд* буд. Таҳрир: Кӯл *хеле назаррабо* буд (С.У.,“Ғурмагас”); *Субҳи содиқ дамид* ва *гирандаи рӯз гиребони ҳиндуи шабро чун пардаи рози ошиқон бидарид* (Восифӣ).

4. Муродифҳои луғавӣ барои шарҳи калимаи ҳаммаънои дигаре меоянд: --Ба ман ин чархро осиёбони осиёи лаби рӯд супориш (заказ) карда буд, ки дар як ҳафта тайёр карда диҳам; Аҳволи ӯ ба аҳволи *ҷонкани*и падарам монанд буд (ӯро баъд аз ман 75 чӯб зада, оварда, партофта буданд) (С.Айнӣ);

5. Муродифоти луғавӣ бо мақсади гурез аз такрор истифода мешаванд. Эҳтироз (гурез) аз такрори калима хусусияти услуби бадеӣ ва публисистӣ аст: Шумо аз вай суол кунед, ки ин моҳӣ *музаккар* аст ё муаннас. Агар гӯяд, ки *нар* аст, гӯем, ки *модаи* ӯро *биёр*, то ҳазор динор бидиҳем. Агар гӯяд, *мода* аст, гӯем, *нарри* онро *ҳозир гардон* (Восифӣ);

Супориш: Чаро С. Айнӣ ҳангоми таҳрири матни асарҳои тарҷумавӣ калимаҳоро чунин ислоҳ кардааст? Хаттӣ шарҳ диҳед.

Командири полк *гавда*ашро рост дошта... – *қомат*и худро...; ...муваффақиятҳои калони ӯро *интизор доштанд –... интизорӣ* ё *мунтазир буданд*; *...байтал*и босавлати худро оҳиста ронда – *модиёни...*; ...назди *мирзо* сари ду по нишаста – назди *котиб...*; Асп *почак мезад* -- *...пояк мезад*; Княздухтар *оҳе гуфту* салиб кашид -- *...оҳе кашида*; аз *парешонхотирӣ* ҳеҷ чиз нахӯрда – аз *парешонҳолӣ..*; *ақрабак*ҳои соат – *мил*ҳои соат; *роҳҳои гузар*ро банд кардаанд – *гузаргоҳҳо*ро...; суханҳои *шуҷоатомез – шуҷоатангез* ё *шуҷоатбахшо*.

Супориш: Чаро С. Айнӣ Ҳангоми таҳрири забони матни асарҳои худ як миқдор калимаю таркибҳоро бо муродифи дигарашон иваз кардааст? Сабаби чунин амали муаллифи асарро хаттӣ шарҳ диҳед.

С.Айнӣ ба ҷойи салла -- *дастор*, муллобача -- *талаба*, ука – *додар*, каллапӯш – *тоқия,* даракдод -- *пешниҳод*, пул карда диҳам -- *фурӯхта диҳам*, каклик -- *кабк*, киса -- *ҷайб*, яла кардан – *кушодан*, ғун кардан -- *ҷамъ кардан*, навқончинӣ -- *саракчинӣ*, ёзидан – *хобидан*, нигарон шудан -- *мунтазир шудан*, тиққондан -- *андохтан*ро беҳтар донистааст (Аз рӯйи мақолаи илмии С.Салоҳ).

Боз чанд намунаи дигар:

Тухми киштро, ки аз Абдураҳимбой қарз гирифта будем, аз сари хирман дучанд карда ба ӯ додем, молиёти замин (андоз) ва даҳяки вақфро амлокдори хонасӯхта ва иҷорадори худобехабар садчанд карда *гирифтанд* ва андози ҳосили дар соли вабо ба сабаби беҳосилӣ нарӯйидаро ҳам ба ҳосили соли гузашта зам карда *ситонданд* (С.Айнӣ); Бо *зиёд шудани* нигораву ашёҳо теъдоди зиёраткунандагони осорхона аз ҳисоби шаҳрвандони дохилӣ ва берунӣ *рӯ ба афзоиш ниҳод* («Адабиёт ва санъат», 22.09.2016);

--Мардак, магар *девона шудӣ* ки, хиштҳои *бо арақи ҷабин* рехтаи маро вайрон мекунӣ?;

--Ту, аблаҳ, магар *ақлатро хӯрдаӣ* ки, шеърҳои *бо хуни ҷигар* навиштаи маро ғалат мехонӣ? (А.Афсаҳзод);

Дар ин матнҳо воҳидҳои луғавии *гирифтан* бо *ситондан*, *зиёд шудан* бо воҳиди фразеологии *рӯ ба афзоиш ниҳодан*, *девона шудан* бо *ақлро хӯрдан*, фразеологизмҳои *арақи ҷабин* ва *хуни ҷигар* бо ҳамдигар муродиф буда, бо мақсади худдорӣ кардан аз забонзада шудани сухан истифода шудаанд.

Бояд дар назар дошт, ки гоҳе бо мақсади парҳез аз такрор ноилоҷ калима ё таркибҳое кор фармуда шудаанд, ки ба меъёри забони адабӣ мувофиқ намеоянд:

Марзбон *забони балхиро намедонист...* Зани бечора низ *ба забони мурғон доно набуд*; “Эй марзбон, магар ту *аз хониши ин мурғон чизе намефаҳмӣ*?” Марзбон гуфт: “Ман маънии ин суханон *фаҳм намекунам* (“Калила ва Димна”).

Дар забони тоҷикӣ феъли *фаҳмидан (нафаҳмидан)* вуҷуд дорад, вале “фаҳм накардан”-ро касе нашунидааст. Мисли ҳамин, забонеро *донистан* ё *надонистан* вуҷуд дорад, аммо ба забоне *доно набудан* низ мисли *фаҳм кардан* ифодаи сунъист.

Муродифоти истилоҳ баробармаъност. Ҳарчанд бо якчанд истилоҳ ифода кардани як мафҳуми илмӣ хилофи талаботи услуби нигориши илмист, барои осонии таълим дар услуби илмии оммавӣ ба кор бурдани шарҳи истилоҳ бо муродиф дар қавсайн ё повараки асар ё мақолаи илмӣ ҷоиз аст. Чунон ки дар илми забоншиносии умумӣ истилоҳҳои ҳаммаънои *языкознание* ва *лингвистика* ба кор бурда мешавад, дар забоншиносии мо ҳам муродифҳои *филология ( суханшиносӣ), калима ( вожа), грамматика (дастур), морфология (/ сарф), синтаксис (наҳв), префикс ( пешванд), суффикс ( пасванд), инфикс ( ванд)* ва ғайра ба кор бурда мешавад.

Дар ифодаи мафҳумҳои ғайриилмӣ ҳам муродифҳои баробармаъно вуҷуд доранд: *офтоб ( хуршед), моҳ ( қамар), ситора ( кавкаб), ҳамеша (доим)* ва амсоли инҳо. Забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ ба корбурди ин гуна муродифҳо ҳам эҳтиёҷ дорад, зеро онҳо аз лиҳози тобишҳои маъно, дараҷа ва мавқеи истифода аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Агар муродифҳо безарурат истифода шуда бошанд, дар баёни фикр такрори маъно, ҳашви қабеҳ рӯй медиҳад. Бинобар ин ҳангоми таълими мавзӯи муродифоти воҳидҳои ҳаммаънои забон таъкид бояд кард, ки хонандагон дар баёни шифоҳӣ ё хаттии фикр аз такрори маъноӣ худдорӣ кунанд. Барои намуна чанд мисол меоварем:

Як тафовути дигар дар такрори воҳидҳои грамматикии забон дар китоби дарсӣ ин аст, ки баробари омӯзонидани роҳҳои дурусти корбурди унсурҳои шаклсозӣ ва воситаҳои алоқаи калима ва ҷумла баъзе ғалатҳои маъмул, ки дар корҳои хаттии хонандагон ва дар забони матбуоти имрӯза мушоҳида мешаванд, ба тариқи шарҳу тавзеҳи ҷудогона ва саволу супоришҳо хотирнишон мешаванд. Чунончи, дар супориши 81 (саҳ.80-81) омадааст: Дар кор фармудани пешоянду пасояндҳои ҷумлаҳои зерин чӣ ғалат содир шудааст? 1. Ҳимояи дастовардҳои мардуми кишварамон, пеш аз ҳама, аз шумо – кормандони умури дохилӣ, вобаста аст. Дар ин матн пешоянди *аз* ғалат кор фармуда шудааст. Ин хато ба ҳадде дар забонамон паҳн шудааст, ки, шояд, баъзе омӯзгорон ҳам пай набаранд, ки дар он чӣ саҳв рӯй додааст. Аммо ин ғалат дар асари академик М.Шакурӣ “Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад” қайд шудааст. Устод ба он фасл ҳатто чунин сарлавҳа “*Вобаста **аз*** не, *вобаста **ба***” гузошта, шарҳ додаанд:

“Бояд гуфт, ки дар ин мавридҳо фақат бо пешоянди **ба** омадани *вобаста* дуруст аст, аммо бо пешоянди **аз** омадани онро дуруст шуморидан ҳаргиз мумкин нест. Чаро ки *вобаста* аз феъли *бастан* аст ва ҳол он ки *бастан* ба тоҷикӣ пешоянди **ба** талаб дорад: одатан *чизеро **ба** чизе мебанданд*, аммо *чизеро **аз** чизе бастан* дар забони мо нест. Пас ин ҳама “*вобаста **аз***”-ҳо аз куҷо пайдо шуд? Сарчашмаи онҳо ибораи русии “*зависит **от”*** мебошад... Онҳое, ки ин қолабро истифода менамоянд, фаромӯш мекунанд, ки **дар ибораи тоҷикӣ пешояндро бояд феъли тоҷикӣ муайян кунад** (ишораи мо – К.Б.) на феъли русӣ. Модом ки ибораи тоҷикӣ аз феъли *бастан* гирифта шудааст, пас пешоянди он ҳам бояд мувофиқи ин феъл бошад” (00,248).

Бояд қайд намуд, ки чунин андешаи академик М.Шакурӣ: **“***дар ибораи тоҷикӣ пешояндро бояд феъли тоҷикӣ муайян кунад”* дар ягон китоби дарсии мактабии мо зикр наёфтааст, бинобар ин дар гуфтору навиштори имрӯзаи мо чунин ғалат пайдо шудааст. Ин нуктаи илмиро ба хонандагону донишҷӯён ёд додан чандон мушкил нест. Барои мисол, ба хонандагон чунин ҷумла пешниҳод кунед: *Ман омадам.* Аз хонандагон пурсед, ки феъли *омадан* ба кадом пешояндҳо эҳтиёҷ дорад? *Ман **аз*** куҷо, ***ба*** куҷо, ***барои*** чӣ,... *омадам*? Ҷумла чунин мешавад: Ман ***аз*** деҳа ***ба*** Душанбе ***барои*** таҳсил кардан омадам. Намунаи дигар: *Рафиқам пурсид. Рафиқам **аз*** кӣ, чи***ро***, ***дар*** куҷо, **барои** чӣ пурсид?

Як-ду намуна: Гавҳар аз остона ба дарун қадам монда, дар зери сӯзании девор, дар рӯйи кӯрпача як зани сафедрӯйи чашму абрусиёҳро дид (П.Т.)... Дар он феъли

таркибии *қадам мондан* ба шарҳи маънои “аз кучо?” ва “ба кучо?”, феъли содаи *дидан* ба шарҳи маънои “киро?” ва “дар кучо? эҳтиёч дорад”.

Дар китобҳои таълимии забони точикӣ то имрӯз дақиқ нагуфтаем, ки маънои грамматикии пешоянду пасоянд чист ва он бо феъл чӣ муносибат дорад. Маълум мешавад, ки маънои грамматикии пешоянду пасоянд вобастаи маънои феъл будааст. Масалан, феъли *дидан* аввал шарҳи пурсиши “киро?” ё “чиро?” ва “киҳоро?” ё “чиҳоро?”, сипас шарҳи саволи “дар кучо?”, “барои чӣ?” ва ғайраро талаб мекунад. Аз ҳамин сабаб дар чумлаи “Меҳмонон **аз** заводи арзиз **дидан карданд**” корбурди пешоянди “**аз”** ва феъли таркибии “*дидан кардан”*-ро ғалат ҳисоб мекунем. С.Айнӣ ҳам “Ман *Зарафшон**ро*** борҳо *дидаам* ва *манзараҳои он**ро*** дар Миёнколот ва Соктаре *тамошо кардаам*” гуфтааст, на “***аз*** Зарафшон борҳо ***дидан кардаам***”. Хонандаи мактаб ин нуктаи хеле муҳими назариро бояд донад.

## 3.ДОИР БА ФАСЛИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ

Дар фасли фразеология машқи 37 аз чунин супориш оғоз меёбад: Матни зеринро се нафар хонандагон (дар нақши муаллиф, Мурод ва Эшонқулбой) қироат кунанд. Сипас омӯзгор аз аҳли синф пурсад, ки кадом мафҳуми ҳолат ба тарзҳои гуногун ифода ёфтааст ва он ифодаҳо кадом воҳиди забонанд, аз чиҳати сохту таркиб, обуранги услубӣ аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд.

Баъд аз ягон соли хонадор шудани Мурод Фотимабибӣ мурд...

Дар охири матн саволҳои илова зикр ёфтаанд: 1. Муродифҳои *мурдан, вафот кардан* ва *аз дунё гузаштан* дар матни асари бадеӣ бо чӣ мақсад истифода шудаанд?

Аввалан, дар машқ баъд аз саволу супоришҳои асосӣ зам намудани саволу супоришҳои илова дар пайравӣ ба китобҳои дарсии забони русӣ сурат гирифтааст, ки, ба назари мо, дар такрори донишҳои қаблан андӯхтаи хонанда, такмилу мустаҳкам намудани он усули хеле судманди таълими забон ба шумор меравад. Мақсад аз истифодаи ин усул бори дигар ба хотири хонанда овардани он донишҳоест, ки дар зинаҳои поёнии таҳсил ба даст овардааст. Сониян, барои такрор ва мустаҳкам намудаи мавзӯъҳоест, ки дар китоби дарсии синфи 11 матраҳ мегарданд. Чунончи, дар пурсиши аввали боло мавзӯи муродифҳои луғавӣ (мурдан ва вафот кардан) ба хонанда маълум аст. Шояд ӯ намедонад, ки силсилаи муродифоти луғавӣ танҳо бо ҳаммаъноии калимаю таркибҳо маҳдуд намегардад, балки воҳидҳои фразеологиро ҳам фаро мегирад (аз дунё гузаштан). Барои гузаштан ба мавзӯи воҳидҳои фразеологӣ чунин матнҳо хеле созгоранд: “мурдан” ва “вафот кардан” воҳидҳои ҳаммаънои луғавӣ буда, аз дунё гузаштан ибораи рехта аст, ки ду калимаи мустақилмаъноро дар бар мегирад.

Саволи дуюм "Муродифҳои *мурдан* ва *вафот кардан* бо чӣ мақсад ба кор бурда шудаанд? Онҳо чӣ тафовути услубӣ доранд?” Хонанда дар бораи хусусиятҳои услубии калима ва категорияҳои маъноии он аз таҳсили зинаҳои поёнӣ аллакай тасаввурот дорад. Бори дигар ба хотир меоварад, ки феъли содаи *мурдан* бо феъли таркибии *вафот кардан* ҳаммаъност, аммо ҳар кадоми онҳо мавқеи хоси истифода дорад: Калимаи *мурдан* мафҳуми ҳолатро ошкоро ва нисбат ба марги одам дағал, беэҳтиромона, вале *вафот кардан* ҳамеша ба марги инсон нисбат дошта, он ҳолати ногуворро нарм ва боэҳтиромона ифода мекунад. Воҳиди фразеологии *аз дунё гузаштан* ҳамон ҳолати инсонро пӯшида ва образнок ифода кардааст. Бинобар ин муродифҳои *вафот кардан* ва *аз дунё гузаштан* бо обуранги ҳиссии мусбат (марги бошарафона), аз *мурдан,* ки обуранги ҳиссии манфӣ (марги бешарафона) дорад, фарқ мекунад. Вазифаи услубии ин муродифҳо равшан ифода намудани муносибати мусбат, бетарафона ва манфии гӯянда нисбат ба шахси фавтида аст.

Саволи сеюм: Чаро Мурод “аз дунё гузаштани модаркалонам” гуфтааст, вале бой “Як кампир мурд, мурд-дия”? Ҳадафи ин пурсиш равшантар ифода намудани мазмуни

саволи дуюм аст. Бисёр мушоҳида шудааст, ки хонандагон ба асли мақсад зуд сарфаҳм намераванд.

Саволи чорум: Муродифи *хонадор шудан* чист? Ин таркиби рехта аз лиҳози тарзи ифодаи амал ба воҳиди фразеологии *аз дунё гузаштан* шабоҳат дорад. Ҳар ду таъбир ҳам барои пӯшида ва малеҳ ифода кардани мафҳуми амал хизмат мекунад. Муродифи *хонадор шудан* оиладор шудан аст. Тарҷумони рус ҳангоми тарҷумаи як ҳикояи Ҳ.Карим маънои ин таркиби рехтаи забони тоҷикиро нафаҳмида, ҷумлаи "Писарам, хизмати ҳарбиро тамом карда ки омадӣ, ман туро хонадор мекунам"-ро «Сын мой, когда вернёшся из военной службы, я тебе построю дом» тарҷума кардааст.

Саволи панҷум дур аз мавзӯъ буда, бо мақсади бедор кардани завқи мутолиаи асарҳои бадеӣ дар дили хонандагон оварда шудааст: Муаллифи матн кист ва номи асар чист?

Дар матн пас аз ҷумлаҳое, ки дар таркибашон ибораҳои исмию масдарӣ ба вазифаи аъзои гуногуни ҷумла омадаанд, рақами 4 гузошта шудааст: ягон соли хонадор шудани Мурод, хабари аз дунё гузаштани модаркалонам, зуд рафтани ту.

Аломати 7 пеш аз ҳоли замони истисноии *яъне пеш аз як соат аз вақти муқаррарии ҳаррӯзааш* ва баъди ҳоли замони *пеш аз як соат аз фурӯ рафтани офтоб* гузоштани вергул ва пас аз калимаи *ҳаррӯза* рақами 6 ба имлои навишт ва талаффузи солим ишора мекунад. Ба андешаи мо, ин ҳама ба такрор ва пурратар намудани дониши хонандагон ёрӣ мерасонанд.

## 4. ДОИР БА ФАСЛИ МОРФОЛОГИЯ

Дар машқи 54-уми <u>фасли морфология</u> супоришҳо чунинанд: Аз матни ҳикоят исмҳоро (танҳову ҷамъ, хосу ҷинс, моддиву маънӣ, шахсу ғайришахс; аз ҷиҳати сохт: сода, сохта, мураккаб) гурӯҳбандӣ карда, ба дафтар нависед.

Исми **хос**: Туркистон; **ҷинс**: диёр, давлат, сабаб...; **моддӣ**: шиша, санг; **маънӣ**: ҷанг, такаббур, мулоимат...; **шахс**: подшоҳ, малик, арбобон...; **ғайришахс**: нома, ҷанг...; **сода**: шоҳ, хасм...; **сохта**: Туркистон.

Саволи якуми илова чунин аст: Кадом калимаҳо муродифи луғавианд ва ба кадом мақсад кор фармуда шудаанд? Ҷавоб: подшоҳ ( шоҳ, малик); нома (пайғом); душман ( хасм). Калимаи *подшоҳ* ду маротиба, *шоҳ* се бор ва *малик* як бор; *душман* ду маротиба ва *хасм* як бор; *нома* ва *пайғом* якмаротибагӣ бо мақсадӣ худдорӣ аз такрор ба кор бурда шудааст.

Ҷавоби саволи дуюм: "Ибораҳои *рӯй тофтан* ва *гардан тофтан* чӣ гуна воҳиди забонанд?" чунин хоҳад шуд: Бунёди воҳидҳои фразеологии феълии *рӯй тофтан* ва *гардан тофтан* феъли *тофтан* (*гардонидан*) буда, *рӯй гардонидан* (тофтан) инвариант (каринаи асосӣ) ва *гардан тофтан* варианти он аст. Қаринаҳои гуногуни таъбири фразеологӣ ҳам бо мақсади гурез аз такрор кор фармуда шудаанд. Фразеологизми *рӯй тофтан* низ қаринаи *рӯй гардондан* аст.

Ҷавоби пурсиши сеюм: "Дар "хасми мағрур аз ғояти такаббур" кадом санъати сухан истифода шудааст?" Ҷавоб: санъати лафзии саҷъ (ҳамқофия шудани калимаҳои *мағрур* ва *такаббур*) аст.

Ҷавоби саволи "Калимаи "гурӯҳ" чӣ гуна исм аст?" Ҷавоб: исми ҷомеи шахс аст.

Ба саволи охирини машқ: "Дар ифодаи "санг**ро** осебе нахоҳад расид" пасоянди **-ро** ба кадом вазифа кор фармуда шудааст?" чунин ҷавоб бояд дод: Дар ифодаи мафъули (объекти) бавосита: "**ба** санг осебе нахоҳад расид" омадааст.

Дар пурсиши илова танҳо саволи чорум марбут ба мавзӯи асосӣ буда, боқимонда барои такрор ва мустаҳкам намудани дониши хонандагон аз мавзӯъҳои гузашта хидмат мекунанд.

Дар ишораҳои рақами 2 бояд хонанда мустақилона ё бо мадади омӯзгор сохти калимаҳои "*соҳибшавқат*"," *адолатпарвар*", "*насиҳатомез*", "*мушфиқона*", "*саргардон*"-ро муайян намояд. Сифатҳои мураккаби соҳиб-*шафқат, адолат-парвар, насиҳат-омез, сар-гард-он* ва зарфи сохтаи *мушфиқ-она*ро аз ҷиҳати он, ки аз чӣ гуна морфемаҳо сохта шудаанд, муайян намоянд. Пас аз феъли *хезонд* рақами 3 ба таҳлили морфологӣ ишора мекунад: *хест* – феъли мондаи бевосита, *хез-он-д* феъли гузарандаи бавосита аст.

Рақами 4 ба таҳлили синтаксисии ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби дараҷагӣ ишора мекунад: ***Чун*** *шоҳ донист,* ***ки*** *душман аз итоат гардан тофтааст*, ба ӯ номаи насиҳатомези мушфиқона фиристод. Дар ин матн "ба ӯ номаи насиҳатомези мушфиқона фиристод" сарҷумла буда, ба он ҷумлаи пайрави сабаб (бо тобиши замон) "*Чун шоҳ донист*" бо пайвандаки ***чун*** ба сарҷумла ва ҷумлаи пайрави пуркунанда "*душман аз итоат гардан тофтааст*" бо пайвандаки ***ки*** ба ҷумлаи пайрави сабаб тобеъ шудааст. Боз ду ҷумлаи дигари бо рақами 4 ишорагардида бояд мисли намунаи боло таҳлили синтаксисӣ карда шаванд.

Хулоса, ҳадаф аз чунин супоришҳои илова ин аст, ки хонанда баъди як бор омӯхтани ягон масъалаи фонетикӣ, луғавӣ, фразеологӣ, калимасозӣ, морфологӣ ва синтаксисии забони тоҷикӣ бояд борҳо ба он баргардад ва дар ӯ чунин малакае ё салоҳияте ҳосил гардад, ки худ сохти калима ё шакли феълро тағйир дода, дар мавриди зарурат кор фармуда тавонад, яъне салоҳияти мустақилона истифода бурдани унсурҳои забони модарӣ пайдо намояд.

## 5. ДОИР БА ФАСЛИ СИНТАКСИС ВА АЛОМАТИ КИТОБАТ

Баъзе масъалаҳои назариро, ки мавриди эрод қарор гирифтаанд, мухтасар шарҳ медиҳем. Аз ҷумла, "**Синтаксис** истилоҳи юнонӣ буда, маънои **сохтан** дорад". Ин шарҳи маънои истилоҳи "синтаксис" аз луғатҳои забоншиносӣ оварда шудааст: "Синтаксис (от греч. syntaxis – построение, порядок) – 1) характерные для конкретных языков средства и правила создания речевых единиц…" (Лингвистический энциклопедический словарь. – М.: Советскя энциклопедия, 1990. – С.448). Ҳамин маънои истилоҳи "синтаксис"-ро дар таълими ин қисмати муҳими грамматикаи забони тоҷикӣ созгор донистем, зеро бо се пурсиши зерин моҳияти мавзӯи баҳси синтаксисро ба шогирдон омӯзонидан осонтар аст: 1) Синтаксис сохтани кадом воҳидҳоро меомӯзад? – ибора, ҷумлаи сода, ҷумлаи мураккаб ва матнро; 2) Ин воҳидҳо аз кадом унсурҳои забон сохта мешаванд? – Ибора аз калимаю таркибҳо, ҷумлаи сода аз калима, таркиб ва ибора, ҷумлаи мураккаб аз ҷумлаҳои сода, матн аз ҷумлаҳои содаю мураккаб; 3) Ҳамаи ин воҳидҳо чӣ тарз (бо кадом навъҳои алоқа ва воситаҳои грамматикии ифодаи онҳо) сохта мешаванд? Ба назари мо, ҳамин усули нисбатан осони фаҳмонидани ин масаъалаи назарии грамматикаро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ ба кор бурдан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки масъалаҳои назарии илми забоншиносӣ ҳам дар сатҳи солҳои чилуму панҷоҳуми садаи гузашта бетағйир намондаанд. Олимон асрори онро кашф намуда, нозукиҳои баёни фикрро ошкор кардаанд. Бас будагист шогирдонро тӯтивор такрор кунондани чунин қоидаҳои содалавҳона: "Дар куҷое пайвандаки "ки" ояд, пеш аз он вергул гузоред" ва ё "Ҳангоми хондани ҷумла дар куҷое ист кунед, ҳатман вергул гузоред". Ё ин ки аз таърифи "Гурӯҳи калимаҳои бо ҳамдигар алоқаманд ё калимаҳои ҷудогона, ки як фикри томро (тамомшударо) ифода мекунанд, ҷумла номида мешавад" моҳияти дар ҷумла ифода ёфтани фикр ошкор намегардад ва тафовути ҷумла аз калима, таркиб ва ибора ноаён мемонад. Магар барои омӯзгори имрӯза бар замми он таърифи маъмулии ҷумла дарк намудани чунин маълумоти назарӣ ва ба шогирдон фаҳмонадани он мушкилӣ мекунад?

"Ҷумларо воҳиди иртиботии (коммуникативии) наҳв меноманд, зеро бо ёрии он фикр ифода меёбад ва ба василаи ҷумла алоқаи фикрии одамон имконпазир мегардад.

Калима мафҳумҳои ҷудогонаро, ибора мафҳумҳои мураккабро ифода мекунад... Ҷумла ба воқеъ шудани амал, тасдиқ ё инкор кардан далолат менамояд, ки онро муносибати предикативӣ меноманд". Ҷумла маҳз бо хусусияти **ифодаи воқеъшавӣ** аз калима ё ибора фарқ мекунад. Масалан, *ҳаво* -- калима, *ҳавои гарм* -- ибора, аммо *Ҳаво гарм* ё *Ҳаво гарм аст (буд, мешавад, хоҳад шуд...)* ҷумла аст, зеро *гарм, гарм аст, гарм буд, гарм мешавад* ба воқеъшавии ҳолати ҳаво дар замоне далолат мекунад. Ифодаи модалият ва замон нишонаи ифодаи воқеъшавии амалу ҳолат ва аломат, бо истилоҳи наҳвӣ муносибати предикативӣ дар ҷумла аст.

Ҷумла ба воқеъ шудани амал, тасдиқ ё инкори он далолат карда метавонад, ки онро муносибати предикативӣ меноманд. Ҷумла маҳз бо хусусияти *ифодаи воқеъшавӣ* аз калима ё ибора фарқ мекунад. Агар калима ва ибора ҳам ба воқеият далолат кунад, ҷумла мешавад. Чунончи, ибораи "ҳангоми қиём" дар матни зерин ҷумла шудааст: Яке аз рӯзҳои ҷумъаи соли 1931 буд. Ҳангоми қиём. Дарахтон пар намезананд... Дар ин матн ибораи *ҳангоми қиём* пас аз ҷумлаи "Яке аз рӯзҳои ҷумъаи соли 1931 буд" омада, ба воқеият далолат карда, ҷумлаи унвонӣ шудааст: *Ҳангоми қиём.* Яъне *нимрӯзӣ буд.*

Ифодаи муносибати предикативӣ, яъне воқеъ шудани амал ё ҳолат дар ин китоб маълумоти нав аст, ки дар илми забоншиносӣ кайҳо исбот шуда, ба китобу дастурҳои таълимии забонҳои дигар ворид гардидааст. Шояд аз ҳамин сабаб барои баъзе омӯзгорон ҳам маънои "ифодаи воқеъшавӣ" норавшан монда бошад. Дар ҳама гуна ҷумла маҳз ҳамин мафҳуми рӯй додан ё воқеъ шудани (ё нашудани) амалу ҳолат, зоҳир гардидани аломат вуҷуд дорад, ки он ба чӣ андоза воқеӣ (реалӣ) будани амалу ҳолат (ифодаи маънои модалӣ), замони ба вуқӯъ омадани амалу аломат иртибот дорад, ки он асосан ба воситаи шаклҳои сиға ва замонии феъл ифода меёбад. Ҳамин хусусияти асосии ҷумларо боз чӣ тарз аз ин ҳам содатар ифода кардан мумкин аст, ки омӯзгорони забон худ бифаҳманд ва ба шогирдонашон фаҳмонанд?

Ё ин ки "Мубтадо дар аввали ҷумла, баъзан дар байн ва охири он меояд". Аз чунин маълумот ноаён мемонад, ки чаро мубтадо ҷойи муқаррарии худро ба дигар аъзои пайрав вогузошта, дар паҳлӯи хабар меояд: Омӯзгори нав / *ба мактаби деҳаи дурдасте омад* – Ба мактаби деҳаи дурдасте / *омӯзгори нав омад* (Ӯ.Кӯҳзод). Дар ҷумлаи аввал маълумоти нав, ки ҳадафи асосии гӯяндаро (Ба куҷо омад?) дар бар мегирад, "*ба мактаби дурдасте омад*" аст. Дар ҷумлаи дуюм, баръакс, маълумоти нав (Кӣ омад?) "*омӯзгори нав омад*" аст. Дар ин сурат задаи фраза (мантиқӣ) ҳамеша ба ҳиссаи дуюми ҷумла меафтад. Магар донистани чунин маълумот барои хонандаи имрӯза муҳимтар нест?

Ин масъала дар фасли "Таҷзияи маъноии ҷумла ва тартиби калима" чунин шарҳ ёфтааст: "Дар ҳиссаи аввали ҷумлаҳо маълумоти барои шунаванда маълум ва дар ҳиссаи дуюм маълумоти нав ифода меёбад. Ҳиссаи аввалро *тема*, ҳиссаи дуюмро *рема* номидаанд. Чунин таҷзияи маъно дар ҳамаи воҳидҳои иртиботӣ (коммуникативӣ) мушоҳида мешаванд.

Супориши 104 (саҳ.106) чунин аст: Ҷумлаҳоро навишта, ба қисмҳои *тема* ва *рема* ҷудо кунед: Тақрибан даҳ-понздаҳ сол пеш / дар деҳаи Шодмон мактаби ҳаштсода кушоданд. Ба ҳамин мактаб / аз шаҳр омӯзгори ҷавон омад. Номи ӯ / Шамшод буд. Омӯзгорбача / аз забони русӣ дарс мегуфт...

Дар ҷумлаи аввал "*Тақрибан даҳ-понздаҳ сол пеш* (**тема**, яъне маълумоте, ки ба шунаванда ё хонанда маълум аст) *дар деҳаи Шодмон мактаби ҳаштсола кушоданд"* (**рема**, яъне маълумоти барои шунаванда ё хонанда нав ва муҳимтар аст). Дар ҷумлаи дуюм "*Ба ҳамин мактаб* (**тема**, яъне кушода шудани мактаби ҳаштсола аллакай маълум) *аз шаҳр омӯзгори ҷавон омад*" (**рема**, яъне *аз куҷо* ва *омадани кӣ* маълумоти нав аст). Маълум мешавад, ки хонанда аз таҷзияи маъноии ҷумла медонад, ки ҷойи аъзои ҷумларо бесабаб ва бо хости худ тағйир додан мумкин набудааст.

Дар қироати чунин ҷумлаҳо пас аз ҳиссаи аввал (тема) исти кӯтоҳ кардан лозим аст. Дар ҳамин сурат матлаби гӯянда равшан ифода мегардад.

## ҒАЛАТИ МУВОФИҚАТИ ХАБАР БО МУБТАДО

Байни ду сараъзои ҷумла алоқаи тобеии мувофиқат вуҷуд дорад. Мувофиқати хабар ба мубтадо аз ду ҷиҳат сурат мегирад: мувофиқати шахс ва шумора. Дар забони тоҷикӣ аз лиҳози шахс мувофиқат кардани хабар ба мубтадо ҳатмист, аммо аз ҷиҳати шумора мувофиқат кардани хабар ба мубтадо баъзе ҳолатҳои мустасно дорад. Он мавридҳои аз ҷиҳати шумора мувофиқат накардани хабар ба мубтадо дар илми наҳвшиносии мо маълуманд. Дар ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки мувофиқат накардани хабар бо мубтадо на бо сабабҳои воқеӣ ё “узрнок”, балки аз боиси хуб нашинохтани аъзоҳои ҷумлаи сода рӯй медиҳад, яъне мубтадо дар шакли танҳо, вале хабар бесабаб дар шакли ҷамъ оварда мешавад. Ин нуқсони бебаҳси грамматикӣ чанд тариқа содир мешавад:

1.Мубтадои танҳо бо муайянкунандаи соҳибӣ, ки бо исми ҷамъ ифода ёфтааст, тафсил ёфта бошад:

Дар ҳавои хона *бӯй*и таомҳо *сайр мекарданд* (А.Атобоев); ...*ном*и бисёр ҳодисаҳо, рустанӣ, гиёҳҳо, ҳайвоноту паррандагон, асбобу олоти мусиқӣ, ҳарбӣ ва ғайра дар “Шоҳнома” *акс ёфтаанд*; *Мавзӯ*и сулҳ, дӯстии халқҳо, бародарӣ, ватандӯстӣ дар осори Мирзо Турсунзода *мавқе*и асосӣ *доранд*; Дар тирамоҳ *инкишоф*и доначаҳои сабз *суст мешаванд*; *Донистан*и ҳодисаҳои табиӣ дар ҳаёт ба одам *ба кор меоянд*; *Истифода*и биноҳои мактаб барои мақсадҳои ғайритаълимӣ *манъ карда шаванд*.

Дар ин мисолҳо мувофиқати хабар ба мубтадо аз ҷиҳати шумора риоя нашудааст: *бӯй... сайр мекарданд; ном ... акс ёфтаанд (баён гардидаанд); инкишоф... суст мешаванд; донистан... ба кор меоянд; истифода... манъ карда шаванд*.

2. Мубтадо бо исми ҷамъи щахс ифода ёфта, хабар дар шумораи танҳо омадааст: *Ниёзмандон метавонанд* роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба Клиника *муроҷиат намояд* ва аз машварати ҳуқуқии мутахассисон *истифода барад* (“Ба қуллаҳои дониш”, 29.11.2016); *Ҷавонон қувва*и бузург, *неру*и созандаву бунёдкунанда мебошад (“Ба қуллаҳои дониш”, 20.01.2017).

3. Мубтадо бо таркиби *ҳар як роҳбар* ифода ёфта, хабари ҷумла дар шакли ҷамъ омадааст: ...*ҳар як роҳбар*и ташкилоту муассиса ё шаҳру навоҳии кишвар *талош* ба он *доранд*, ҷашни 25-умин солгарди истиқлолияти Тоҷикистонро дар сатҳи олӣ *гузаронанд*;

4.Мубтадо бо шумораҳои миқдорӣ тафсил ёфта, хабари ҷумла дар шакли танҳо омадааст: Дар ноҳияи Рӯдакӣ... феълан *200 бону* ба ҳайси сарвар дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ *кор мекунад*; ...айни замон беш аз *300 зан* сарварии хоҷагиҳои деҳқониро *ба уҳда дорад*; Соли равон *120 духтар* ба донишкада ва донишгоҳҳои кишварамон *дохил шуд*.

5. Дар ҷумлаи зерин мубтадо бо исми ҷомеи *даста* ифода ёфта, вале хабар дар як маврид дар шакли ҷамъ, дар мавриди дигар дар шакли танҳо омадааст, ки тамоман хилофи табиати ҷумлабандии забони тоҷикист: Ин *даста*и ҳунарӣ, ки аз вилояти Суғд *ташриф овардаанд*, *соҳиб*и малакаи хуби овозхонӣ *аст* (Рӯзнома); Исми ҷомеи *села* ҳам бо хабари шумораи танҳо созгор меояд: Соли дигар *села*и турнаҳо аз омадани баҳор мужда *намерасониданд* (Баҳманёр).

6.Баъзе исмҳои ҷамъи арабӣ мафҳуми ҷамъро равшан ифода намекунанд, бинобар ин хабари ҷумларо дар шумораи танҳо овардан беҳтар аст: Дар ҳар як машқ *маводди* аввалӣ *дода мешаванд*; Кабӯтаронро кадом *хусусияташон машҳур кардаанд*?

7.Мубтадои чида бо исмҳои маънӣ ифода ёфта бошад, аз ҷиҳати шумора мувофиқат кардани хабар ба мубтадо шарт нест: Маориф ва илм дар як сол пеш намераванд (// намеравад).

8. Як навъи дигари мувофиқат накардани на танҳо хабар бо мубтадо, балки дигар аъзои ҷумла мушоҳида мешавад:

*Профессор... дар айни камолоти* эҷодӣ *буданд* ва нақшаву орзуҳои зиёде дар пеш *доштанд... Ёдат* ба хайр, *хонаи охиратат* обод бод, устоди азиз! (Рӯзнома).

Дар аввали матн бо мақсади эҳтиром нисбат ба профессор хабари ҷумла дар шумораи ҷамъ оварда, вале дар ҷумлаи дигар эҳтиром ва бузургдошти устод риоя нашудааст: бандакҷонишини ***-ат*** дар калимаи *ёдат* ва ибораи *хонаи охират**ат*** ба шахси дуюми танҳо далолат мекунад. Ин ғалат дар гуфтугӯ ва расонаҳои хабарӣ зиёд мушоҳида мешавад. Сабаб чист? Баъзе қоидаҳои ҷумласозӣ дар забони тоҷикӣ ноқисӣ доштааст. Маълум мешавад, ки дар забонамон алоқаи мувофиқат на танҳо байни сараъзоҳо, балки байни аъзои гуногуни ҷумла вуҷуд дошта, тарзу воситаи грамматикии ифодаи алоқаи мувофиқат ҳам танҳо бандакҳои феълию хабарӣ набудааст. Дар матни боло бандакҷонишини шахси дуюми танҳо (*ёд-**ат***, *хонаи охират-**ат***) бо мубтадои ҷумлаи аввал – *профессор* ва мухотаби ҷумлаи дуюм -- *устод* таносуби маънои грамматикӣ дорад.

Аз таҳлили чунин мисолҳо маълум мешавад, ки дар забони тоҷикӣ алоқаи мувофиқат танҳо байни сараъзоҳо (мубтадою хабар) вуҷуд надоштааст, балки байни сараъзою аъзоҳои пайрав ва дар байни хелҳои гуногуни аъзоҳои пайрав низ мавҷуд будааст. Мутаассифона, ин масъала ки дар забоншиносии мо омӯхта нашудааст ва дар китобҳои дарсӣ ҳам зикр намегардад, бисёр шогирдон дар ифодаи ин муносибати маъноии аъзоҳои ҷумла тасаввуроти равшан надоранд. Ҳоло бо овардани чанд мисол қаноат мекунем:

Аз хона **як зан**и қоқинаи гандумгун *дастон**аш**ро* ба *доман**аш*** поккунон баромад (С.Улуғзода); **Ҳасану Ҳусейн** чашми *модаркалон**ашон**ро* хато карда ба кӯча баромаданд (Б.Ортиқ); **Амакам**, чизеро пай бурд ки, тез аз *ҷо**яш*** хест (А.Самад); **Ӯ** бо вуҷуди *калонзода будан**аш*** бисёр хоксор буд (С.Айнӣ).

Дар мисоли якум байни мубтадои *як зан* ва пуркунандаҳои бевоситаи *дастонашро* ва пуркунандаи бавоситаи *ба доманаш*, дар ҷумлаи дуюм байни мубтадоҳои чидаи *Ҳасану Ҳусейн* ва муайянкунандаи соҳибии *модаркалонашон*, дар мисоли сеюм байни мубтадои *амакам* ва ҳоли макони *аз ҷояш*, дар мисоли охирин байни мубтадои ӯ ва ҳоли хиллофи *бо вуҷуди калонзода буданаш* алоқаи мувофиқат вуҷуд дошта, он бо ёрии бандакҷонишинҳои *-аш* ва *-ашон* ифода ёфтааст. Агар чунин муносибати байни аъзоҳои ҷумла риоя карда нашавад, сохтори ҷумла ноқис мегардад:

Муҳимтарин фазилати **Шамсулло Ҷобиров** одобу ахлоқ ва интизом дар *кор**ашон*** буд. **Он кас** меҳрубону дилсӯз ва дар ҳама кор **маслиҳатчи**и кормандон **буд**. Чун дар роҳрав ҳангоми ба кор *омадан**аш*** ба корманде **вохӯрад**, аввало сиҳату саломатии эшонро **пурсон мешуданд**.

Дар матни зерин ба чунин унсури ноаён, вале ғалати маҳзи ифодаи эҳтиром ва бузургдошт роҳ дода шудааст:

Панҷ-шаш соли охир *он кас* аз корҳои тиҷорат *канора гирифта*, ба таҳқиқи улум *машғул шуданд*. Чандин асари олимони русу фарангро ба забони тоторӣ *тарҷума карданд,* аммо ба нашри онҳо *даст**ашон** нарасид*. *Қиблагоҳӣ* хеле *орзу доштанд*, ки ин дастнависҳоро *аз назар*и *шумо* (Аҳмади Дониш) *гузаронанд*. Кошки, ба кулбаи банда *қадам ранҷа мекардед*, ки ман ин таълифотро ба *шумо манзур кунам*! (Р.Ҳодизода).

Доир ба аломати китобат дар ҷумлаҳои мураккаб

Аз рӯйи маълумоти китобҳои дарсӣ дар хонанда чунин тасаввурот шояд пайдо шавад, ки танҳо ҷумлаҳои сода хабарӣ, амрӣ, саволӣ ва хитобӣ мешаванд. Магар

ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеъ ва сертаркиб ҳам ба хелҳои иртиботӣ ҷудо мешаванд? Дар охири ҷумлаҳои мураккаб дар кадом маврид аломатҳои нуқта, савол ва хитоб гузошта мешаванд?

Доир ба ҷумлаҳои мураккаби саволӣ ҳам дар китобҳои дарсӣ маълумот пайдо кардан мушкил аст. Бинобар ин чанд намуна меоварем:

Дар даврони Шумо (Муъмин Қаноат) ҷавонони боистеъдод бисёр буданд, шеър менавиштанд, барои чӣ ҳоло чунин ҷавонон каманд?;

Рӯйи гандумгун намуду ҷони мо як ҷав фурӯхт,
Аз чӣ шуд ёр инчунин гандумнамойи ҷавфурӯш?

***(Камоли Хуҷандӣ)***.

Чаро ман зафарманду ман сарбаланд,
Чаро ту ҳақиру чаро мустаманд?

***(Мирзо Турсунзода).***

Дар ду мисоли аввал фикр дар ҷумлаи содаи аввал бо оҳанги хабарӣ, вале дар ҷумлаи дуюм ба тариқи савол ифода ёфтааст. Аммо дар намунаи сеюм ҳар ду ҷумла (мисраъ) саволист. Чунин ҷумлаҳои мураккаби пайваст, бешак, саволиянд, вале аломати савол пас аз ҷумлаи дуюм гузошта шудааст. Сабаб ин аст, ки дар қолаби ҷумлаи мураккаби пайваст пурсиш бештар дар интиҳои фикр ифода мегардад, дар шеър ҳам як фикри том одатан дар як байт ифода меёбад. Дар байти охирин ҳар ду ҷумла (мисраъ) саволист. Азбаски матлаб бе зикри ҷумлаи (мисраи) дуюм нотамом мемонад, ба фикри мо, дар охири байт гузоштани аломати савол дуруст аст.

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ вазъият дигар аст. Агар сарҷумла саволӣ бошад, ҷумлаи мураккаби тобеъ саволӣ, сарҷумла хабарӣ бошад, бо вуҷуди пурсишро ифода кардани ҷумлаи пайрав, ҷумлаи мураккаби тобеъ хабарӣ мешавад:

Ман ки имрӯзам биҳишти нақд ҳосил мешавад,
Ваъдаи фардои зоҳидро чаро бовар кунам?

Чу инсонро набошад фазлу эҳсон,
Чӣ фарқ аз одамӣ то нақши девор?

***(Саъдӣ)***

Пурсиданд, ки бар сандуқи гӯраш чӣ нависем.

Масъалаи баҳсноки дигар гузоштани аломати вергул дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аст. Азбаски пайвандакҳои тобеъкунанда хеле сершумору гуногунвазифаанд, сохту таркибашон ҳам гуногун аст, бар замми ин пайвандаки **ки** дар аввал, дохил ва охири ҷумлаҳои пайрав омада метавонад, хонандагон дар гузоштани он бештар хато мекунанд. Аз ҳамин сабаб дар китоби дарсӣ маълумоти муфассалтар овардем.

Аз рӯйи супориши 124 (саҳ.123) ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бояд чунин таҳлил карда, ҷумлаи пайрав бо аломати вергул аз сарҷумла чудо карда шавад: *Магар дилаш танг шуд* ***ки***, ба ғазалхонӣ даромад (Ҷ.Икромӣ); *Ман ғарқи тамошои ҷанҷоли бозори ғӯза будам* ***ки***, касе аз паси сарам оҳистаякак дошт (С.Айнӣ); *Аз ҷони ҷавонам ҷудо шавам* ***ки***, хабар надорам (С.Улуғзода).

Дар мисоли аввал "*Магар дилаш танг шуд*" ҷумлаи пайрави ҳоли сабаб буда, бо пайвандаки ***ки*** ба сарҷумла тобеъ шудааст. Пайвандаки *ки* дар охири ҷумлаи пайрав омада, бо пайвандакҳои азбаски, аз сабаби он ки ҳамвазифа гардидааст, аломати вергул пас аз ***ки*** гузошта мешавад.

Дар мисоли дуюм ”*Ман ғарқи тамошои ҷанҷоли бозори ғӯза будам*” ҷумлаи пайрави ҳоли замон буда, бо пайвандаки ***ки*** ба сарҷумла тобеъ шудааст. Пайвандаки ***ки*** бо пайвандакҳои *вақте ки, ҳангоме ки* ҳамвазифа аст ва дар охири ҷумлаи пайрав омадааст, бинобар ин аломати вергул пас аз ***ки*** гузошта мешавад.

Дар мисоли сеюм “*Аз ҷони ҷавонам ҷудо шавам*” ҷумлаи пайрави ҳоли хилоф буда, бо пайвандаки ***ки*** ба сарҷумлаи “хабар надорам” тобеъ шудааст. Пайвандаки ***ки*** дар охири ҷумлаи пайрав омада, бо пайвандакҳои *гарчи, бо вуҷуди ин ки, ҳам* муштараквазифа гардидааст, аломати вергул пас аз пайвандаки ***ки*** гузошта мешавад.

Чунин қолабҳои ҷумлабандӣ бештар дар забони гуфтугӯ ба кор бурда шудаанд. Дар дохил ё оҳири ҷумлаҳои пайрави замон, сабаб, шарт ва хилоф омадани пайвандаки **ки** – ро дар осори насру назми суннатӣ ва имрӯза мушоҳида кардан мумкин аст. Барои тақвияти таълими ин мавзӯи наҳви забони тоҷикӣ ба тариқи илова чанд намуна меоварем:

1. *Шабонгоҳ **ки** duздон бозомаданд сафаркардаву ғоратоварда*, силоҳ бикушоданд ва ғанимат биниҳоданд (Саъдӣ);

2. *Дар ин фикру андеша буд **ки***, ҷамъе аз ҷавонон... вайро дар ғояти ошуфтагӣ диданд (Восифӣ);

3. *Як вақт ҳушёр шуд **ки***, рӯз бегоҳ шудааст (С.Айнӣ);

4. *Ва аз байтулмолу хизона заифонро ёрӣ мекарданд **ки**,* дар ҳама мамлакати ӯ дар ин ҳафт сол аз гуруснагӣ намурд (Низомулмулк);

5. *Ту **ки** дар ин гирдоби фано чанд гоҳ будаӣ*, боре дар махлас аз ин ҷо чӣ фикр андешидаӣ ва барои наҷот ҳеҷ ҳилае мулоҳиза кардаӣ? (Дониш);

6. Ҳангоми талхӣ машав ноумед, ***Ки** абри сиёҳ зод оби сафед* (Саъдӣ);

7. *Моҳӣ **ки** дар хушк уфтад*, қимат бидонад обро (Саъдӣ);

8. *Бо боғ сари кор **ки** дошта бошӣ*, пас забони дарахтонро медонӣ (Ф.Азиз);

9. *Ҳазор бор пиёда тавофи Каъба кунӣ*,

Қабули Ҳақ наяфтад, гар диле биёзорӣ (Мавлавӣ) // Ҳазор бор пиёда тавофи Каъба кунӣ ки,...

10. ***Агар** зи боғи раият малик хӯрад себе*,
Бароваранд ғуломони ӯ дарахт аз бех.
*Ба панҷ байза **ки** султон ситам раво дорад,*
Зананд лашкариёнаш ҳазор мурғ ба сих (Саъдӣ);

11. *Гул **ки** бозорӣ шавад,* булбул занад худро ба дом,
Бар умеди ин ки сайёдаш ба бозор оварад (Ҷомӣ).

Т а ҳ л и л и   м и с о л ҳ о:

Ҷумлаи якум мураккаби тобеъ бо пайрави замон буда, пайвандаки ***ки*** дар дохили ҷумлаи пайрав омадааст ва он ҳаммаънои пайвандаки таркибии *ҳамин ки* аст;

Ҷумлаи дуюм мураккаби тобеъ бо пайрави замон аст. Пайвандаки ***ки*** дар охири ҷумлаи пайрав омада, бо пайвандакҳои *вақте ки, ҳангоме ки* муштараквазифа аст;

Ҷумлаи сеюм низ мураккаби тобеъ буда, ҷумлаи пайрави замон бо пайвандаки ***ки*** ба сарҷумла алоқаманд шудааст;

Дар мисоли чорум ҷумлаи пайрави сабаб бо пайвандаки ***ки*** ба сарҷумла тобеъ шуда, пайвандак дар охири ҷумлаи пайрав омадааст;

Дар ҷумлаи мураккаби тобеи панҷум ҳам ҷумлаи пайрави сабаб бо пайвандаки ***ки*** ба сарҷумла алоқаманд шудааст, вале пайвандак дар дохили сарҷумла ҷой гирифтааст;

Дар ҷумлаи мураккаби тобеи шашум ҷумлаи пайрави сабаб пас аз сарҷумла омада, бо пайвандаки ***ки*** ба он алоқаманд шудааст;

Дар ҷумлаи мураккаби тобеи ҳафтум ҷумлаи пайрави ҳоли шарт пеш аз сарҷумла омада, ба сарҷумла бо пайвандаки ***ки*** тобеъ шудааст. Дар ин гуна мавридҳо пайвандаки

***ки*** ҳамеша дар дохили ҷумлаи пайрави шарт меояд. Дар мисоли ҳаштум ҳам ҳамин ҳолат мушоҳида мешавад;

Матни нуҳум ҷумлаи мураккаби тобеи ғайричида буда, ба сарҷумлаи “Қабули Ҳақ наяфтад” ҷумлаи пайрави хилоф бе пайвандак, аммо ҷумлаи пайрави шарт бо пайвандаки *агар* тобеъ шудааст. Дар охири ҷумлаи пайрави хилоф пайвандаки ***ки*** ё ***ҳам*** омада метавонад: *Ҳазор бор пиёда тавофи Каъба кунӣ* ***ки*** *(****ҳам****),...*

Дар матни даҳум ҳодисаи ҷолиби таваҷҷуҳ мушоҳида мешавад: Дар ҷумлаи мураккаби тобеи аввал (байти якум) ҷумлаи пайрави ҳоли шарт бо пайвандаки маъмули худ – ***агар***, вале дар ҷумлаи мураккаби тобеи дигар (байти дуюм) ҷумлаи пайрави шарт бо пайвандаки ***ки*** ба сарҷумла тобеъ гардидааст. Зоҳиран ин ҳолат бо мақсади гурез аз такрори як пайвандак, вале дар асл шоирро эҳтиёҷи вазни шеър ба ин амал водор кардааст.

Матни ёздаҳ низ ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби ғайричида буда, аввал ҷумлаи пайрави шарт бо пайвандаки ***ки***, сипас ҷумлаи пайрави ҳоли мақсад бо пайвандаки таркибии *бар умеди ин ки* ба сарҷумла тобеъ шудааст. Аслан, чунин пайвандакҳои тобеъ, ки аз якчанд калима таркиб ёфтаанд, дар назм аҳёнан ба кор бурда мешаванд, зеро дар шеър ҷой барои калима танг, вале барои маънӣ фарох аст.

Аз корҳои хаттии хонандагон аён мегардад, ки мавзӯи нутқи айнан ва мазмунан нақлшударо хуб намедонанд, нутқи айнан нақлшударо аз мазмунан нақлшуда фарқ карда наметавонанд, бинобар ин ҳангоми амалан ба якдигар баргардонидани онҳо, ба сохтори ҷумлаҳои мустақил (сухани муаллиф ва гуфтаҳои каси дигар) ва сохти ҷумлаи мураккааби тобеъ доштани нутқи мазмунан нақлшуда, дар кор фармудани пайвандаки “ки” ва мавқеи гузоштани аломатҳои китобат ғалат мекунанд.

Матнҳои зерин барои тақвияти омӯзонидани нутқи айнан нақлшуда (саҳ. 107-109), воҳиди туфайлӣ, ҷумлаи саволии аслӣ тавсия мешаванд:

**Ҳикоят**

Подшоҳе ба вазир гуфт:

-- Кай бувад, ки мард шариф гардад?

Гуфт:

-- Чун ҳафт хислат дар вай ҷамъ гардад.

Гуфт:

-- Он кадом аст?

Гуфт:

-- Аввал, ҳиммати озодагон; дуюм, шарми дӯшизагон; сеюм, тавозӯи бандагон; чаҳорум, саховати ошиқон; панҷум, сиёсати подшоҳон; шашум, илм ва таҷрибаи пирон; ҳафтум, ақли азизе андар ӯ пинҳон (Абӯсаиди Абулхайр, «Асрор-ут-тавҳид»).

Супориш: Матнро нависед ва муайян кунед, ки дар кадом чумлаҳо фикр ба тарзи нақли айнан ва дар кадом ҷумла мазмунан оварда шудааст. Сабаб чист, ки Зайниддин Восифӣ чунин тарзи баёнро писандидааст?

(Мусофирони гуреза) моро дида саросема шуда пурсиданд:

--Шумо чӣ касонед?

--Мо мусофиронем, – гуфтем мо ва кӣ буданашонро аз онҳо пурсидем.

С у п о р и ш ва п у р с и ш и и л о в а: Нутқи айнан нақлшударо ба мазмунан нақлшуда ва баръакс баргардонед. Чаро пас аз сифатҳои феълии *дида* ва *саросема шуда* аломати вергул гузоштан мумкин нест?

Шарҳи маънои таркибу калимаҳои *шариф гардидан, хислат, ҳиммат, дӯшиза, тавозӯъ, саховат, сиёсат;* маънoю вазифаи таркиббандии феъли *бувад* дар матн, ҷумлаи саволии аслӣ ва воситаҳои ифодаи савол бо оҳанг ва зарфҷонишинҳои *кай, кадом,* сабаби такрори феъли *гуфтан*, вазифаи воҳидҳои туфайлии бо шумораҳои тартибӣ ифодаёфта. Хусусияти муҷазбаёнӣ дар матни насри суннатӣ: (вазир) гуфт, (подшоҳ)

гуфт (пурсид), (вазир) гуфт (ҷавоб дод). Тафовути сухани муаллиф аз сухани симоҳои ҳикоят. Чаро суханони симоҳо аз сархат бо аломати тире ва бо ҳарфи калон оғоз шудаанд? Боз кадом тарзи навишти нутқи айнан нақлшударо медонед? Фарқи нутқи айнан аз мазмунан нақлшуда дар чист? Пурсиши аввали подшоҳро ба мазмунан нақлшуда баргардонед.

Нутқи айнан нақлшударо, одатан, дар нохунак меоранд. Ин аломати он аст, ки гуфтаҳои шахси дигар бе ҳеҷ гуна тағйирот оварда мешавад. Нутқи айнан нақлшуда бештар баъди сухани муаллиф ва дар охири он гузоштани аломати баён, дар нохунак бо ҳарфи калон навишта мешавад. Аммо сухани муаллиф дар дохили нутқи айнан нақлшуда ё дар охири он ҳам меояд.

Як намунаи дар нохунак овардани нутқи айнан нақлшуда:

Писарбачае ба нонпаз гуфт: “Вазни нон хеле сабук аст”. Нонпаз ҷавоб дод: “Сабук бошад, бурданаш осон”. Писарбача гуфт: “Марҳамат, ана шумо ҳам ба ҷойи 30 дирам 15 дирам гиред”. Нонпаз норозӣ шуда, гуфт: “Ин хеле кам аст-ку!” Писарбача ҳозирҷавобӣ карда гуфт: “Ҳеҷ гап не, шумо ҳам онро ба осонӣ мешуморед”.

Дар ин тарзи навишти муколама пайиҳам омадани суханони муаллиф ва нутқҳои айнан нақлшуда имконпазир аст. Аммо, чунон ки худ мушоҳида кардед, аз сархат бо аломати тире овардани муколама беҳтар ва осонтар аст:

Писарбачае ба нонпаз гуфт:

--Вазни нон хеле сабук аст.

Нонпаз ҷавоб дод:

--Сабук бошад, бурданаш осон.

Писарбача гуфт:

--Марҳамат, ана шумо ҳам ба ҷойи 30 дирам 15 дирам гиред.

Нонпаз норозӣ шуда, гуфт:

--Ин хеле кам аст-ку!

Писарбача ҳозирҷавобӣ карда гуфт:

--Ҳеҷ гап не, шумо ҳам онро ба осонӣ мешуморед”.

## ЗАБОН ҲАСТИИ МИЛЛАТ АСТ

Дар интиҳои садаи бистум Тоҷикистон на танҳо соҳиби истиқлолияти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ гардид, балки истиқлолияти фарҳангӣ, истиқлолияти забонро ҳам ба даст овард, зеро тадриҷан маҳдуд гардидани соҳаҳои амали забони тоҷикӣ дар ҳаёти ичтимоию сиёсӣ, идораи давлатӣ, ҳаёти иқтисодиву фарҳангии мо низ эҳсос мешуд.

Ба тасдиқи ин як далел меоварам. Соли 1977 шуъбаи таърихи Ҳизби коммунистии Иттиҳоди Шӯравии Академияи илмҳои СССР бо унвони “Умумияти нави таърихии мардумони шӯравӣ” (“Новая историческая общность советских людей”) як китоби калонҳаҷм интишор намуд. Дар он барои дурнамои тақдири забонҳои хурду калони ин кишвари серқавму миллати навбунёд чунин рақам хотирнишон шуда буд. Соли 1924 дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ 186 забони хурду калон вуҷуд дошт. Соли 1977 (яъне соли нашри китоб) он рақам ба 120 забон поён хамбид. Дар китоб чунин вазъи забонҳо дар ин кишвари бузург падидаи нек маънидод шудааст. Яъне хуб шудааст, ки бисъёр забонҳои камнуфуз аз байн рафтаанд ва соҳибони он забонҳо забони русиро забони модарии худ эътироф кардаанд. Дар ин китоб ба сифати намуна аз гурӯҳи забонҳои эронӣ забонҳои курдӣ, осетинӣ ва тоҷикӣ мисол оварда шуда буданд, ки аз лиҳози дараҷаи рушд дар се зина: забони курдӣ (зинаи поён), забони осетинӣ (зинаи миёна) ва забони тоҷикӣ (зинаи баланд) аст. Ба сифати дар зинаи боло (рушду камолот) воқеъ гардидани забони тоҷикӣ зикр мешавад, ки бо забони тоҷикӣ на танҳо дар мактабҳои ибтидоию миёна, балки дар мактабҳои олӣ низ таълим бо забони тоҷикӣ сурат мегирад; дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намоишномаҳоро бо забони тоҷикӣ на танҳо дар театрҳои

драмавӣ, балки дар театри опера ва балет ба саҳна мегузоранд. Ҳол он ки таълиму чорабиниҳои тарбиявӣ дар баъзе мактабҳои олии ҷумҳурӣ қисман ё пурра ба забони русӣ сурат мегирифт.

Аз охири солҳои панҷоҳуми садаи бистум як ҷунбише дар бобати покиза нигоҳ доштани забони адабии тоҷикӣ ба миён омад ва баъди истиқлолият ба даст овардани Тоҷикистон он тамоюл қавитар гардид: як миқдор калимаю истилоҳоти бе зарурат ба таркиби луғавии забонамон воридшуда бо калимаю истилоҳоти тоҷикӣ иваз гардиданд, баъзе қоидаҳои имло ва талаффузи солим ба табиати забони тоҷикӣ мутобиқ гардонида шуданд, ислоҳот дар мактабу маориф, таълифи китобу дастурҳои таълими забони модарӣ ба миён омад, чандин номгӯй фарҳангу луғатномаҳо таълиф гардиданд. Ин ҳама самараи истиқлолияти фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравонд.

Истиқлолият ва забони миллӣ. Ин ду мафҳум ба ҳам иртиботи қавӣ дорад, бе истиқлолияти комили кишвар ва давлати Тоҷикистон истиқлолияти забони тоҷикиро тасаввур кардан номумкин аст. Баъди ҳазор сол, дар натиҷаи Инқилоби Бухоро, хусусан баъди таъсис ёфтани Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон дар ҳайати Ӯзбекистон ва соли 1929 ба ҷумҳурии мустақил табдил ёфтани он, ба дили мардуми тоҷик як нури умед барқ зад, ки мо ҳам пас аз ин қадар муддати тӯлонӣ соҳиби давлат шудем ва соҳиби тақдири худ, соҳиби мероси маънавии чандинҳазорсола, соҳиби чунин забони як замон басо ғанӣ ва қудратманд хоҳем шуд, ки дар сарзамини беканори Форсу Варорӯд доман пахн карда буд. Бо ҳамин умед камари ҳимат баста, қадамҳои судманд ҳам гузоштем, аммо дере нагузашта, маълум шудан гирифт, ки барои расидан ба истиқлолияти комили забони тоҷикӣ дар ин сарзамини куҳанбунёд умедҳои хом баста будаем. Он ниятҳои нек оҳиста-оҳиста ботил шудан гирифтанд. Дар муносибат ба забонҳои миллии дохили иттиҳоди бузурги шӯравӣ “сиёсатбозӣ” авҷ гирифт, кор ба ҷое расид, ки яке аз забонҳои бонуфузи оилаи забонҳои эронии хоки шӯравӣ (дар муқоиса бо забонҳои курдию осетинӣ) мавқеи идораи давлатиашро тадриҷан аз даст дода, ба забони танҳо хонагӣ ва ба забони кӯчаву бозор табдил ёфт. Дар коргузории давлатӣ ба ном истифода мешуд. Маҳз ҳамин вазъият мардуми тоҷикро водор намуд, ки ҳуқуқи забони миллии худро ҳимоя намуда, аз Ҳукумати Тоҷикистон талаб кунанд, ки ба он мақоми забони давлатӣ дода шавад. “Забони тоҷикӣ аз он рисолате, ки дар ҷаҳони имрӯза ва таърихи гузашта дошт, дар нисбати дигар забонҳои Иттиҳоди Шӯравӣ имконияти зиёдтар дорад, ки забони давлатӣ ва мақоми давлатӣ дошта бошад. Нисбат ба дигар забонҳои мамлакат (СССР дар назар аст – шарҳи мо) ба ғайр аз забони русӣ, ки рисолати байналмилалӣ дорад, забони тоҷикӣ ягона забонест, ки рисолати байналмилалӣ дорад... Имрӯз забони тоҷикӣ ба таври сунъӣ не, балки аз рӯйи қонунмандии таърихӣ бояд мақоми давлатӣ пайдо кунад, зеро ин забон дар тӯли 1200 сол мақоми давлатӣ дошт” (М.Қаноат).

Як сабаби баъд аз ду садаи таъзиқи забони арабӣ аз байн нарафтани забони форсӣ, аз нав ҷон гирифта, ба мақоми аввалаи худ баргашта, бо неруи тоза рушду нумӯъ кардани он шояд ҳамин бошад. Забони арабӣ бо вуҷуди он қадар шукӯҳу шаҳомат, ба ҷуз ин ки чанд забони “ҳамтабори” худро (ироқӣ, суриёнӣ, мисрӣ ва ғ.) аз миён бурд, таъсири худро ба забонҳои форсӣ расонида натавонист ва он ҳамчун забони муоширати байналмилалии мардумони оилаи забони форсӣ, туркзабон, ҳиндиву урдузабон боқӣ монд. Забони форсии дарии Варорӯд ва Хуросон дар зарфи ҳафтсад сол вазифаи ҳам забони дуюми расмии Ҳиндустони серқавму нажод ва серзабон ва ҳам забони муошират қавму миллатҳои гуногуни ин сарзамини паҳноварро адо намудааст. Ба гуфти Саид Эҳтишом Ҳусайн, “...мусулмононе, ки Ҳиндустонро ба тасарруфи худ дароварда буданд, ба забонҳои туркӣ, арабӣ, форсӣ ва дигар забонҳои Осиёи Миёна сухан мекарданд, лекин забони адабии онҳо забони форсӣ-дарӣ буд”.

Ба ҳамин муносибат боз як иқтибос аз мақолаи забону адабиётшинос ва журналист Ардамехр “Забони модариро бузург дорем” овардан бамавқеъ хоҳад буд:

“Масъалаи бузургдошти забони модарӣ масъалаи ҳаёту мамоти миллат аст. Забони модариро бузург надошта, чӣ сон метавон зодмандонро (волидонро) бузург дошт, чӣ сон метавон ватанро бузург дошт, чӣ сон метавон таърихи миллат ва азизону номдорони варо бузург дошт? Миллате, ки забони модариашро тавоно намесозад, пос намедорад ва азиз намешуморад, маҳкум ба завол ва нестист. Бинобар ин имрӯз масъалаи мақоми забони давлатӣ додан ба забони тоҷикӣ мантиқан ба миён омадааст, зеро, то ба забони модарии худ мақоми забони давлатӣ надиҳем, соҳиби давлат будани мо низ қонунӣ намегардад ва, ба замми ин, фақат ба ин роҳ забонамон аз гирдоби нобудмандию нобудӣ вораста, гул-гул хоҳад шукуфт, вагарна дучори ҳамон фоҷиа хоҳад шуд, ки дар асри Х1Х дар сарзамини пурвусъати Ҳинд дучор шуда буд. Аз ин хусус доктор Саидмуҳаммади Акрам – устоди форсии Донишгоҳи Панҷоб дар “Иқбол дар роҳи Мавлавӣ” ном китобаш навиштааст:

“Забоне, ки барои аъсори мутаволӣ (асрҳои бардавом) забони расмии кишвар буд, забоне, ки ёд гирифтани он муҷиби ифтихор ва муҳобот шуморида мешуд, забоне, ки азизтар аз забони мазҳабӣ ба шумор мерафт, забоне, ки аз забони модарӣ ҳам ширинтар пиндошта мешуд, забоне, ки забони шеър буд, забони завқ буд, забони дил буд, забони рӯҳ буд, дар диёри худ ғариб, аҷнабӣ ва ношинос гардид. Ин достонест ғамангез ва риққатафзой, ки қалам бар он мегиряд (”Ҷавонони Тоҷикистон”,1989, 20 январ).

## МАТН ВА СОХТОРИ МАЪНОӢ ВА НАҲВИИ ОН

Л а ъ л и Б а д а х ш о н

Дар байни кӯҳистони зебои Ишкошим аз дур *кӯҳе* ба чашм мерасад, ки мисли лонаи паррандагон сӯрохиҳои зиёд дорад. *Вай* аз қадим дилхостаи корвониён, орзуи дили шаҳзодагон ва ганҷинаи умеди шоҳдухтарон маҳсуб мегашт. *Вай Кӯҳи Лаъл* аст. *Мардуми Бадахшон* мақоле доранд: Ямчун сари *лаъл*. Сумҷин дили *лаъл*. *Кӯҳи Лаъл* пойи лаъл аст. Солҳои охир геологҳо *ин мавзеъ*ро омӯхта, *ин гуфтаи халқ*ро тасдиқ намуданд. Ҳоло дар Бошгумбез *ҳам лаъл* ёфт шудааст. *Лаъл* бо хушрангӣ, ҷилонокӣ, сахтӣ, қобилияти суфташавӣ ва инъикоси нур фарқ дорад. *Вай* ба гурӯҳи дараҷаи олии *сангҳои ҷавоҳирӣ*: алмос, бриллиант, ёқути сурх, сапфир – ёқути кабуд, зумуррад ва александрит дохил мешавад. Аълотарин навъи *лаъл* аз *Бадахшон* аст. *Вай* тоҷу ангуштарини шоҳон ва гардану бозувони маликаҳоро оро медод. Искандари Мақдунӣ *ҳам* аз *Бадахшон лаъл* рабудааст. Бисёр истилогарон барои ба даст овардани *ин сангҳо* талош кардаанд.

Нархи *булӯрҳои нодири лаъл* хеле *қимат* аст. Нархи *лаъл* рӯз то рӯз *гарон*тар мешавад. Дар *давраи шӯравӣ* истеҳсоли *лаъл* авҷи тоза ёфта, *вай* моликияти *халқ* маҳсуб мегашт. Аммо, ба ҳар ҳол, фоидаи *он* ба *халқ* камтар мерасид, зеро ки то соли 1990 ҳар грамм лаъли суфтанакарда 56 рубл арзиш дошт, баъди суфта кардан *қурби он* 816 рубл мегашт. Мутаассифона, *солҳои шӯравӣ лаъл*ро ба хориҷи кишвар бурда, берун аз Тоҷикистон суфта мекарданд ва барои *мардум*и ҷумҳурӣ *фоидаи он* хеле кам мерасид. Мисол, дар соли 1986 *тоҷикон* дар *Кӯҳи Лаъл булӯр*и дар ҷаҳон калонтаринро ёфтанд, ки вазнаш 5880 карат буд. Вале *он* пеш аз коркард тақрибан 326 ҳазор рубл *арзиш* дошта бошад, баъди коркард дар Маскав *нархи он* ба 4 миллиону 786 ҳазор рубл мерасид. (Ҷумъа Қуддус, “Минбари халқ”,16.05.2013).

Т а ҳ л и л: Мавзӯъ: Кӯҳи лаъл дар Бадахшон, арзишмандии лаъл, қимати он ва истеҳсоли лаъл дар замони шӯравӣ, манфиати он ба мардум. Мундариҷаи матн: мавзеи воқеъшавии Кӯҳи лаъл дар Ишкошим, мавқеи лаъли Бадахшон байни сангҳои қиматбаҳои олам, қурби лаъл, арзиши то коркард ва баъди коркарди он дар замони шӯравӣ, манфиати он ба халқ ва давлат. Сохтори наҳвии матн: Матн аз ду сархат иборат буда, дар сархати аввал мавзеи пайдоиши лаъл, арзишмандии он дар байни дигар сангҳои қиматбаҳо, дар банди дуюм арзиши маҳсулоти хоми лаъл ва баъди

коркарди он, манфиати мардум ва давлати шӯравӣ зикр меёбад. Банди аввал аз 1 ҷумлаи мураккаби тобеъ ва 14 ҷумлаи сода ва банди дуюм аз 5 ҷумлаи мураккаб ва 2 ҷумлаи сода иборат аст. Аз лиҳози сохтори наҳвӣ сархати аввал ба услуби илмии оммавӣ ва сархати дуюм ба услуби илмӣ тааллуқ дорад. Алоқаи маъноии матн тавассути такрори калимаҳо: лаъл – Кӯҳи лаъл – 3, лаъл – 12, нарх – 3, он – 4; калимаю ибораҳои наздикмаъно, ки ҳамдигарро иваз карда метавонанд: *хоста – умед – орзу, мардум – халқ, қимат—арзиш – қурб, давраи шӯравӣ -- замони шӯравӣ, дараҷаи олӣ – аълотарин*; калимаю истилоҳоти ифодакунандаи ҷинсҳои кӯҳӣ: *санг, булӯр, лаъл, алмос, бирллиант, ёқут, сапфир, зумуррад, александрид* истифода шудаанд. Аз воситаҳои луғавию грамматикӣ: ҷонишини *вай* (5 маротиба), ишораҷонишинҳои *ин (ин мавзеъ), он (қурби он, фоидаи он, нархи он)*; пайвандакҳои *аммо, вале* низ вазифаи матнсозиро адо намудаанд. Ба ҷойи ишораҷонишинҳо ба кор бурдани ҷонишини шахсии *вай* тарзи баёнро ба забони шифоҳӣ наздик кардааст, ки ин ҳам як хусусияти услуби илмии оммавист.

Таърихи лаъли Бадахшон ба тариқи нақл зикр ёфтааст, бинобар ин хабари ҷумлаҳо низ бо шаклҳои замони гузаштаи сиғаи хабарӣ ва феълҳои нақлӣ (*дорад, маҳсуб мегашт, тасдиқ намуданд, ёфт шудааст* ва ғайра) ифода ёфтаанд. Феъли *суфта кардан* муродифи *суфтан, маҳсуб гардидан* муродифи *ҳисоб ёфтан* ҳам дорад. Аз лаъл манфиати камтар дидани мардуми Бадахшон бе зарурат такроран зикр шудааст. Дар замони шӯравӣ дар байни мардум калимаи *сӯм* истифода мешуд на *рубл.*

Супориш: Матни зеринро дар равияи боло мустақилона таҳлил кунед:

Оҳубарра ва шикорчиён

Ду шикорчӣ аз штати Индианаи Амрико дар беша камин гирифта, интизори сайд буданд. Ин дам аз байни дарахтон оҳубаррае пайдо шуд ва бе ҳеҷ тарсу ҳарос ба сӯйи шикорчиён равон шуд. Ба онҳо наздик омаду милтиқу тирдонҳои онҳоро бӯй кашид. Баъд оромона дар назди онҳо фурсате истод. Шикорчиён бо ҳайрат ба оҳубарра менигаристанд. Чашмони шаҳлои вай гӯё мегуфт: “Модом ки одамон махлуқони хубанд, мани майдаякро озор намедиҳанд”. Эҳтимол, очааш аз шикорчиён бехабар оҳубарраро танҳо монда, аз пайи коре рафтааст. Шояд фурсати фаҳмондан наёфтааст, ки одамон ҳар хел мешаванд.

Шикорчиён мутаассир гашта, оҳубарраи содалавҳи нотарсро ба навор гирифтанд. Баъд вай тозон ба сӯйи ҷангал рафту дар анбӯҳи дарахтон ғайб зад.

Аз Интернет таҳияи М. Саидзода

Дар супориши 140 (саҳ.146-147) омадааст: Матнро ба сархатҳо ҷудо ва муайян кунед, ки дар ҳар сархат ҷумлаи аввал чӣ андешаро ифода намудааст ва ҷумлаҳои дигар онро чӣ тарз интишор додаанд...

Матн хусусияти тасвирӣ дошта, аз ду сархат иборат аст. Ҳар ду сархат ба мавзӯи зиёрати қабри Пайрав бахшида шудааст. Сархати якум аз чор ҷумла иборат буда, ҷумлаи аввал ба зиёрат омадани нигоранда (Раҳим Ҳошим), ҷумлаи дуюм тасвири дар баҳор рӯйидан сабзаю лола дар сари қабр, дар ҷумлаи сеюм тасвири қабри Пайрав, дар ҷумлаи чорум ба ёд овардани як байти Эраҷ зикр мешавад. Калимаю ибораҳои *аввали баҳор, мавсим сабза, лолаҳои шукуфта*; такрори калимаи *қабр*, зикри *обидаи Шоҳи Зинда*, дар аввал ном бурдани Пайрав ва сипас бо ҷонишини “ӯ” ишора намудан ҷумлаҳои сархатро бо ҳам алоқаманд месозад.

Сархати дуюм бо ишораи “Дар ин шаҳрчаи мурдагон...” оғоз ёфта, дар ҷумлаи дуюм хукмфармо будани хомӯшии мутлақ дар обидаҳои Шоҳи Зинда ва дар қабрҳои дигар, аз ҷумла дар қабре, ки дар зераш дили хурӯшоне мехобид, ифода ёфтааст. Пас аз аломати нуқта бо пайвандаки хилофӣ ҷумлаи сеюм “Вале Пайрав хомӯш набуд” омада, ҷумлаи тафсилии минбаъда бо ҷонишини шахсии “**Ӯ**” ва ишораҳои *ҳазорон*

*хонандагон**аш**, осори қалами**аш**, рубоби назм**аш**, ба воситаи шеърҳо**яш*** ба мо рӯҳбаландӣ мебахшид" анҷом меёбад.

Дар ин сархат таносуби маънои мурдагон, қабрҳо, хомӯшӣ ҳам ҷумлаҳои сархати дуюмро ва ҳам мундариҷаи онро бо тамоми мазмуни сархати якум алоқаманд месозад. Дар сархати дуюм муқобилгузории хомӯшии шаҳрчаи мурдагон бо ҷумлаи "Вале Пайрав хомӯш набуд", бо ёрии пайвандаки хилоф муқобил гузоштани мазмуни ҷумлаи сеюм ба ду ҷумлаи пешомада, бо ҷонишини шахсии "ӯ" ва бандакҷонишинҳо нисбат додан ба Пайрав воситаҳои барҷастаи робитаи маънӣ ва грамматикии байни ҷумлаҳои сархати дуюм ба шумор мераванд.

Дар супориши 141 (саҳ.147) ишора кардан ба супориши қаблан омада (112, саҳ.113) низ усули ҳарчи бештар истифода кардани хонандагон аз имконоти сабақомӯзӣ аз матнҳои дар китоб қаблан овардашуда мебошад. Дар истифодаи ин усул ҳам пайравӣ намудем ба таҷрибаи муаллифони китобҳои дарсии забони русӣ. Дар он матни супориш воқеа пайиҳам (ба тариқи силсила ё "занҷирӣ") рӯй медиҳад. Дар ин бобат замони рӯйдоди воқеа низ мусоидат намудааст: Дар рӯзи чилуми бемориаш..., дар рӯзи сеюм..., дар рӯзи даҳуми аз беморӣ сар бардоштанаш...

Пайвандаки пайвасти хилофии *аммо* пас аз чор ҷумлаи аввал омада, мазмуни ҷумлаи "Аммо дар рӯзи даҳуми аз беморӣ сар бардоштанаш дубора ғалтид..." бад шудани ҳолати беморро бо тасвири муфассали чор ҷумлаи аввал муқобил гузоштааст. Чунин вазифаи наҳвии пайвандакҳои хилофиро вазифаи матнсозии он шуморидан лозим аст. Ҳамин гуна вазифаи матнсозиро пайвандакҳои тобеъкунандаи ҷумлаи пайрави сабаб: *чунки, зеро, зеро ки* ва таркибҳои ишоракунандаи сабаби қаблан зикршуда: *аз ҳамин сабаб, бинобар ин, аз ин рӯ, аз ин боис* ва ғайра низ адо мекунанд.

Як намуна:

"Забон муҳимтарин унсури муайянкунандаи ҳастии ҳар як миллат аст. *Бинобар ин* саъю талош барои эҳёву рушд ва корбасти забони миллӣ ба ҳайси забони давлатӣ ва ҳатмӣ гардонидани риояи он дар тамоми ташкилоту муассисаҳои кишвар як амри комилан қонунӣ ва ниҳоят муҳим мебошад. *Зеро*, тавре ки таъкид карда будам, "забон хишти аввалини кохи миллат аст. Таърих гувоҳ аст, ки, агар забони миллӣ аз байн равад, миллат ҳам дер ё зуд тафаккури миллии худро аз даст дода, оқибат завол меёбад.

*Аз ин рӯ* вазифаи ҳар як фарди бонангу номус ҳифзу эҳтиром ва гиромӣ доштани забони давлатӣ аст. *Зеро* бузургтарин вазифаи ҳар як фарди худогоҳу ватандӯст, ки ба фарҳангу забони худ эҳтиром мегузорад, поку белоиш нигоҳ доштани ин ганҷи бебаҳо ва ба наслҳои оянда бегазанд ба мерос гузоштани ин забони шевою шоирона мебошад" (Аз "Паёми телевизионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ" // "Адабиёт ва санъат", 2016, 6 октябр).

Дар сархати аввали матн "*бинобар ин"* фишурдаи мундариҷаи сабаби ҷумлаи аввалро дар бар мегирад ва бо пайвандаки *азбаски* вазифаи муштаракро адо мекунад: *Азбаски* забон муҳимтарин унсури муайянкунандаи ҳастии ҳар як миллат аст,...

Дар ҳамин сархат пайвандаки тобеъкунандаи *"зеро"* вазифаи матнсозиро адо намудааст, чунки ду ҷумлаи мураккаби тобеъро бо ду ҷумлаи аввал алоқаманд кардааст. Ҳамин гуна вазифаи матнсозии пайвандаки *зеро* дар сархати дуюм ҳам мушоҳида мешавад.

Таркиби "*аз ин рӯ"* фишурдаи мазмуни сархати аввалро дар бар мегирад ва барои алоқаманд намудаи сархати дуюм ба сархати аввал хизмат мекунад. Ин вазифаи дуюми матнсозии таркиби "*аз ин рӯ"* буда, воситаи лексикӣ-семантикӣ ва грамматикии алоқаманд намудани ду сархат маҳсуб мешавад.

Боз як намунаи матни муҳокимавӣ бо супориши таҳлили унсурҳои забонӣ:

**Ҳикоят**

Марде ба ҳиндувонафурӯше (фурӯшандаи тарбуз) гузашт ки, бонг мезад:

-- Ин ҳамчун хурмову асал аст ва ширинтар аз шакар аст!

Марде ӯро гуфт:

-- Маро беморест, ки ӯро ҳиндувонаи туруш илоҷ аст. Аз ин миён яке туруш ҷудо кун.

Гуфт:

-- Бихару бибар ва ба бонги ман манигар, ки тамоми инҳо аз сирко туруштар бошанд.

**Саволу супориш:**

1. Ҳикоят кадом навъи матн аст?
2. Дар вожаи "туруш" чӣ ҳодисаи фонетикӣ рух додааст?
3. Вожаи "бонг" аз "садо" ва "овоз" чӣ тафовут дорад?
4. Мазмуни ин ҷумларо ба забони адабии имрӯза ифода кунед. "Маро беморест, ки ӯро ҳиндувонаи туруш илоҷ аст". Он ду тарзи ифодаро чӣ гуфтан мумкин аст?
5. "Бихар" гуфтан дуруст аст ё "харидорӣ кун"?
6. Дар ифодаи *"ширинтар* аз *шакар* аст*"* ва байни вожаҳои *бихар, бибар, манигар* ва *туруштар* кадом санъати лафзӣ мушоҳида мешавад?
7. Пайвандаки "ки" кадом навъи ҷумлаҳои пайравро бо сарҷумла алоқаманд кардааст?

**Ҷ а в о б ҳ о:** 1. Матни муҳокимавӣ; 2. Байни ду ҳамсадои охири калима афзудани садоноки "у" барои осонии талаффузи калима; 3. Бо тобиши маънои "овози баланд". 4. Ман беморе дорам, ки давои ӯ тарбузи туруш аст". Ин ду қолаби ифодаро муродифоти наҳвӣ меноманд; 5. "Бихар" дуруст аст, "харидорӣ кардан" пешакӣ баҳо (савдо) кардан аст; 6. Санъати саҷъ (калимаҳои ҳамқофия); 7. Дар аввал пайвандаки "ки" пас аз ҷумлаи пайрави замон омадааст, бинобар ин аломати вергул баъд аз он гузошта шудааст, сипас ҷумлаи пайрави муайянкунандаро ва дар охир ҳамчун муродифи пайвандаки "чунки" ҷумлаи пайрави сабабро ба сарҷумла тобеъ кардааст.

Чунин пурсишҳо бо мақсади бори дигар ба ёд овардани масъалаҳои назарии забон аст, вагарна на ҳамаи ин саволҳо бо мавзӯи матн алоқамандии бевосита доранд. Ба назари ман, агар хоҳем, ки хонанда дониши (салоҳиятмандии) комил дошта бошаду онро дар амал ба кор бурда тавонад, бо як бор зикр кардани ҷанбаҳои назарӣ қонеъ шудан лозим нест.

Супориш: Матни аввал ва таҳлили онро бодиққат мутолиа намоед ва дар тақлиди он матнҳои минбаъдаро таҳлил кунед. Бештар ба воситаҳои грамматикию луғавии алоқаи ҷумлаҳои матн эътибор диҳед.

М а т н и 1. Рӯзе ҷамъе аз ёрон ба хонаи фақир омаданд. Дар хона ҳалим пухта буданд. Мӯйлаби ман дароз шуда буд. Дар вақти ҳалимхӯрӣ олуда шудааст. Яке аз меҳмонон ин ҳолро ба ман хабар дод. Дарҳол микрозро бардоштам ва мӯйлабамро кӯтоҳ кардам.

Матн аз шаш ҷумлаи сода иборат буда, дар ҷумлаи аввал ибораҳои *ҷамъе аз ёрон* ва *хонаи фақир* чунин таъбирҳоянд, ки минбаъд ба онҳо ишора карда мешавад: *дар хона*, *мӯйлаби ман*, *яке аз меҳмонон*, *ба ман*. Дар ҷумлаи дуюм калимаи *ҳалим* омада, дар ҷумлаи сеюм *ҳалимхӯрӣ* ба он ишора мекунад. Дар ҷумлаи сеюм калимаи *мӯйлаб* ва феъли таркибии *дароз шуда буд* омада, дар ҷумлаи минбаъда таркиби *олуда шудааст*, *ин ҳолро* ва дар ҷумлаи охирин *мӯйлабамро кӯтоҳ кардам* ба он ишора мекунад. Яке аз воситаҳои луғавии алоқаи байни ҷумлаҳо такрори *хона, ҳалим, мӯйлаб*; ишора бо мафҳумҳои бо ҳам таносуби наздики маъноӣ дошта: *фақир // ман*, *ёрон // меҳмонон*, *олуда шудааст / ин ҳол* ва ифодаҳои муқобилмаънои *дароз шуда буд / кӯтоҳ кардам* қисматҳои матнро чун "тору пуди матоъ" бо ҳам васл мекунанд.

Хабарҳои ҳамаи ҷумлаҳои матн бо феълҳои замони гузаштаи сиғаи хабарӣ: *омаданд, пухта буданд, дароз шуда буд, олуда шудааст, хабар дод, бардоштам* ва *кӯтоҳ*

*кардам* ифода ёфтаанд, ки ин ҳам яке аз воситаҳои грамматикии алоқамандии ҷумлаҳои матн ба шумор меравад.

М а т н и 2. Забон калиди дониш ва силоҳи ҳақиқату хирад аст. Ба василаи забон шаҳрҳову қасрҳои бошукӯҳ месозанд; Бо ёрии он ишқу муҳаббати хешро ба ҳамдигар баён мекунем; Ба воситаи забон сабақ меомӯзанд, ҳақро ба субут мерасонанд, панд мегӯянду насиҳат мекунанд, ситоиш менамоянд, ибодат ба ҷо меоваранд; Ба василаи забон суханони *модар*, *ёр* ва *парвардигор*ро ба забон меорем; Сипаҳбуд сарбозонашро ба воситаи забон ба ғолибият раҳнамойӣ мекунад; Тавассути забон назми марғубу дилнишини Ҳомерро месароем. Забон олами Эсхилро эҳё мекунад ва каломи Демосфенро зинда месозад.

М а т н и 3. Эргаш давида ба болои хомаи рег баромад ва ман ҳам аз дунболи ӯ давидам. Шамол аз тарафи шимоли шарқӣ меомад. Ман пуштамро ба тарафи омади шамол карда, якрӯя роҳ рафта, базӯр ба рӯйи хомаи рег баромадам. Рег монанди оби истодае, ки дар шамол лаппиш хӯрад, лаппида-лаппида, оҳиста пеш меомад ва қабатҳои рӯйи рег лаппиш хӯрда ба канори рӯд мешориданд ва қабатҳои зерин лаппида аз дунболи онҳо ба ҳаракат медаромаданд. Шамол торафт шиддат мекард ва рӯйи ҳаво аз ғубор тиратар мешуд (С.Айнӣ).

М а т н и 4. Бачагон пода ва рамаҳои худро ба тарафи деҳа ронданд. Молҳо, гӯё ки онҳоро гург пеш карда бошад, бо як ҳароси ваҳшиёна ба тарафи деҳа медавиданд. Ман ҳам як каллапӯш занбӯруғро ба сари синаам маҳкам часпонда роҳи хонаро пеш гирифтам. Замини киштзор монанди регзор ғежонак набуд ва шамол ҳам аз дунбол – аз тарафи пушт мевазид. Лекин дар замин ва дар ҳаво аз он таровате, ки ман дар вақти ба сайругашт баромаданам дида будам, асар намонда буд. Майса ва сабзаҳо дар зери гарду ғубори рег монда пажмурда шуда буданд (С.Айнӣ).

## УСЛУБШИНОСӢ ВА ҲУСНИ БАЁН

Услуби баёни рӯзноманигорӣ ду вазифаи асосиро адо мекунад: хабаррасонӣ, ташвиқу тарғиб ва водоркунӣ ба амал. Бар замми ин, вазифаи баланд бардоштани маърифати мардумро ҳам ба ҷо меоварад. Ин услуби баён хусусияти иттилоърасонӣ, бамаърифат кардан ва ба мубориза сафарбар намудан дорад. Аз лиҳози имкониятҳои услубии забон услуби баёни рӯзноманигорӣ хусусияти ифоданокӣ ва муассирии забон, истифодаи қолабҳои маъмули (стандартии) ифодаи фикр, рехта ва як дараҷа забонзада шудани калимаю таъбирҳо, ба сабаби маҳдудияти фурсат ва таъҷилӣ омода намудани мавод баъзе норасоиҳо дар интихоб ва мавқеи корбурди калимаю истилоҳот ба назар мерасад.

Хусусияти муҳимтарини услуби баёни рӯзноманигорӣ оммафаҳм будани тарзи ифодаи матлаб буда, асоснок ва дақиқ будани аснод, ба умум нисбат додани мавқеи нигоранда низ хоси ин услуби баён аст.

Доираи истеъмоли таркиби луғавии услуби баёни рӯзноманигорӣ хеле васеъ буда, ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро дар бар мегирад, зеро расонаҳои хабариро оинаи инъикоскунандаи ҳаёти имрӯзаи ҷомеа меноманд. Калимаю истилоҳот мутобиқи меъёри забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ ба кор бурда мешаванд. Дар ин услуби баён истифодаи унсурҳои ғайриадабии забон ҷоиз нест, зеро маводди матбуот ва радиою телевизион бояд дастраси ҳамагон бошад. Ҳар дигаргуние, ки дар зиндагии имрӯзаи мо ба вуҷуд меояд, аввал бо ёрии калимаю истилоҳот ва таъбирҳои нав дар забони расонаҳои хабарӣ ифода мегардад. Як қисми он вожаю истилоҳот дар заминаи забони тоҷикӣ сохта мешаванд, қисми дигаре аз забонҳои бонуфузи хориҷӣ (русию англисӣ) иқтибос карда мешаванд: *маҳалгаройӣ, миллатгаройӣ, терроризми байналхалқӣ, трансмиллӣ, сепаратизм (ҷудоихоҳӣ), фундаментализм, экстримизм* ва ғайра.

Дар забони воситаҳои ахбори омма унсурҳои луғавию фразеологии забони гуфтугӯ ва адабии китобӣ, инчунин фразеологизмҳои хоси илмию коргузории расмӣ, соҳаҳои гуногуни фаъолияти аъзоёни ҷомеа истифода мешаванд: камари ҳиммат бастан, араҳи ҷабин рехтан, ҷомаи амал пӯшидан, ба тасвиб расондан, мавриди истифода қарор додан, саъю кӯшиш ба харҷ додан ва ғайра хеле серистеъмол шудаанд.

Якчанд намуна:

Президенти Эрон Маҳмуди Аҳмади Наҷот аз ҳамватанон *даъват ба амал овард*; Дигар радиоҳо... ҳатман дар барномаашон аз чанд суруду мусиқии русӣ *истифода ба амал меоваранд*; ...қариб ҳамаи мутахассисон тарзу усул ва крему хокаҳоро *мавриди истифода таъмин менамоянд*; Ин бонуи мубтакир ва пурталош ҳамеразмад, то қонун дар ҷомеа *ба мавқеи иҷро гузошта шавад*; Рӯзномаи “Ҷумҳурии исломӣ”-и Эрон... ашъори 12 тан аз шуарои тоҷикро дар дастрасии хонандагон қарор дод; ...боз 844 гӯйиш *арзи вуҷуд дорад* (Рӯзнома).

Чунин таъбирҳо забони воситаҳои ахбори оммаро сунъӣ гардондаанд, ҳол он ки ҳамон мафҳумҳоро бо феълҳои *даъват намуд, истифода мекунанд, иҷро шавад, вуҷуд дорад* ифода кардан беҳтар аст.

Намунаи нутқи публисистӣ:

Дӯстони азаз!

Ҳозирини гиромӣ!

Мулоқоти мо бо рӯзноманигорон, кормандони ахбори омма ва собиқадорони соҳаи матбуот дар остонаи санаи муҳими таърихиву фарҳангӣ – садумин солгардӣ матбуоти тоҷик баргузор мегардад. Бинобар ин ҳамаи шумо – аҳли матбуоти кишварро ба ифтихори ин санаи таърихӣ самимона табрик гуфта, бароятон саломатӣ, саодати рӯзгор ва дар корҳои эҷодиатон барору комёбӣ орзу менамоям.

Имрӯз беш аз пеш маълум мегардад, ки нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷомеаи муосир чӣ гуна бузург аст. Дар ҳақиқат, матбуот ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули ахбори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонад. Онҳо хусусан дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, бадалшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Ҳама гуна ҷомеаи демократӣ, алалхусус ҷомеаи кишварҳое, ки нав ба ин ҷода қадам гузоштаанд, ба воситаҳои ахбори омма ва фаъолияти пурсамари онҳо ниёзманд мебошанд. Таҷрибаи Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки рӯзномаву маҷаллаҳо ва телевизиону радио ҳамчун яке аз воситаҳои асосии таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа метавонад ба ҳалли мушкилоти мавҷуда мусоидат намояд. Зеро ҷомеа ба ахбори доир ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва умуман ҳамаи шохаҳои ҳокимият ниёз дорад, ки ин яке аз асосҳои бунёдии ҷомеаи озоди демократист.

Дар робита ба нақшу мавқеи матбуот яке аз аввалин рӯзноманигорон ва саромадони матбуоти тоҷик устод Садриддин Айнӣ ҳанӯз дар ибтидои асри гузашта чунин гуфта буд: “Рӯзномаи ҳар қавму миллат забони эшон аст ва ҳар қавму миллате, ки рӯзнома надорад, гӯё забон надорад”.

(Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати садсолагии матбуоти тоҷик).

Таҳлили матни публисистӣ

Нутқи публисистӣ ҳамеша аз муроҷиат ба ҳозирини ҷамъомад оғоз меёбад. Калимаю ибораҳои муроҷиат якгуна буда, дар натиҷаи такрори зиёд хусусияти таркибан рехтагӣ пайдо мекунанд. Дар ин матн низ “Дӯстони азиз!” ва “Ҳозирини гиромӣ!” аз исмҳои ҷамъи “дӯстон” ва “ҳозирин”, ки дар ҷамъомад ҳузурдоштаро дар шумораи ҷамъ ифода мекунанд ва аз суханони лутфомези “азиз” ва “гиромӣ” иборат аст. Чунин мухотабҳо, якум, шахси муроҷиатшударо, дуюм, муносибати самимонаи гӯяндаро нисбат ба ҳозирон ифода мекунанд, сифатҳои лутфомез муносибати

меҳрубононаи гӯяндаро бо ҳам тақвият бахшида, диққати шунавандагонро бештар ҷалб мекунанд.

Дар ҷумлаҳои аввали нутқ зикр меёбад, ки дар толор намояндагони чӣ касбу кор ҳузур доранд ва ба чӣ муносибат ҷамъ омадаанд: *рӯзноманигорон, кормандони ахбори омма ва собиқадорони соҳаи матбуот; санаи муҳими таърихиву фарҳангӣ – садумин солгардӣ матбуоти тоҷик.*

Зикри таманниёт низ муносибати самимона ва боэҳтиромона доштани гӯяндаро тақвият мебахшад: *шумо – аҳли матбуоти кишварро ба ифтихори ин санаи таърихӣ самимона табрик гуфта, бароятон саломатӣ, саодати рӯзгор ва дар корҳои эҷодиатон барору комёбӣ орзу менамоям.* Дар ин маврид ҳам ифодаҳои *шуморо табрик гуфтан, ба ифтихори (муносибати), санаи таърихӣ, бароятон саломатӣ, саодати рӯзгор, дар кор барору комёбӣ орзу намудан* низ дар табрикот хусусияти рехтагӣ пайдо кардаанд.

Дар давоми матн такрор шудани истилоҳоти *воситаҳои ахбори омма, матбуот, рӯзномаву маҷаллаҳо, телевизиону радио, рӯзноманигор* ва ғайра як василаи ба ҳам иртиботи ногусастанӣ пайдо намудани сархатҳои матн ва алоқамандии маъноӣ пайдо кардани ҷумлаҳо дар дохили сархат ба шумор меравад.

Дар нутқи публисистӣ бештар истилоҳот, калимаю таъбирҳои сиёсию иҷтимоӣ аз қабили *ҷомеа, рушди ҷомеа, ҷомеаи демократӣ, афкори ҷомеа, ҷомеаи озоди демократӣ, мақомоти давлатӣ, ҳокимият, Тоҷикистони соҳибистиқлол* ва ғайра ба кор бурда шудаанд.

Як намунаи таҳлили услуби баёни публисистӣ

“Мо басо мушоҳида кардаем, ки дар тӯйҳо, маъракаҳо, нишастҳо, маҳфилҳо, ҷашнҳои солгиреҳ ва ҳоказо асосан шоирон, нависандагон, рӯзноманигорон, муҳаррири рӯзномаи шаҳр ё район, омӯзгорони забон ва адабиётро “дар гап усто” гуфта соқӣ интихоб мекунанд, на омӯзгори химия ё физикаро... Чаро? Чаро дигарон “дар гап усто” не? Чаро раиси колхоз, ки аз ҳама иҷрои бекамукости планро талаб мекунад, наметавонад дар тӯйи узви колхози худ соқии маърака бошад? Чаро ӯ барои талаби иҷрои план сухан меёбад, аммо дар рӯзи шодӣ ҳарфе гуфта наметавонад? Сабаб ин ҷост, ки қисме аз зиёиён бо ҳама дониши ихтисосӣ одамони хушканд, маъракаоройӣ аз дасташон намеояд, сухане бар сухане наметавонанд зам бикунанд, дар ҳолатҳои муайян хушгӯйӣ, ҳозирҷавобӣ, байтгӯйӣ, шаҳдрезӣ ва ширинадоӣ карда наметавонанд... (Лоиқ Шералӣ “Як рукни муқаддасоти миллӣ” // “Тоҷикистони советӣ”, 28.12.1988).

Таркиби луғавии услуби баёни рӯзноманигорӣ инъикоскунандаи вазъи луғавии ҳар марҳилаи рушди забон аст. Дар ин матн аз қабили район, колхоз, план истилоҳоти маъмули замони шӯравӣ ба назар мерасанд, ки ҳоло аз таркиби луғавии забони тоҷикӣ канор мондаанд.

Лоиқ Шералӣ ба ҷойи истилоҳи юбилей таъбири “ҷашни солгиреҳ”-ро кор фармудааст, ки аз кӯшиши навҷӯйии шоир гувоҳӣ медиҳад. Ҳамчунин ба ҷойи исми ҷамъи арабии аъзо (аъзои колхоз), ки дар замони шоир маъмул буд, исми танҳои арабии “узв”-ро истифода кардааст.

Сифати *хушк* дар таркиби ибораи *одамони хушк* ба маънои маҷозӣ омада, муносибати салбии шоирро нисбат ба як тоифаи камфарҳанги ҷомеа барҷаста ифода намудааст.

Барои муассир ифода кардани матлаб муаллиф аз ҳамгунагии шакли аъзоҳои чида: *тӯй**ҳо**, маърака**ҳо**, нишаст**ҳо**, маҳфил**ҳо**, ҷашн**ҳо**; шоир**он**, нависандаг**он**, рӯзноманигор**он***; сохти муштараки аъзоҳои чида: *хушгӯй**ӣ**, ҳозирҷавоб**ӣ**, байтгӯй**ӣ**, шаҳдрез**ӣ** ва ширинадо**ӣ*** карда наметавонанд.

Лоиқ Шералӣ аз имконоти муассири наҳвӣ моҳирона истифода бурдааст. Ин матн, аслан, як банди наҳвист. Муаллиф дар аввал матлабро бо ёрии саволи риторикӣ ва такрори “Чаро... Чаро...” баён намуда, дар интиҳо хулосаи мантиқиро ба тариқи таъкид ифода мекунад: ...*Чаро*? *Чаро* дигарон “дар гап усто” не? *Чаро* раиси колхоз, ки аз ҳама

иҷрои бекамукости планро талаб мекунад, наметавонад дар тӯйи узви колхози худ соқии маърака бошад?... *Сабаб ин ҷост*, ки қисме аз зиёиён бо ҳама дониши ихтисосӣ одамони хушканд,...

Н а м у н а и   н о м а н и г о р ӣ:

Номаи Ҳабиб Юсуфӣ ба Абулқосим Лоҳутӣ:

“...Ба ту – пири каломи ҷанговар,
Мерасонам саломи ҷанговар.
Чанд вақтест, ки ба амри Ватан
Тир ҷойи қалам гирифтам ман..
Мекунам хасми мулкро нобуд,
Ҳамчунон ваъда карда будам худ.
Шеъри ҷанговарат шиори ман аст,
Зафари теғи обдори ман аст.
Аз ҳамин рӯ туро шуморам ман
Қаҳрамон – қаҳрамони ҷанги Ватан.

Устоди азиз! Ман як сол боз дар фронт буда, хидмати мамлакатро адо карда истодаам...

Устоди азиз! Шуморо таърих, халқ фаромӯш нахоҳад кард... Шумо барои адабиёти халқи форсизабонон зиндаи абадӣ хоҳед монд. Вай (халқ) садсолагӣ ва ҳазорсолагии эҷодиёти Шуморо хоҳад гузаронд. Ман ин сатрҳоро дар зери снаряду тири душман истода менависам. Хоҳиш мекунам, ба самимияти онҳо бовар намоед.

Шогирди содиқи шумо – Юсуфӣ. 16 сентябри соли 1943. (“Адабиёт ва санъат”, 5-уми майи соли 2016).

Т а ҳ л и л и  м а т н:

Чунин тарзи номанигориро услуби номанигории бадеӣ номидан мумкин аст. Ҳабиб Юсуфӣ дар зери таркиши снаряду борони тири душман мактубро ба устодаш – Лоҳутӣ бо шеър оғоз намуда, ӯро “пири каломи ҷанговар” ва “қаҳрамони ҷанги Ватан” номида, шеъри ҷанговари ӯро шиори худ дар ҷанги зидди душманони истилогар мешуморад. Боз изҳори итминон мекунад, ки хидматҳои ӯро таърих ва халқи тоҷик ҳаргиз фаромӯш нахоҳанд кард.

Аз ин мактуби ихтисоран чопшудаи Ҳабиб Юсуфӣ аён мегардад, ки ӯ худро яке аз ихлосмандони ашъори ҷанговаронаи шоир ва аз ҷумлаи пайравони содиқи Лоҳутӣ медонад.

Н а м у н а и  т а б р и к н о м а:

Муҳтарам Муъмин Қаноат!

Шуморо ба муносибати 85-солагии умри бобаракатон самимона табрик мегӯям.

Шумо аз ҷумлаи адибони маъруфи кишвар мебошед, ки ба хотири пешрафти адабиёт ва фарҳанги тоҷик хизмати шоистаро ба анҷом расонида, дар адабиёти муосири тоҷик мақом ва ҷойгоҳи хос пайдо кардаед.

Дар ашъори Шумо васфи Тоҷикистони азиз ва зебоиҳои диёри маҳбубамон васеъ инъикос ёфта, ватандориву ватанпарварӣ, ситоиши инсон ва сулҳдӯстӣ мавзӯи аксари ашъоратонро ташкил медиҳад.

Шумо хусусан барои рушди жанри достон дар назми муосири тоҷик саҳми басо арзишманд гузоштаед... Ашъори пурмазмуни Шумо аз дунёи мураккаби инсон роз гуфта, оламу одамро ба ҳам мепайвандад ва робитаи ногусастании табиату зиндагиро бозгӯ мекунад.

Шумо солҳои зиёд вазифаҳои котиби аввали Раёсати Иттифоқи нависандагон, раиси Кумитаи сулҳи Тоҷикистон, Директори Институти дастхатҳои Академияи

илмҳои Тоҷикистон ва муовини раиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистонро бар дӯш доштед. Дар ҳамаи мансабҳои давлатӣ ва вазифаҳои ҷамъиятӣ бо масъулияти тамом кору фаъолият карда, дар миёни ҷомеа эҳтирому обрӯйи хосеро сазовор шудаед.

Барои асарҳои пурмуҳтавоятон Шумо барандаи мукофоти давлатии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ҷоизаи ба номи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвони баланди “Шоири халқии Тоҷикистон” ва якчанд медалу ифтихорномаҳо гардидаед.

Бовар дорам, ки Шумо минбаъд низ доир ба тарбияи инсони комил ва масъалаҳои ватандӯстӣ асарҳои нав эҷод намуда, дар пешрафти адабиёти муосири тоҷик ҳиссаи сазовор мегузоред.

Бори дигар ҷашни зодрӯзро ба Шумо табрик мегӯям ва бароятон умри дароз ва кушоишҳои нави эҷодӣ орзу менамоям.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Т а ҳ л и л и   н а м у н а и   у с л у б и   м у о ш и р а т:

Гапи хуш

--Дӯсти азиз, бисёр асабӣ нашав. Санги вазнинро об намебарад, яъне кас шаву хас не. Ба ҳама чизи дунё бо назари танқидӣ нигаристанро бас куну нохуш магӯ. Нони гандумӣ дорӣ, надорӣ, худат медонӣ, вале сухани мардумӣ доштанат даркор аст. Гапи нағзи ту мавизу мағзи туст. Ҷигар ҷигар асту дигар – дигар, дилам месӯзад ки, туро насиҳат мекунам. Рӯзгор пур аз ғалату саҳву хатоҳост, магар бесомониҳоро бо суханони дурушту дағал ба сомон овардан мумкин аст? Гапи зишт – таги хишт. Гарданат ёрӣ намедиҳад?... “Бодоми талх хусусияти шифоӣ дорад” гуфта гапи талхро бисёр ба забон наор. Гуфтам-ку, сухани ширин гуфтан лаганбардорӣ нест. “Бо гапи нағз ҳатто мор аз хонааш берун меояд” гуфтаанд... (Ҳаким Алӣ).

Дар ин матн чунин хусусиятҳои луғавии услуби баёни муошират мушоҳида мешаванд:

- Калимаҳои маъмули забони гуфтугӯйӣ: *гап, нағз, бас кун, лаганбардорӣ*;
- Таъбирҳои рехтаи хоси забони гуфтугӯйӣ: *дилам месӯзад, гарданат ёрӣ намедиҳад*;
- Ифодаҳои маҷозӣ: *гапи зишт, гапи талх, сухани ширин*;
- Зарбулмасалу суханони ҳикматноки мардумӣ: *санги вазнинро об намебарад, бо гапи нағз мор аз хонааш берун меояд, нони гандумӣ дорӣ, надорӣ, худат медонӣ, гапи нағзи ту мавизу мағзи туст*;
- Муродифҳои умумиистеъмолӣ: *сухан, хуш (нохуш)* ва хоси гуфтугӯ: *гап, нағз*;
- Бо мақсади таъкид дар гуфтугӯ баъзан чандин муродифи луғавиро паси ҳам меоранд: Рӯзгор пур аз *ғалату саҳву хато*ст; суханони *дурушту дағал*;
- Унсурҳои грамматикии забони гуфтугӯ: чун пасоянд кор фармудани сифати феълии “гуфта”: “Бодоми талх хусусияти шифоӣ дорад” *гуфта*; ту*ро* насиҳат мекунам // *ба* ту насиҳат мекунам; воҳиди туфайлии “*гуфтам-ку*”;
- Қолабҳои кӯтоҳшудаи ҷумлабандӣ: *кас шаву хас не* (нашав); *гапи зишт – таги хишт*;
- Қолабҳои хоси забони гуфтугӯ бо пайвандаки “ки”: дилам месӯзад *ки*, туро насиҳат мекунам // *азбаски (аз сабаби он ки)* дилам месӯзад, ба ту насиҳат мекунам; Нони гандумӣ дорӣ, надорӣ, худат медонӣ // *Гарчанде ки* нони гандумӣ дошта бошию надошта бошӣ *ҳам*, худат медонӣ.
- Санъати лафзии саҷъ (калимаҳои ҳамқофия): нони *гандумӣ* – гапи *мардумӣ*; Гапи *зишт* – таги *хишт*.

Азбаски нависанда асарро барои кулли хонандагон менависад, наметавонад аз унсурҳои забони адабии китобӣ фоида набарад: *гапи нағз – гапи зишт, сухани ширин.*

## МАВОДДИ ИЛОВА БАРОИ ТАКРОРИ ҲАМАИ МАВЗӮЪҲО

**Мисоли 1.**

Биё, эй дил, ба ҳоли ман бигирйем,
Ба ҷони бемаҷоли ҳам бигирйем.
Заволи мову ту пушти дар омад,
Биё пеш аз заволи ҳам бигирйем

***Лоиқ.***

**Савол ва супоришҳо:**

1.Ба тақтеъ, оҳанг ва аломатҳои китобат риоя намуда, шеърро қироат кунед.

2.**”Эй дил”** кадом воҳиди забон аст? Чаро онро аз ҳар ду тараф бо аломати вергул ҷудо кардаанд?

3.Калимаи **“ҳам”** ҳиссача аст ё ҷонишин?

4.Йотбарсари **“ё”** дар калимаи **“биё”** ва йотбарсари **“е”** дар вожаи **“бемаҷол”** чанд овозро ифода мекунанд?

5.Чаро Лоиқ дар калимаи **“бигирйем”** ба ҷойи йотбарсари **“е”** ду ҳарфи **“й” ва “е”**-ро истифода кардааст?

6.Феъли **“бигирйем”**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо намуда, муайян кунед, ки задаи калима ба садоноки кадом ҳиҷо афтодааст?

7.Дар ин шеър кадом овоз бо ду ҳарфи гуногун ифода ёфтааст?

**Мисоли 2.**

Байтҳои зерини Лоиқ Шералиро бе ғалат қироат кунед ва гӯед, ки дар навишти йотбарсарҳо чӣ дигаргунӣ мушоҳида кардед.

Байтҳоро навишта, ба зери онҳо хат кашед ва хаттӣ шарҳ диҳед, ки чаро шоир ҳамин тарзи навишти йотбарсарҳоро писандидааст.

Бо чӣ миқдоре зи дунёи ҳама
То кунун ҷӯйед дунёи худӣ.

Ё Раб! Зи фиреби ту дилам меҷӯяд,
Чашмам ба ҷойи абри ту мегиряд.

Модари абр! Аз чӣ бахри мо намегирйӣ?
Эй Худои осмон, раҳме надорӣ ?
(Лоиқ)

Савол ва супоришҳо:

1. Йотбарсари “е” дар калимаҳои “миқдоре” ва “ҷӯйед” -и байти аввал як овозро ифода мекунад ё ду овозро?
2. Оё дар калимаи “ҷӯйед” ҳамсадои “й” дуруст омадааст?
3. Дар он байт калимаи дунё ба чӣ маъно кор фармуда шудааст?
4. Дар калимаҳои “мегиряд” ва “меҷӯяд” йотбарсари “я” чанд овозро ифода мекунад?
5. Чаро пас аз “Ё Раб!” аломати хитоб гузошта шудааст? Он чӣ гуна эҳсосоти шоирро ифода мекунад?
6. “Чашмам ба ҷойи абри ту мегиряд” чӣ маъно дорад?

7. Дар ибораи “модари абр”-и мисраи сеюм кадом калима ба маънои маҷозӣ омадааст?

8. Дар феъли “мегирйӣ” кадом зарурат шоирро водор кардааст, ки пеш аз бандаки феълии шахси дуюми танҳо “-ӣ” ҳамсадои “й”-ро кор фармояд?

**Ҳикоят**

Ба рӯзгори Ҳасан бинни Тоҳир, ки амири Хуросон буд, ӯро вазире буд, номи ӯ Ҳафс бинни Ҳошим. Ҳасан бинни Алоъ ва бародаронаш мулкҳои гаронмоя доштанд.

Ӯ (вазир) тамаъ кард, ки ин амлокро аз эшон *бихарад* ва нафурӯхтанд. Бад-он сабаб банд кард ва уқубати бисёр кард ва ҳар ҳафта ба як бор эшонро ба наздики хеш хондӣ ва *харидорӣ кардӣ.*

Чун нафурӯхтандӣ, боз ба зиндон фиристодӣ ва уқубати зиёдат фармудӣ.

То понздаҳ сол бар ин баромад ва эшон уқубату ранҷи бисёр мекашиданд ва амлоки хеш намефурӯхтанд.

Рӯзе Ҳафс бинни Ҳошим эшонро бихонд ва гуфт:

-- Рӯзгоре дароз гашт, то шумо дар уқубат мондед, охир чӣ чиз меёбед?

Ҳасан бинни Алоъ гуфт:

-- Яке аз се корро меёбем: ё он, ки ту бимирӣ, ё худованди кори ту бимирад, ё мо бимирем.

Ҳафс фармуд, то он рӯз банду уқубат зиёдат карданд.

Аз ин сухан як моҳ барнаёмада буд ки, амири Хуросон бимурд ва ғавғо бархост ва зиндон бишкастанд ва Ҳафс бинни Ҳошим бигурехт ва сарои ӯро ғорат карданд ва Ҳафс ҳамчунон мутаворӣ будӣ ки, бимурд ва Ҳасан бинни Алоъ бо бародарони хеш ба Бухоро бозомаданд (“Дурдонаҳои наср”, ч. 1, саҳ. 227-228).

**Қайдҳо:**

1. Шарҳи вожаҳо: *рӯзгор* – замон, даври ҳукмронӣ; *амлок* шакли ҷамъи шикастаи калимаи *мулк* – заминҳои шахсӣ; *тамаъ кардан* – қасди гирифтан, аз они худ кардан; *банд кардан (фармудан)* – ба зиндон андохтан; *уқубат* – азоб, шиканҷа; *уқубат кардан (фармудан)* – азоб додан; *бар ин баромад* – аз оғози ин низоъ муддате гузашт; *як моҳ барнаёмада буд* – як моҳ нагузашта буд; *сарой* – қаср, хона, чизу чора, бойигарӣ; *мутаворӣ буд* – умедвор, дилкашол буд.

2. Феълҳои *харидан* ва *харидорӣ* кардан. Ӯ тамаъ кард, ки ин амлокро аз эшон *бихарад* ва нафурӯхтанд. Бад-он сабаб банд кард ва уқубати бисёр кард ва ҳар ҳафта ба як бор эшонро ба наздики хеш хондӣ ва *харидорӣ кардӣ.*

Овардаанд, ки дар вилояти Ироқ хоҷае буд, моли бисёр ва сарвати бешумор дошт. Рӯзе ба бозор даромад, то аз барои худ ғуломе *харад*. Дар бозор ғуломе дид, ки бағоят соҳибҷамол. Чун ӯро аз соҳибаш *харидорӣ намуд*, гуфт: “Ин ғуломи ман як айб дорад, намом (тӯҳматгар) ва суханчин аст. (“Ҳикояҳои дилошӯб”, саҳ.227).

Дар ҳикояи дигар: Маълуми туст, ки модарам лаълпорае дошт, ки Хадичабегим онро ба ду ҳазор танга *харидорӣ менамуд* ва модарам се ҳазор металабид (Ҳамон китоб, саҳ.261).

Ё ин ки дар “Баҳористон” мехонем: Пас пурсид, ки: “Шуморо чӣ овардааст ва ба ман кӣ раҳнамоӣ кардааст?” Гуфтам: “Баъзе аз абнои мулук ин ғуломро *харидорӣ карданд* ва байъи мо ба чизе қарор наёфт. Тарсидам, ки имшаб қасди ин ғулом кунанд“.

Аз матнҳои боло аён мегардад, ки феъли таркибии *харидорӣ кардан* бо *харидан* баробармаъно набудааст. Дар феълҳои таркибӣ маънои луғавиро ҷузъи асосӣ ё номӣ (*харидорӣ*) ва маънои грамматикиро феъли ёвар (*кардан, намудан*) ифода мекунад. Калимаҳои *харидор* ва *фурӯшгор* шахси толиби харидан ва хоҳони фурӯхтан аст. Феъли *харидорӣ кардан* амали шахсеро ифода мекунад, ки майли харидан дорад. Пас, *харидорӣ кардан* чунин маъно надоштааст, ки харидор маблағи қимати молро пардохта, соҳиби он шуда бошад.

3. Ибораи *ба назди хеш хондан.* Феъли *хондан* дар забони тоҷикӣ хусусияти сермаъноӣ дорад. Ин маъно дар забони имрӯзаамон бо калимаҳои арабии *даъват* (даъват кардан) ва *таклиф* (таклиф кардан) ифода меёбад. ("Порсиро пос дорем!")

4. Шакли архаистии *хонд**ӣ**, харидорӣ кард**ӣ,** нафурӯхтанд**ӣ**, фиристонд**ӣ**, фармуд**ӣ**, мутаворӣ буд**ӣ*** // эшон *уқубату ранҷ*и бисёр *мекашиданд* ва амлоки хеш *намефурӯхтанд.*

5. Феълҳои ***би**харад, **би**мирӣ, **би**мирад, **би**мирем, **би**мурд, **би**шкастанд, **би**гурехт* бо пешванди шаклсози *би-* сохта шудаанд. Форсишиносон он пешвандро "би"-и зиннат хондаанд. Зумрае аз забоншиносон изҳори норизоӣ кардаанд, ки ин унсури грамматикии забон маъною вазифаи мушаххас дорад, на василаи ороиши сухан. Ҳақ бар ҷониби эшон аст, чунки ин морфемаи шаклсоз ифодагари мутлақияти амал аст, вале дар забони имрӯзаи мо унсурҳои дигар ҷой ва вазифаи онро ба зимма гирифтаанд: *бигурехт // гурехта рафт.*

6. Феълҳои *бозомаданд,* понздаҳ сол бар ин *баромад,* як моҳ *барнаёмада буд* бо пешвандҳои *боз-* ва *бар-* сохта шудаанд, ки дар забони имрӯза чандон маъмул нестанд: ҳоло *бозгашта (баргашта) омаданд, аз ин понздаҳ сол гузашт, як моҳ нагузашта буд* мегӯянд.

7. Боз як хусусияти сабки нигориши он давра такрори калима аст: *уқубат бисёр* кард, *уқубати зиёдат* фармудӣ, *уқубату ранҷи бисёр* мекашиданд, дар *уқубат* мондед, *уқубат зиёдат карданд.* Дар ин таркибу ибораҳо калимаи *уқубат* 6 маротиба, *бисёр* 3 бор, *зиёдат* 2 ва феъли ёвари *кардан* 3 маротиба такрор шудааст. Ё дар сабки нигориши осори насри садаҳои 10-12 чунин такрори феълҳои *кардан* ва *будан* роиҷ будааст: бад-он сабаб банд *кард* ва уқубати бисёр *кард.* Феъли *будан* ба вазифаи бандаки хабарии замони гузаштаи "аст": *амир*и Хуросон *буд*; ба вазифаи феъли мустақил ба маънои "ҳаст" омадааст: ӯро вазире *буд.*

8. Дар ифодаҳои *ба наздики хеш хондӣ, амлоки хеш нафурӯхтанд, бо бародарони хеш* маънои соҳибӣ бо ёрии ҷонишини нафсию таъкидии *хеш* дар қолаби ибораи изофӣ ифода ёфтааст, на бо ёрии ҷонишини *худ* (бо бародарони *худ*) ё бандакҷонишинҳои шахсию соҳибӣ (бо бародарон*аш*). Сабаб ин, ки аз байни ҷонишинҳои нафсию таъкидии *хеш, хештан* ва *худ* дар вожаи *хеш* маънои соҳибӣ равшантар ифода меёбад, ҷонишини *худ* дар ифодаи ҳар ду маъно роиҷ аст, *хештан* дар ифодаи маънои шахс (соҳиб ё фоили амалу ҳолат) кор фармуда мешавад. Бо бандакҷонишинҳо ифода кардани маънои соҳибӣ аз забони гуфтугӯ баъдтар ба забони меъёрии мо ворид шудааст. Ин хусусиятро дар осори насрии солҳои аввали эҷодиёти С.Айнӣ ҳам мушоҳида кардан мумкин аст.

9. Бо пайвандаки пайвасти пайиҳами ***ва*** сар шудани ҳар ҷумла низ хусусиятҳои нигориши он давр ба шумор мерафт:

*Аз ин сухан як моҳ барнаёмада буд **ки***, амири Хуросон бимурд ва ғавғо бархост ва зиндон бишкастанд ва Ҳафс бинни Ҳошим бигурехт ва сарои ӯро ғорат карданд ва *Ҳафс ҳамчунон мутаворӣ будӣ **ки***, бимурд ва Ҳасан бинни Алоъ бо бародарони хеш ба Бухоро бозомаданд.

Мутобиқи меъёри ҷумлабандии забони имрӯза ин матн бояд чунин таҳрир шавад:

*Аз ин сухан як моҳ барнаёмада буд **ки***, амири Хуросон бимурд ва ғавғо бархост. Зиндон бишкастанд. Ҳафс бинни Ҳошим бигурехт. Сарои ӯро ғорат карданд. *Ҳафс ҳамчунон мутаворӣ будӣ **ки***, бимурд. Ҳасан бинни Алоъ бо бародарони хеш ба Бухоро бозомаданд.

10. Дар байни ҷумлаҳои пайрави замон, сабаб, шарт ва хилоф омадани пайвандаки ***ки*** дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ зикр ёфтааст. Дар ин маврид пайвандаки ***ки*** дар охири ҷумлаҳои пайрав низ омада, бо пайвандакҳои таркибии чумлаи пайрави замон: ***вақте ки, ҳангоме ки, ҳамин ки*** ҳамвазифа мешавад. Азбаски пайвандаки тобеъкунанда ҳамеша дар таркиби ҷумлаи пайрав ҷой мегирад, дар чунин ҳолатҳо аломати вергул

бояд пас аз ***ки*** гузошта шавад: ***Вақте ки*** *аз ин сухан як моҳ барнаёмада буд (нагузашта буд),...* // *Аз ин сухан (ки) як моҳ (ки) барнаёмада (нагузашта) (ки) буд* ***ки,...***

Намунаи дигар: *Як пагоҳӣ* ***ки*** *ман аз пеши меҳмонхонаи Устоамак гузашта рафта истода будам,* Саидакбар маро ҷеғ зад (С.Айнӣ) // *Як пагоҳӣ ман аз пеши меҳмонхонаи Устоамак гузашта рафта истода будам* ***ки***, Саидакбар маро ҷеғ зад.

Аз таҳлили матни ҳикоят бармеояд, ки чунин усули таълим барои омӯзонидани нозукиҳои забони модарӣ хеле созгор ва судманд буда, имконият фароҳам меоварад, ки шогирдон масъалаҳои гуногуни луғавӣ, калимасозӣ, шаклсозӣ (сарфӣ) ва ибораву ҷумлабандиро (наҳвиро) осон ва беҳтар дарк намоянд ва ҳангоми мутолиаи матни асарҳои классикӣ мушкилӣ накашанд.

**Саволу супориш:**

Хонандагонро ба гурӯҳҳои чорнафарӣ ҷудо карда, супориш диҳед, ки матнро бо овози паст дар гурӯҳи худ бодиққат мутолиа кунанд. Сипас аз гурӯҳҳо чор нафари хоҳишмандро назди тахта хонед. Пурсед, ки матнро дар нақши муаллиф (нависанда) кӣ қироат мекунад, нақшҳои мирохур, Бобо Маҳмуд ва Султонҳусайн Мирзоро киҳо ба зимма мегиранд. Баъди анҷом ёфтани қироати матн ба аҳли синф бо чунин саволҳо муроҷиат кунед:

- Ин ҳодиса кай рӯй додааст?
- Султонҳусайн Мирзо кӣ буд, аспи ӯ чӣ ном дошт ва ба он чӣ ҳолат рӯй дод?
- Шоҳ чӣ амр кард?
- Чаро мирохур дар ташвиш афтод ва аз Бобо Маҳмуд ёрмандӣ хост?
- Бобо Маҳмуд кӣ буд ва хабари марги Ахшабро чӣ тарз ба подшоҳ расонд?
- Чаро подшоҳ ба Бобо Маҳмуд ҷазо надод, баръакс навозиш кард?

Дар охир омӯзгор аз хонандагон пурсад:

- Аз мутолиаи ҳикоя чӣ хулоса баровардан мумкин аст?
- Сабаби аз ҷазои марг раҳоӣ ёфтани мирохур чист?
- Бобо Маҳмуд чӣ фазилате дошт, ки хоҳиши мирохурро рад накарда, назди шоҳ рафт.
- Он амали Бобо Маҳмуд қаҳрамонист ё ҷавонмардист?
- Шумо ҳам мисли Бобо Маҳмуд суханвар шудан мехоҳед?

## МАРГИ АСПИ ДӮСТДОШТАИ ШОҲ

Султонҳусайн Мирзоро Ахшаб ном аспи арабинажод буд. Қазоро он асп бемор шуд. Чун подшоҳ хабари бемории он аспи ҳушхиромро шунид, бесором шуд ва гуфт:

-- Ҳар касе ки хабари марги он аспро биёрад, аз миёнаш дуним мекунам!

Иттифоқо ҳамон рӯз он асп мурд ва мирохур ба пеши Бобо Маҳмуд омада гуфт:

-- Ахшаб ҷон ба ҷонофарин супурд. Агар ман ин хабарро ба подшоҳ расонам, бешак, рӯҳи маро бар равони Ахшаб савор карда, маро бар сарҳадди адам равон хоҳад кард. Ба ғайр аз шумо касе ин воқеаро ба гӯши подшоҳ расонда наметавонад. Акнун ихтиёр дар дасти шумо аст.

Бобо Маҳмуд пеши подшоҳ даромад ва дар ҷойи муқаррарии худ нишаст. Подшоҳ аз вай аз аҳволи Ахшаб пурсид. Ӯ аз ҷойи худ бархосту дар рӯ ба рӯйи подшоҳ зону зада нишаст ва гуфт:

-- Шоҳо! Ҳамеша рахши давлат дар зери зини виқор ва ҳашмат бод! Иттифоқо аз дари ахтахона мегузаштам, Ахшабро дидам, ки аҷаб ҳолате ва одате пайдо карда ва ғариб тариқае ихтиёр намуда: коҳу ҷаву об асло намехӯрд ва ҷунон хуфта буд, ки ҳаракат намекард ва нафас намезад...

Подшоҳ хандакунон сухани ӯро бурид ва гуфт:

-- Эй бадбахт, “Ахшаб мурд” гӯйӣ-чӣ?

Бобо Маҳмуд гуфт:

-- Ҷаҳонпаноҳо! Шумо расондани ин хабарро бо таҳдиди куштан манъ карда будед. Алҳамдулилоҳ, ки оқибат худ бо забони муборак аз ин манъе хабар дода, бандагонро аз ин душворӣ баровардед.

Подшоҳ аз ширингуфторӣ ва суханварии Бобо Маҳмуд хурсанд ва хандон шуда, фармуд, ки Ахшабро кафан карда, дар қабристони аъён гӯрониданд ва барои вай таъзия гирифта, ош доданд (С.Айнӣ. Восифӣ ва хулосаи “Бадоеъ-ул-вақоеъ”. – Душанбе: Ирфон, 1985. -- С. 53-54).

**Саволу супоришҳои забономӯзӣ аз рӯйи матн:**

1. Ифодаҳои *“ҷон ба ҷонофарин супурд”, “рӯҳи маро бар равони Ахшаб савор карда, маро бар сарҳадди адам равон хоҳад кард”, “Ҳамеша рахши давлат дар зери зини виқор ва ҳашмат бод!”* чӣ маъно доранд ва дар матн бо кадом мақсад истифода шудаанд?
2. Калимаҳои *арабинажод, хушхиром, ҷонофарин, ахтахона, ҷаҳонпаноҳ, ширингуфторӣ, суханварӣ, қабристон* кадом ҳиссаи нутқанд ва чӣ тарз сохта шудаанд?
3. Феъли *манъ кардан* чӣ тарз сохта шудааст ва дар матн чӣ маъно дорад?
4. *Эй бадбахт, шоҳо, ҷаҳонпаноҳо чӣ* гуна воҳиди наҳвиянд? Чаро пас “Шоҳо!” Ва “Ҷаҳонпаноҳо!” аломати хитоб, вале баъди “Эй бадбахт,” аломати вергул гузошта шудааст?

## ЗАБОНОМӮЗӢ АЗ РӮЙИ ТАҲЛИЛИ ЯК БАЙТ

Даҳ савол аз як байт:

Назар чун бар рухи гулфомаш афтод,
Чу барге ларза бар андомаш афтод . (Аттор)

1. *Чун* ва *чу* муродиф аст ё вариант (қарина)?
2. *Чун* пешоянд аст ё пайвандак?
3. *Чу* пешоянд аст ё пайвандак?
4. Кадом *бар* бо *ба* ҳаммаъност?
5. *Рух* гулфом мешавад ё *рӯй*?
6. *Назар кардан* тобиши тасодуф дорад ё *назар афкандан*?
7. Байт ҷумлаи сода, мураккаби пайваст ё тобеъ аст?
8. “-фом” муродифи *чун* аст ё *чу*?
9. *Андом* рӯй аст ё пайкр?
10. “-аш” ба *рух* мутааллиқ аст ё ба *гулфом*?

**Супориш:** Аз рӯйи байти зерин ба даҳ савол ҷавоб диҳед:

Назар чӣ гуна бидӯзам, ки баҳри дидани дӯст
Зи хоки ман ҳама наргис рӯяд ба ҷойи гиёҳ?

1. *“Назар дӯхтан”* маъмул аст ё “*чашм дӯхтан”*?
2. *“Чӣ гуна?”* пурсиши аломати ашёро ифода мекунад ё аломати амалро?
3. Дар забон пешоянди “*баҳри”* маъмул аст ё “*барои”*?
4. *“Назар дӯхтан”* ва *“дидан”* чӣ гуна муродифҳо ҳастанд : муродифҳои луғавӣ, фразеологӣ ё луғавию фразеологӣ?
5. *“Назар дӯхтан”* ибораи озод аст ё *“дидани дӯст”*?
6. *“Хокам”* ва “*хоки ман”* муродифҳои луғавианд ё грамматикӣ?

7. *“Ҳама”* ба *“наргис”* мутааллиқ аст ё ба *“рӯяд”*?
8. Аз феъли *рӯяд исми растанӣ* ҳосил шудааст ё *рустанӣ*?
9. Муносибати грамматикӣ дар *“назар дӯхтан”* аён аст ё дар *“дидани дӯст”*?
10. Байт ҷумлаи сода, мураккаби пайваст аст ё тобеъ?

**Ҷ а в о б ҳ о:** 1. Чашм дӯхтан; 2. Аломати амал; 3. Пешоянди *барои;* 4. Муродифоти луғавию фразеологӣ; 5. Дидани дӯст; 6. Муродифоти грамматикӣ; 7. Ба *наргис*; 8. Исми *рустанӣ*; 9. Дар *дидани дӯст:* 10. Ҷумлаи мураккаби тобеъ.

## НОЗУКАДОИИ САДРИДДИН АЙНӢ

Доир ба қудрати забондонӣ ва нуктасанҷии устод Айнӣ чанд намуна меорем.

**Дар бобати интихоби калима ва мавқеи корбурди он:**

С.Айнӣ ба таъбири “чӯпони аз “оши ҳалол” шикамаш сернашуда” эрод мегирад:

Олга рӯзҳои аввали ба экспедитсия омадани Олим аз саргузашти ин ҷавони бечора, ятими дарбадаргашта, *чӯпони аз* “оши ҳалол” шикамаш сернашуда воқиф гардида, ба ӯ фақат раҳм ва некхоҳӣ мекард” (Р.Ҷалил, “Одамони ҷовид”).

**Қайди С.Айнӣ дар ҳошияи асар:**

“Ин ҷо фарқи *чӯпон* ва *подабон*ро муайян кардан даркор аст: *чӯпон* -- чаронандаи доимии рамаи ягон кас, ки дар вай бузу гӯсфандон ҳастанд. *Подабон* чаронандаи пода аст, ки дар вай ҳайвоноти гуногун ва аз они одамони гуногун мебошанд. Подабон танҳо рӯзона мечаронад ва шаб ҳайвонотро ба соҳибонашон месупорад. “Оши ҳалол”-хӯрӣ вазифаи *подабон* аст, на *чӯпон*. Фарқи *рама, гала* ва *пода*ро боз гуфтан лозим аст: *рама* -- махсус аз бузу гӯсфанд, *гала* – тӯдае аз ҳайвоноти калон, монанди аспон, говон. *Пода* – тӯдае аз ҳайвоноти гуногуни одамони гуногун, фақат рӯзона ба саҳро мебаранд. Чаронандаи тӯдаи аввалинро *чӯпон*, дувуминро *галабон* ва сеюминро *подабон* мегӯянд” (Х.Отахонова. “Падидаҳои навҷӯйӣ”. – Душанбе: Ирфон,1972. – С.17).

Дар матни зерин С.Айнӣ муродифҳои *аз назар гузаронидан*, *нигоҳ кардан*, *чашм дӯхтан, нигаристан*ро тарзе бамавқеъ ба кор бурдааст, ки ба ҷойи якдигар кор фармудан ё бо ягон феъли дигар иваз кардани онҳо имконнопазир аст:

Аҳмади Дониш бодиққат он рақамҳоро *аз назар гузаронид*. Гоҳо ба соат *нигоҳ карда*, баъд аз он ба осмони соф, ки дар вай моҳи пурра нур мепошид, *чашм дӯхт.* Як вақт забонаш гирифта-гирифта: “Ба-ба осмон *ни-нигаред*”, -- гуфт ӯ. Ҳама ба осмон *нигаристанд* (С. Айнӣ. “Ёддоштҳо”).

Воҳиди фразеологии “аз назар гузаронидан” чунин маъно дорад, ки Аҳмади Дониш аввал рақамҳои ҳисобу китоби дар рӯйи саҳифа сабтшударо аз чап ба рост аз назар гузаронидааст. Маънои ибораи рехтаи феълии *ба осмон чашм дӯхтан* ба як нуқтаи фазои беканори осмон, яъне ба моҳ як муддат бодиққат нигоҳ карда истодан аст. Феълҳои содаи *нигаристан* ва таркибии *нигоҳ кардан* маънои ба чизе як назар андохтанро ифода мекунанд. Нигоранда бо мақсади худдорӣ аз такрор ду тарзи ифодаи баробармаънои амалро ба кор бурдааст.

## МАКТУБИ С.АЙНӢ БА А. ЛОҲУТӢ (2.04.1939)

“Вай (муҳаррири сиёсӣ) дар қатори эътирозҳои сиёсӣ эътирози забонӣ ҳам кардааст ва ба ин далел овардааст, ки овтур (автор) дар 76 саҳифа (“Достони Вахш”) 124 эзоҳ додааст ва ҳол он (ки) эзоҳҳои ман бештарин дар бораи *нешбанд, навбар, поёноб, варғбанд* барин калимаҳо буд, ки онҳоро деҳқонони бесавод медонанд, аммо ҷавонони саводи “сиёсинок” намедонанд”.

“Дар як асари дигари ман дар “Тоҷгиз” яке аз раҳбарони шуъбаҳо калимаи *даҳанмард*ро дидааст ва бо мактуб аз ман маъниашро мепурсад ва ҳол он ки ин калима ҳам мисли калимаҳои *нешбанд, навбар, поёноб, варғбанд* дар ҳеҷ луғат набуда, танҳо дар

даҳони мардум ҳаст, яъне тамоман халқӣ аст. Пеш аз навиштаҳои ман дар адабиёт нагузаштааст ва маъниаш "*даҳанмард* одаме аст, ки касони дар атроф буда ба гапи вай медароянд ва дар вақти лузум аз тарафи онҳо монанди як вакили расмӣ гап задан мегирад. *Даҳанмард* аз *даҳанкалон* фарқнок аст. *Даҳанкалон* ҳамеша сифати салбии одамро ифода мекунад, аммо *даҳанмард* гоҳо дар маънои салбӣ ва гоҳо дар маънои эҷобӣ меояд.

Акнун ман намедонам, ки бо ин "раҳбарони" забони тоҷикӣ чӣ кор кунам. Инҳо забони адабии клосикиро надонанд ва забони зиндаи халқро надонанд ва маҷбур кунанд, ки "Чизе навис, ки ман фаҳмам". Дар ин сурат вой бар ҳоли ману монанди ман"

С.Айнӣ забони зиндаи мардумиро хазинаи адонашавандаи луғавии ҳар забони миллӣ мешуморид. Бинобар ин нависандагон бояд ба ин ганҷинаи забон бо таваҷҷуҳ нигоҳ кунанд ва дурдонаҳои ниҳонмондаи лаҳҷаҳоро ёфта, аз ғубори маҳал тоза намуда, ба забони адабӣ тақдим намоянд.

**Дар бобати калимасозӣ ва таркиббандӣ:**

1. М а т н: Аз *бепартиягиҳо* пештар гардам (Ҷ.Икромӣ, "Шодӣ").

И с л о ҳ и С.Айнӣ: Аз *бепартияҳо* пештар гардам.

Қ а й д: Ман бояд дар бораи калимаи "партиягӣ" ва "бепартия" бисёртар истам, зеро бештарини ҷавонон ва ҳамаи рӯзномаҳои мо дар кор фармудани калимаи дуюм – "бепартия" хато мекунанд – "бепартиягӣ" кор мефармоянд ва ҳол он ки ин таъбир на ба қоида рост меояд ва на ба забони халқ, ки асосан қоида ҳам аз забони халқ гирифта мешавад.

Қоида ин аст, ки, агар калимаи мансуб сифати як чиз шуда ояд, дар вай адоти нисбат – "-ӣ", "-гӣ" зоҳир карда мешавад. Чунончи: Наврӯз *партиягӣ*ст. Агар сифати мансубро бо "бе-" нафӣ карданӣ шавем, адоти нисбати "-ӣ", "-гӣ" партофта мешавад. Чунончи: Наврӯз *бепартиявӣ*ст.

Ҳоло калимаи "партия"-ро, ки солҳои сиюми садаи гузашта бе зарурат ба забони адабии тоҷикӣ дохил карда шуда буд, калимаи *ҳизб* иваз намудааст. Агар аз ин калима сифати нисбӣ сохтанӣ шавам, бояд *беҳизбигӣ* ва аз он исми *беҳизбиён* насозам, зеро сифати нисбии *беҳизб* ва исми *беҳизбон* ҳамон маънои калимаҳои русии «беспартийный» ва «беспартийные»-ро ифода карда метавонад.

**Дар бобати ҷумлабандӣ:**

**1.**Меҳмонони мардинаро **падарам, амакам, бобои модариам, тағоиҳоям** ва **дигар хешовандон** "Хуш омадед!" мегуфтанд, меҳмонзанонро **модарам, модаркалонам, занони тағоиҳоям** ва **зани амакам** меҳмондорӣ мекарданд (С.Айнӣ, "Ёддоштҳо").

Ин ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак чунин хусусиятҳои услубӣ дорад:

- Дар ҳар ду ҷумлаи сода мубтадоҳо аз аввали ҷумла ба паҳлуи хабар кӯчонда шудаанд, то ки соҳиби амал ба тариқи таъкид ифода гардад;

- Мубтадоҳои ҳар ду ҷумла ба тартибе пайиҳам чида шудаанд, ки тағйир додани ҷойи онҳо боиси халали маъно мегардад;

- Бо мақсади худдорӣ аз такрор бори аввал таъбири "Хуш омадед!", бори дигар феъли "меҳмондорӣ мекарданд" истифода шудааст;

- Маҳз бо ҳамин мақсад нигоранда дар аввали матн ибораи "меҳмонони мардина"-ро, сипас калимаи мураккаби "меҳмонзанон"-ро ба кор бурдааст.

Як намунаи ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб аз романи "Ғуломон"-и устод Айнӣ:

2.Синаи **булӯрин**и ӯ, **ки** *аз чоки гиребони куртаи маркизет намуда меистод*, мӯйҳои сиёҳи ӯ, **ки** *баъд аз бо собуни муаттар шуста шудан аз таги каллапӯши тос баромада, аз болои як абру ва як чашмаш ба тарафи гӯшаш хам шуда меистод*, гӯши ӯ, **ки** ***монанди гулбарги гулобӣ*** *аз таги ҳалқаи зулфаш менамуд*, ду **дасти сафеди шамъи** ***мумимонад***и ӯ, **ки** *то оринҷҳояш кушода буда, аз ду тарафи сараш аз рӯйи болиши пар ёзонда партофта шуда буд*, ангуштҳои ҳиноии ӯ, **ки** *аз миёнаи ангуштарини зарнарди ёқутнигин* ***монанди***

***шуълаи шамъи мумии афрӯхта*** *медурахшид*, дар вазъияте буданд, **ки** *Ҳамдамфӯрмаро бетоқат карда метавонист.*

Ин ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб аз сарҷумлаи “Синаи булӯрин, мӯйҳои сиёҳ, печа, гӯш, ду дасти сафеди шамъи мумимонанд, ангуштҳои ҳиноии ӯ дар вазъияте буданд” ва ҳафт ҷумлаи пайрави муайянкунанда иборат аст. Ҳарчанд ҷумла аз лиҳози сохтори наҳвӣ мураккаб аст, мазмуни онро фаҳмидан чандон мушкил нест.

Нависанда адоти ташбеҳро ба тарзҳои гуногун меоварад, ки сухан якрангу дилгиркунанда набарояд: синаи булӯр**ин**, гӯши ***монанди*** гулбарги гулобӣ, ду дасти сафеди шамъи *муми**монанд***, ангуштҳои ҳиноӣ ***монанди*** шамъи афрӯхта медурахшид.

Боз як намунаи дигари ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб:

Аммо (чун) баъд аз ду-се сол дидааст, ки ҳавлӣ ва рӯйидаричае, ки дар Соктаре дошт, хароб шуда рафта истодааст ва замини дар он ҷо доштааш ҳам аз кишт монда, аз кор баромада меравад ва худаш ҳам пир шудаст ки, монанди пештара бисёр кор карда наметавонад, маҷбур шудааст, ки падарамро хонадор карда аз хондан бозмононад.

Ин ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб як ҳиссаи матн буда, он бо пайвандаки “аммо” ба ҳиссаи аввал муқобил гузошта шудааст. Ин ҷумлаи мураккаб ҳам мисли матни боло ҳашт ҷумлаи содаро дар бар гирифта, ба сарҷумлаи “Аммо... маҷбур шудааст” ҷумлаи пайрави замон ва пуркунанда ва ба ҷумлаи пайрави замон се ҷумлаи пайрави пуркунанда тобеъ шудааст, ки якуми онҳо дар таркиби худ ҷумлаи пайрави муайянкунанда ва сеюмаш ҷумлаи пайрави сабаб дорад.

Ин ҷумлаи мураккаби нависандаро ҳам бодиққат қироат кунед, мазмуни онро бе мушкилӣ мефаҳмед.

Баъди бо мулоҳиза хондани ин чанд намунаи ҷумлабандии С.Айнӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар интихоб ва бамавқеъ кор фармудани калимаю таъбирҳои рехта, дар бобати калимасозӣ ва ҷумлабандӣ сабки нигориши нависанда, воқеан, беназир аст.

## МАВОД БАРОИ ТАҲЛИЛИ НАҲВӢ

Ҷумлаҳои сода:

Хабарҳои номӣ:

Эй муфтии шаҳр, аз ту пуркортарем,
Бо ин ҳам мастӣ аз ту ҳушёртарем.
Ту хуни касон хӯрию мо хуни разон,
Инсоф бидеҳ, кадом хунхортарем? (Хайём).

**Саволҳо:**

1. Матн аз чанд ҷумла иборат аст?
2. Ҷумлаи якум аз ҷиҳати сохт чӣ гуна аст?
3. Ҷумлаи дуюм аз лиҳози сохт чӣ гуна аст?
4. Мухотаб чӣ тарз ифода ёфтааст?
5. Кадом калима ба мухотаб далолат мекунад?
6. Аъзоҳои ҷумларо таҳлили наҳвӣ кунед: хабар номист ё феълӣ; бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтааст; пешоянди **бо** кадом аъзои ҷумларо бо хабар алоқаманд кардааст; ҷонишини **ту** ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадааст?
7. Ҷумлаи дуюм аз ҷиҳати сохт чӣ гуна аст?
8. “Инсоф бидеҳ” кадом воҳиди забон аст?
9. Вазифаи грамматикии пайвандаки пайваст чист?
10. “Хуни касон” чисту “хуни разон”?
11. Зарфҷонишини “кадом” ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадааст?
12. Бунёди маънои матн -- “ту кистию мо кистем”.

13. Пайвандгари силсилавор: муфтии шаҳр – ту, кӣ пуркортар (беҳтар), мо масти ҳушёрем, ту хунхортарӣ.

**Супориш:** Рубоиҳои зеринро мисли намунаи боло аз ҷиҳати наҳвӣ саволгузорӣ ва таҳлил кунед.

Эй чарх, дилам ҳамеша ғамнок кунӣ,
Пироҳани хушдилии ман чок кунӣ!
Боде, ки ба ман вазад, ту оташ кунияш,
Обе, ки хӯрам, дар даҳанам хок кунӣ!

Ё раб! Ту гилам сириштаӣ, ман чӣ кунам?
Пашми қасабам ту риштаӣ, ман чӣ кунам?
Ҳар неку баде, ки ояд аз ман ба вуҷуд,
Ту бар сари ман навиштаӣ, ман чӣ кунам?

Асрори азалро на ту дониву на ман
В-ин ҳарфи муаммо на ту дониву на ман.
Ҳаст аз паси парда гуфтугӯйи ману ту,
Чун парда барафтад, на ту мониву на ман.

Мақсуд зи ҷумла офариниш моем,
Дар чашми хирад ҷавҳари биниш моем.
Ин доираи ҷаҳон чу ангуштарӣ аст,
Бе ҳеҷ шаке, нақши нигинаш моем.

Маводди наҳви забони тоҷикӣ доир ба хелҳои иртиботии ҷумлаҳои сода, навъҳои сохтории онҳо, аъзоҳои ҷумла, тарзи ифода бо ҳиссаҳои нутқ, тарзу воситаҳои алоқа ва ҷойи аъзои ҷумла; ҷумлаҳои мураккаб, хелҳои онҳо, сохтори матн, тарзу воситаҳои алоқаи байни ҷумлаҳо.

1. Фаридуни номдорро он марди зоҳид тарбият мекард. 2.Фазонак шабу рӯз омада аз ӯ хабар мегирифт.3. Соли Фаридун ба шонздаҳ расид. 4. Он мард ӯро мехононду таълими хат медод. 5. Фаридун хату саводи нек бароварда буд. 6. Ҳамеша бо он мард дар ибодат буд. 7. Рӯзе Фазонак омад. 8. Фаридун ӯро аз дур дида, аз Албурзкӯҳ ба сӯйи дашт, ба сӯйи модар омад. 9. Модараш ӯро навозиш намуд. 10. Фаридун ба модараш гуфт: 11. -- Рози ниҳониро аз дарун бикушой. 12. Ин мард падари ман нест, омӯзгори ман аст. 13. Бигӯй, ки падари ман кӣ буд. 14. Ман аз тухми киям ва аз кадомин гуҳар? 15. Агар касе пурсад, ман чӣ гӯям ва дар ин андеша саргардон чун пӯям. 16. Яке достоне аз ин боб бигӯй ва ғубори андешаро аз дили ман бишӯй.

17. Фазонак гуфт:

18. --Эй номҷӯй, ман ба ту насаби туро бигӯям. 19. Ҳар чӣ ман ба ту бигӯям, ту ҳамонро ба мардум гӯй! 20. Аммо алҳол сирри худро пӯшида дор! 21.Бидону огоҳ бош, ки аз замини Барбар яке марде буд, Обтин номи ӯ. 22. Аз тухми каён буд. 23. Хирадманду бедор буд ва ҳушёру беозор буд. 24. Ва аз Таҳмураси гурд нажод дошт. 25. Падар то падарро ёд дошт. 26. Он мард падари ту буд (“Бахр-ул-таворих”).

Тавзеҳи мухтасари матн: Ба ҷуз ҷумлаҳои 13, 15, 19, 21 боқимонда ҳамаи ҷумлаҳо содаанд. Матн хусусияти иттилоӣ ва муҳокимавӣ дорад. Аз аввали матн то охири он исмҳои писару модар: *Фаридун* ва *Фазонак* такрор мешавад. Дар ҷумлаҳои 9 ва 10 исми *модар* ба ҷойи Фазонак ва ҷонишини ӯ ба ҷойи *Фаридун* омадааст.

Мавод барои мавзӯи матн ва сохтори “занҷирии” он:

Рӯзи гусел падару модарам ва ҳар ду хоҳарам омаданд. Командирон моро пиёда то деҳаи Камонгарон бурданд ва шабро дар чойхона гузаронидем. Пагоҳии рӯзи дигар моро ба пункти ҷамъшавии аскарон, ки дар наздикии Шоҳмансур ҷойгир буд, оварданд. Ду ҳафта машқи ҳарбӣ кардем. Маро командири отделения таъйин карда, ба ихтиёри ман даҳ аскарбача доданд. Бегоҳии он рӯз командирон аскаронро саф ороста, ҳозирғоиб намуданд. Аз вокзали роҳи оҳан сарбозонро ба поезд савор карданд. Дар стансияи Когон ҳамаи аскаронро аз поезд фуроварданд. Пиёда даҳ-дувоздаҳ километр роҳро паймуда, дар мавзее шабро гузаронидем. Баъди тақсимот қисми ҳарбии моро дар болои арки Бухоро ҷой доданд. Боз қариб панҷ-шаш моҳ машқи ҳарбӣ кардем... Аз Бухоро ба Когон омадем. Ба поезд савор шуда, аз Ӯзбекистону Қазоқистон гузашта, ба Россия даромадем. Поезд аз байни шаҳру деҳоти валангор ва бешазорҳо гузашта, дар шаҳри Курск қарор гирифт. Аз стансия боз якчанд километр роҳ паймудем. Гирду атроф хомӯш ва беодам буд. Баъди хӯрок хӯрда каме дам гирифтан ҳайати шахсиро бо ароқҳо таъмин карданд. Ба ман пулемёти дастӣ доданд. Полки моро, ки аз тоҷикон иборат буд, бо полки ӯзбекону туркманҳо ва қазоқҳо якҷоя карданд. Як ҳафта шабу рӯз машқҳои мураккаби ҳарбӣ кардем. Дар катҳои аз қамиш сохтаи худи ҷанговарон дам мегирифтем. Фармон шуд, ки ба самти Киев ба роҳ бароем. Барои озод кардани хоки Украина аз дасти фашистон ҷангҳои сахти хунин мерафт... Тирамоҳи соли 1943 Армияи Советӣ соҳили чапи Украина ва моҳи октябри соли 1944 тамоми ҳудуди онро аз душманон озод намуд ("Чархи гардун", 28.01.2015).

Ҷумлаи амрӣ:

Ҷавонмардо, ҷавонмардӣ биёмӯз,  
Зи мардони ҷаҳон мардӣ биёмӯз!  
Дарун аз кини кинҷӯён нигаҳ дор,  
Забон аз таъни бадгӯён нигаҳ дор!  
Накуӣ кун ба он, к-ӯ бо ту бад кард,  
К-аз он бад рахна дар иқболи худ кард.  
Чу оини накукорӣ кунӣ соз,  
Нагардад бо ту ҷуз он накуӣ боз (Ҷомӣ).

Т а в з е ҳ и м а т н б о я д ч у н и н б о ш а д: Ҳадафи асосӣ ифодаи хабари ҷумла бо шакли амрии феълҳои сода ва таркибӣ: *биёмӯз, нигаҳ дор, накуйӣ кун.* Феъли *соз кардан* дар шакли сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ низ тобиши фармоиши маслиҳатомез дорад. Бар замми ҳадафи асосӣ, дар матни шеър шарҳи вожаҳои *ҷавонмардӣ, мардӣ, кинҷӯён, бадгӯён, накуйӣ кардан, накукорӣ кардан, накуйӣ*, таъбирҳои *дарун аз кин нигаҳ доштан, забон аз таън нигаҳ доштан, рахна дар иқболи худ кардан, оини накукорӣ кардан*, муносибати маъноии *ҷавонмардӣ* бо *мардӣ,* тазоди *ҷавонмардию мардӣ* бо *кинҷӯию бадгӯйӣ, касе бадӣ кунад, дар подоши он бадӣ накардан*, мурочиати "*ҷавонмард-о*" ба тамоми матн таносуби маъноӣ дорад, мафъулҳои суратнаёфтаи (бе пасоянди) *ҷавонмардӣ, мардӣ* (омӯхтан), *забон* (нигаҳ доштан), муродифоти пешояндҳои аслии *ба // бо*, вазифаҳои пайвандакҳои тобеъкунандаи *ки* ва *чу* бояд шарҳ дода шавад.

## ДАСТЁРИ БЕМИННАТ

(аҷоиботи табиат)

Ба ҳодисаҳои табиат бо назари кунҷковӣ нигоҳ кунед, шоҳиди воқеаҳои аҷоиб мегардед. Боре дар фасли тобистон бо мақсади сайругашт гузорамон ба як гӯшаи кӯҳсор афтод, ки он дар доманакӯҳи байни деҳаҳои Қули Хӯҷа ва Мулломири ноҳияи Ашт воқеъ шуда буд. Он, аслан, як дарачаи хурде буд, ки Сардоб меномиданд. Сабаби Сардоб ном гирифтани дарача ё бо номи қадимаи суғдиаш "кул" аз он сабаб буд, ки аз

як чашмааш ним ҷӯй об ҷорӣ буд. Оби он чунон сард буд, ки дар чиллаи тобистон даст расонед, дастатон хунук мехӯрд.

Замини гирду атрофи чашмаро ҳамвор намуда, ниҳолҳои зардолу шинондаанд. Пеши ниҳолҳо аллакай ба ҳосил даромада, байни шохаҳои сарсабзи онҳо ҷо-ҷо зардии зардолуҳои зардшуда ба назар мерасид. Ин манзараи басо дилфиребу кӯҳсорро тамошо карда, диққати маро як чиз ҷалб намуд: зери ҳамаи ниҳолҳои зардолу шудгор буд. Одатан бехи ниҳолро нарм мекунанд, ки ниҳол озод нафас гирифта, реша давонад ва зудтар ҳосил диҳад.

Соҳиби боғро дида, хушҳавсалагии ӯро таъриф кардам:

--Ниҳолпарвари корозмуда менамоед. Дигар боғдорон танҳо бехи дарахтонашонро нарм кунанд, шумо тамоми зери ниҳолҳоро шудгор кардаед.

Боғбон хандида гуфт:

--Мо – мардуми чӯпон, аз куҷо он қадар фурсати бекорӣ дорем, ки зери ин қадар ниҳолро шудгор кунем. Ин хизмати беминнати хукҳои ёбоӣ аст, ки вақтҳои охир дар кӯҳсор пайдо шудаанд. Гоҳ-гоҳ шабона омада, аз зери дарахтҳо зардолуҳои ба замин рехтаро ёфта, хӯрдаанд. Гумон кардаанд, ки он меваҳо мисли картошка ё сабзӣ аз зери хок рӯйидаанд. Хукҳо дар ҷустуҷӯйи зардолу зери ҳамаи ин ниҳолҳоро бо неши худ шудгор кардаанд.

Б.Камолиддинов.

## МАВОДДИ МАВЗӮИ УСЛУБИЁТ ВА ҲУСНИ БАЁН

**Саволу супориш:**

1.Лавҳаи лирикиро мутобиқи талаботи мавзӯъ ва мундариҷа муассир қироат кунед ва шарҳ диҳед, ки чаро соли 1992 нигоранда ин қадар муштоқи дидори Наврӯз шудааст.

2. Чаро умед ба қудрати ҷамшедию сулаймонӣ баста, дараке аз “Тахти Ҷамшед” ва “ангуштарини Сулаймон” мепурсад?

3. Чаро нависанда «Он маразҳои дерин аз ҷониби лашкару силоҳи ғосибон буд, на “аз мост ки, бар мост” буд» мегӯяд?

## НАВРӮЗИ ҶИГАРСӮЗИ ШАҲРИТУС

Шарқшиноси варзида Алиқули Девонақул, ки даҳҳо асари назму насри суннатии моро ба хати имрӯза гардонидааст, Наврӯзи соли 1993-юми диёраш – Шаҳритусро, ки забонаи оташи ҷанги шаҳрвандӣ ба он ҷо ҳам расида буд, бо чунин сӯзу алам тасвир кардааст:

Хайри мақдам, Наврӯзи куҳансолам! Ман имсол аз ҳарсола дида туро бо носабрие мунтазирам. Рост мегӯям, ба дидори ту муштоқам, бовар кун. Биё, биё! Магар бохабарӣ, ки ману халқам чӣ ҳол дорем?! Агар туро заррае қудрати ҷамшедию сулаймонӣ ҳаст, пас дараке аз “Тахти Ҷамшеду” аз “ангуштарини Сулаймон” бидеҳ! Охир, мо ҳама қариб бе тахту бахт мондему дасти офаридгорамон қувваи эҳёи худро гум карда, аз колбади ҳамдигар ҷонситониро касб кардааст. Чӣ?! Мегӯйӣ, ки ҷароҳати туро нахарошам?! Бубахш маро, охир бинии ҳазорон ҳазор фарзандони мо ба хун омад. Магар ин ҳама аз фитнаи Ҷоносп аст ё худ фитнаи дигарест, ки мо худхору худкуш шудаем? Ман аз ҷароҳату захмҳои бадани ту бохабарам. Агар хоҳӣ, ёдоварат мешавам, агарчи медонам, ки озори хароши ҷароҳат тоқатноназир аст. Ту маро дуруст бифаҳм, ин дарду озор ва аламу ҳасрати имсолаи ману халқам ба он ҷароҳатҳои таърихии ту монанд нест. Охир он маразҳои дерин аз ҷониби лашкару силоҳи ғосибон буд, на “аз мост, ки бар мост” буд. Бовар мекунам, ки ту -- Наврӯзи ман, ба мисли қабатҳои пиёз ҳаводиси солҳои бешуморро дар авроқат сабт кардаӣ (Шамъи хирад афрӯзӣ // Садои мардум, 7.04.1993).

**Саволу супоришҳои забономӯзӣ аз рӯйи матн:**

1. Муаллифи матн ба Наврӯз муроҷиат намуда, дарди дилашро баён мекунад, ки хеле ӯро пазмон шуда буд, вале аз омадани вай шодмонӣ накард, балки дарду аламаш фузунтар гардид. Чунин муколамаи шахси лирикӣ бо исми маънии ғайришахс кадом санъати сухан аст?
2. Ибораҳои “ба ҷароҳати касе нохун задан”, “ҷароҳати касеро харошидан” чӣ гуна воҳиди забонанд? Кадоме аз онҳо маъмул (инвариант) ва кадоме на чандон маъмул (вариант ё қарина) аст?
3. Кадимаҳои *ҳаводис* ва *авроқ* кадом ҳиссаи нутқ ва чӣ хусусияти грамматикӣ доранд?
4. Калимаи *маразҳо* чӣ гуна обуранги ҳиссӣ дорад ва чӣ эҳсосоти нигорандаро ифода мекунад?
5. Калимаҳои *худхор* ва *худкуш* кадом ҳиссаи нутқанд ва чӣ тарз сохта шудаанд? Боз кадом калимаҳои мураккабро медонед, ки бо ҳиссаи “худ-“ сохта шуда бошанд?
6. Дар сарлавҳаи “Наврӯзи ҷигарсӯзи Шаҳритус” ва таркиби “бахту тахт” кадом санъати лафзӣ истифода шудааст?

**Саволу супориш:**

1. Ба хонандагон супориш диҳед, ки матнро хонда, муайян кунанд, ки он ба кадом жанри публисистӣ тааллуқ дорад ва дар он кадом хусусиятҳои он жанр мушоҳида мешаванд.
2. Супориш диҳед, ки гӯё ҳар кадоми шумо дар паси баландгӯяк (микрофон) нишастаед ва ҳазорон шунавандагон ба суханони шумо гӯш медиҳанд. Матнро тарзе қироат кунед, ки ягон нуқсони талаффузи овозҳо, ист кардан пас аз ҳар ҳиссаи маънодори ҷумла, задаи калима ва фраза (мантиқӣ) надошта бошад. Кӣ ҷуръат дорад ба назди тахта (минбар) баромада матнро бурро, бо овози баланд ва суфтаву равон қироат кунад?
3. Хоҳишманди дигаре ҳаст, ки аз шахси аввал матнро беҳтар қироат кунад?
4. Касе метавонад мазмуни ҳамин матро пурра ва беғалат нақл кунад?

## ЁДБУДИ ШОИР

Бо мақсади ҳавасманд кардани адибони ҷавони боистеъдод шуъбаи кӯлобии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон барои дарёфти Ҷоизаи адабии ба номи Ашӯр Сафар ҳамасола моҳи май озмун эълон менамояд.

Имсол шоир Яъқуби Исматулло барои китоби “Дар васфи Ватан таронахонӣ, дили ман” барандаи ин ҷоиза гардид. Ба ин муносибат 17-уми май дар назди нимпайкараи Шоири халқии Тоҷикистон Ашӯр Сафар маҳфили хоса доир гардид. Маҳфилро котиби масъули бахши кӯлобии ИНТ, Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб ҳусни ифтитоҳ бахшид.

Дар чорабинӣ аҳли илму адаб, кормандони фарҳанг, алоқамандони шеъру шоирӣ, омӯзгорон, рӯзноманигорон ва директорони мактабҳо ширкат варзида, дар назди нимпайкараи устод Ашӯр Сафар гулчанбар гузоштанд ва аз рӯзгору осори шоири зиндаёд ёдоварӣ карданд.

Дар чорабинӣ хонандагони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 50-уми ба номи Ашӯр Сафар бо шеъру таронаҳои дилошӯб хотири иштирокдоронро болида гардониданд (“Адабиёт ва санъат”, 25.05.2017).

**Супоришҳо аз рӯйи матн:**

1. Муайян кунед, ки матн ба кадом услуби баён тааллуқ дорад ва дар он чӣ гуна хусусиятҳои луғавию грамматикии он услуби баён мушоҳида мешаванд.
2. Матн ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст ва он мундариҷаи иттилоӣ (хабарӣ), муҳокимавӣ ё хусусияти тасвирӣ дорад?
3. Матн аз чанд сархат иборат аст ва ҳар кадоми он сархат кадом қисмати мавзӯъро дар бар мегирад?
4. Байни сархатҳо чӣ гуна алоқамандии маъноию грамматикӣ вуҷуд дорад ва бо кадом воситаҳои луғавӣ, маъноӣ ва грамматикӣ ифода ёфтааст?
5. Шумо ҳам аз чорабиниҳое, ки дар мактабатон ба ягон муносибат доир гардидаанд, хабаре таҳия кунед. Онро чанд бор хонда, ғалатҳояшро ислоҳ кунед.

**Як намунаи дигар барои навиштани хабар:**

Бо ташаббуси Иттифоқи нависандагон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар толори ба номи Шарифҷон Ҳусейнзода бо иштироки адибону донишмандон ва донишҷӯён "Маҳфили турсунзодахонӣ" баргузор гардид. Маҳфилро муовини ректори ДМТ Абдусалом Миралиев бо суханони ифтитоҳӣ ҳусни оғоз бахшид.

Дар бораи шахсият ва эҷодиёти Мирзо Турсунзода раиси ИНТ Низом Қосим, адибон: Рустам Ваҳҳобзода, Абдураҳмони Абдуманнон, Ато Ҳамдам ва Муртазо Зайниддинов сухан ронданд. Донишҷӯён аз эҷодиёти устод шеърҳо қироат карданд ("Адабиёт ва санъат", 2017, 11 май).

**Саволу супориш:**

1. Матнро се нафар хонанда дар нақши муаллифи матн, Ҳошим Шоиқ ва Халилуллоҳи Халилӣ қироат кунанд.
2. Омӯзгор аз хонандагон пурсад, ки матн ба кадом услуби баён (бадеӣ, публисистӣ, публисистӣ-бадеӣ) тааллуқ дорад.
3. Чаро Ҳошим Шоиқ хоҳиш мекунад, ки баъди мурдан ӯро дар баландии байни ду қуллаи кӯҳи Кобул гӯронанд?
4. Баъди шиносоӣ бо мундариҷаи матн пай бурдед, ки ҳадафи асосии муаллиф чӣ будааст?
5. Чаро мардум "Марди ғарибро хоки ватан аз тахти Сулаймон беҳтар" гуфтаанд?

## БУХОРОЯМ БА ЁДАМ ОМАД

Ҳошим Шоиқ -- адиби хушзавқ ва донишманди тоҷик сафири аморати Бухоро дар Афғонистон буд. Хабари шикаст хӯрда фирор кардани амир Олимхонро ба ӯ расонданд. Ҳошим Шоиқ адиб ва сиёсатмадори обрӯманд ки буд, боз пешниҳод ҳам карданд: хоҳад, ба Бухоро баргардад, нахоҳад, дар Кобул бимонад. Пешниҳоди дуюмро пазируфт, аммо як умр азоби фироқи Бухоро мекашид.

Шоири афғон Халилуллоҳи Халилӣ ба ёд овардааст:

"Ашкҳои Ҳошим Шоиқ Афандӣ аз зери айнакҳо мерехт ва мегуфтем:

-- Чӣ шуд?

Мегуфт:

-- Бухороям ба ёдам омад... Ва мехонд:

Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд,<br>
Бо бӯйи гулу мушку насими суман ояд...

Ва гоҳе ҳам як рубоӣ мехонд:

Эй боди сабо, тарабфизо меойӣ,<br>
Аз тарфи кадом кафи по меойӣ?<br>
Аз кӯйи кӣ бархостаӣ, рост бигӯ,

Эй гард, ба чашмам ошно меойӣ.

Чун ба худаш аён гаштааст, ки вақти оламро падруд гуфтан наздик, васият кардааст: “Аз олам ки чашм пӯшидам, маро дар қабристони Кобул ба хок насупоред, балки дар баландии хамгашти миёни ду кӯҳи Кобул гӯронед”. Сабаб пурсидаанд. Гуфтааст: “Боди Бухоро аз ҳамон ҷо мегузарад”.

**Саволу супоришҳои забономӯзӣ аз рӯйи матн:**

1. Муайян кунед, ки матнро ба кадом услуби баён нисбат додан мумкин аст: бадеӣ ё публисистӣ-бадеӣ. Ба навишти пешояндҳои *аз сӯйи, аз кӯйи* ва феъли *меойӣ* диққат диҳед.
2. Сархати якуми матн аз чанд ҷумла иборат буда, мазмуни иттилоӣ, муҳокимавӣ ё хусусияти тасвирӣ дорад?
3. Ҷумлаи дуюми он аз ҷиҳати сохт сода, мураккаби пайваст, тобеъ ё сертаркиб аст?
4. Сархати охирин иттилоӣ, муҳокимавӣ ё тасвирист?
5. “оламро падруд гуфтан” ва “аз олам чашм пӯшидан” кадом воҳиди забонанд ва бо ҳамдигар чӣ муносибати маъноӣ доранд?
6. Дар навишти *бӯйи гул, аз сӯйи, аз кӯйи, меойӣ* чӣ қоидаи нави имло ба забонамон ворид шуд?

**Саволу супориш:**

1. Бо фармоиши омӯзгор яке аз хонандагон ба назди тахта баромада, матнро ба аломатҳои китобат ва тақтеи аъзоҳои ҷумлаҳо риоя намуда, баланд ва беғалат қироат кунад.
2. Сипас омӯзгор хонандагонро ба баҳс омода намуда, пурсад, ки сабаби дар ташвиш афтодани падару модари писар чӣ буд?
3. Онҳо чӣ тадбир ёфтанд, ки писарашонро аз он ҳолати ногувор раҳоӣ бахшанд?
4. Он шахси бегона магар кори нек кард, ки магнитафони камчинро ҷустуҷӯ карда, ёфта, оварда, ба кор даровардани онро ба писар ёд дод?
5. Боре шумо ҳам ягон некӣ ба касе кардаед, ки ӯ ягон нуқсони ҷисмонӣ дорад?

## МАГНИТОФОНИ “ВЕСНА”

Фарзанди яке аз кормандони нашриёт бо нуқсонҳои ҷисмонӣ ба дунё омада буд: дасту пойҳояш нағз ҳаракат намекарданд. Рӯзи дароз дар хона танҳо менишаст, майли хӯрду хӯрок, бо касе суҳбату дилхушӣ кардан надошт. Аз ин падару модар ҳамеша дар ташвиш буданд. Рӯзе падараш аз ман хоҳиш намуд, ки барои писараш як магнитафони хуб харида орам. Дар замони шӯравӣ магнитофони “Весна” хеле камчин буд. Ман ёфта, овардам. Слава баробари дидани қуттии магнитофон дар болои кат нимхез шуда, ба сӯйи ман, ки барояш одами ношинос будам, ғазаболуд нигоҳе карду сарашро болои қуттии магнитофон хам намуда, кӯдакввор чор тарафашро бо ҳавас аз назар мегузаронид. Ҳис кардам, ки онро кушода, диданӣ, вале тарзи кушоданашро намедонад.

--Мехоҳӣ, қуттиро кушоям? – пурсидам аз ӯ. Вай ҳарфе назада қуттиро ба сӯям дароз кард. Аз кисаам кордчаро бароварда, миёни коғази қуттиро бурида, магнитофонро бо симу дискаш баровардам ва симашро ба разеткаи барқ васл карда, дискро ба хоначааш гузоштаму тугмаашро пахш кардам ки,

садои суруди машҳури Лев Ошанин баланд шуд. Ҳама аз хурсандӣ ба ҳамдигар нигаристем. Дар чашмони Слава барқи шодӣ дурахшид. Магнитофонро хомӯш кардаму болои пойҳои Слава гузоштам ва ангушти дасташро болои тугма гузошта, пахш кардам. Магнитофон боз ба кор даромад. Акнун ӯ як ба ман нигоҳ мекарду як ба магнитофон. Магинитофонро бо ангуштам хомӯш кардам ва гуфтам, ки акнун худаш тугмаро пахш кунад. Слава ҳаракатҳои ёддодаамро такрор карда магнитофонро мустақилона ба кор даровард. Хурсандии ӯро ҳадду канор набуд. Падараш даструймолчаашонро аз киса бароварда, оби чашмонашонро пок карданд (Нарзиқул Обидов, "Дар байни устодон").

**Саволу супоришҳои забономӯзӣ аз рӯйи матн:**

1. Дар ҷумлаи аввал маънои "ба дунё омада буд"-ро боз бо кадом калима, таркиб ё ибора ифода кардан мумкин аст? Байни онҳо чӣ тафовути маъноӣ ё услубӣ мушоҳида мешавад?
2. Калимаҳои *ҷисмонӣ, шӯравӣ* ва *шодӣ* кадом ҳиссаҳои нутқанд ва чӣ тарз сохта шудаанд? Боз кадом калимаҳои сохтаро медонед, ки бо ҳарфи "-ӣ" навишта мешаванд? Онҳоро нависед, зеро дар имлои чунин калимаҳо баъзе ҳамсабақонатон ғалат мекунанд.
3. *–Мехоҳӣ, қуттиро кушоям?* чӣ гуна ҷумла аст? Пас аз калимаи "мехоҳӣ" аломати вергул гузоштан дуруст аст? Дар ҷумлаи "Мехоҳам, ба саёҳат равам" чӣ?
4. Дар ҷумлаи "...дискро ба хоначааш гузоштаму тугмаашро пахш кардам (!) ки (!) садои суруди машҳури Лев Ошанин баланд шуд" аломати вергулро пеш аз "ки" гузоштан дуруст аст ё пас аз он?
5. Ин ҷумларо таҳлили наҳвӣ кунед: Ҳама аз хурсандӣ ба ҳамдигар нигаристем.

**Саволу супориш:**

1. Муколамаро дар нақши нависанда (муаллиф), Асламамак, духтур, бемор (Адолатхола) ва Марям хонед.
2. Матн иттилоӣ, муҳокимавӣ ё тасвирӣ аст?
3. Ҳикоят аз чӣ оғоз ёфта, ҷараён мегирад?
4. Чаро Асламамак ба духтур "Ман қудрати ин корро кардан надорам. Ту – духтур, забони беморонро беҳтар медонӣ, ягон илоҷашро биёб." мегӯяд?
5. Илоҷи хотирҷамъ намудани бемор чӣ тарз пайдо мешавад?

## ДИЛИ МОДАР

Асламамак чойро гардонда, ба пиёла рехта, ба духтур дароз карда, бо овози паст гуфт:

--Хайрият, ки аз бедарак шудани бача хабар надорад, вагарна рӯзи ҳамаро мисли таги дег сиёҳ менамуд.

--Хафа нашавед, амак, -- гуфт маслиҳатомез духтур, -- ба холаам душвор, охир, модаранд, дилашон месӯзад ба фарзандашон.

--Дили ман намесӯзад магар?

--Сӯхтани модар дигар аст,-- гуфт духтур ҷониби бемор назар андохта ва пичирросзанон афзуд. – Ҳангоми аз беморхонаи шаҳр ҷавоб додан духтур гуфт, ки ба умри занак ду-се моҳ мондааст. Ман ҳам дар ҳамин андеша будам, аммо танҳо ба умеди дидори фарзанд ба марг тан намедиҳад ӯ. Набзаш умуман эҳсос намешавад, бо ин фишор чӣ хел гап мезанад, ҳайронам.

--Чӣ бояд кард? – пурсид соҳибхона.

-- Бедарак шудани фарзандашро, ба ҳар роҳе бошад, ба ӯ фаҳмондан лозим, то дигар аз раҳпойӣ азоб накашад. Интизорӣ бас мушкил корест, хоса барои одами бемор. Аз ин беш ба дурӯғ модарро умедвор кардан аз рӯйи адолат нест.

-- Ман қудрати ин корро кардан надорам. Ту – духтур, забони беморонро беҳтар медонӣ, ягон илоҷашро биёб.

Духтур дар ҷавоб хомӯш монд.

--Чӣ фиш-фиш доред, -- сар аз кӯрпа берун кард Адолатхола. – баландтар гап занед, ман ҳам шунавам. Як умр устухони маро хойидед.

Асламамак мехост, чизе бигӯяд, аммо ҳамин лаҳза дар кушода шуду фарзанди калони онҳо – Марям даромад.

--Биё, -- гуфт Асламамак, -- камнамо шудӣ, дигар ёди оча ҳам намекунӣ?

--Парерӯз дар ҳамин ҷо будам, дадаҷон, -- гуфт духтар ранҷидахотир. – Ман ҳам рӯзгор дорам, шавҳарам бемор.

Марям бо духтур аҳволпурсӣ карда, сари болини модар гузашт.

--Аҳволашон чӣ хел, ягон беҳбудӣ ҳаст? Дарду ғами Асад абгор кард очама. Агар Асад меомад...

--Асадҷон омад? – овоз баровард Адолатхола.

-- Ҳа, омад Асад. Ту – рӯзи дароз хоб, -- гуфт Асламамак аз духтур чашм наканда.

--Омад?

--Ҳа! – Дигар сир бой надод духтур низ.

--Ку?

--Хеле дар сари болинат нишаст, бедор нашудӣ. Раҳкӯфта омадааст. Ҳоло дар хонаи гӯшагардон хоб аст. Бедор кунам? – гуфт Асламамак.

--Хоб рафта бошад, нофораш накунед. Бигузор истироҳат бикунад. Роҳи дароз, монда шудагист. Азоб кашид бачаҳакам,-- гуфт модар ва ба паҳлуи чап гашта, сар ба болин монду ба хоби абадӣ рафт... (Р.Махсумзод, Дили модар // “Адабиёт ва санъат”, 8.12.2016).

**Саволу супоришҳои забономӯзӣ аз рӯйи матн:**

1. Матн ба кадом услуби баён (расмӣ, илмӣ, бадеӣ, рӯзноманигорӣ, муошират) тааллуқ дорад?
2. Калимаю таркибҳои *фиш-фиш доштан (кардан), раҳкӯфта, гӯшагардон, нофор накардан* чӣ гуна воҳиди луғавианд, ба чӣ маъно ва бо кадом мақсади услубӣ дар матн ба кор бурда шудаанд?
3. Ибораҳои *рӯзи касеро сиёҳ кардан, дили касе ба касе месӯзад, забони касеро донистан, устухони касеро хойидан, аз касе чашм накандан, сир бой надодан, ба хоби абадӣ рафтан* чӣ гуна воҳиди забонанд, чӣ маъноро ифода мекунанд?
4. Кадом тарзи ифода дуруст аст? “Бедарак шудани фарзандашро, ба ҳар роҳе бошад (// набошад), ба ӯ фаҳмондан лозим”.
5. “Чӣ бояд кард?” кадом навъи иртиботии (коммуникативии) ҷумла аст ва он аз ҷиҳати сохтор ҷумлаи содаи яктаркибаи муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс ва ё бешахс аст?

**Саволу супориш:**

1. Матнро хонандагон дар нақши се нафар: муаллиф (К.Мирзоев), Президент Эмомалӣ Раҳмон, марди солманд қироат кунанд.
2. Вокуниши хонандагон ба ғайричашмдошт боридани борон ва ба ҷунбиш омадани мардум:

- Чаро Президент эҳтимоли ба жола табдил ёфтани боронро ба “пою қадами муборакӣ” худ нисбат доданд?
- Аз қудуми Шумо файз меборад” гуфтани он пирамард чӣ маъно дошт?
- Чаро нависанда маҳз ҳамин лаҳзаи воҳӯриро ба ёд овардааст?

## ПЕШВОЗГИРӢ

Мардуми шарифи ноҳияи Кофарниҳон ба истиқболи Ҷаноби Олӣ баромаданд. Садои карнаю сурнай, суруду мусиқӣ. Салому алейк мегуфтанд, мардум ба ҳарфҳои Ҷаноби Олӣ бо завқ гӯш медоданд. Авҷи сухангӯйӣ буд ки, шим-шим борон омад. Осмон абролуд. Мардум гӯё ба ҷунбиш даромаданд. Боридани борон андаке шиддат гирифт. Ноором̄ӣ аз назари Ҷаноби Олӣ пинҳон намонд.

--Борон омад, -- бо лабони пурханда ба ҳозирин муроҷиат карданд ва афзуданд боз: -- Борон омад, метарсам, ки аз пою қадами муборакӣ банда жола борад, -- баланд хандиданд, ҳозирин ҳам завққунон хандиданд. Лаҳзае нагузашта буд ки, ҳавои баҳор тағйир ёфт. Марди солманде назараш ба осмон хандида-хандида аз қатори одамон пеш баромад:

--На, Ҷаноби Олӣ, ҳаргиз ин тавр нагӯед. Аз қудуми Шумо файз меборад, баракат меборад, жола намеборад. Ана бинед, ҳаво оина барин соф гардид. Офтоб мебароял, офтоб!... (К.Мирзоев).

**Саволу супоришҳои забономӯзӣ аз рӯйи матн:**

1. “Садои карнаю сурнай, суруду мусиқӣ” чӣ гуна ҷумла аст? Магар ибораи номии изофӣ ҳам ҷумла шуда метавонад?
2. “Авҷи сухангӯйӣ буд ки, шим-шим борон омад.” чӣ гуна ҷумла аст? Чаро аломати вергул баъд аз пайвандаки “ки” гузошта шудааст?
3. Ибораи “Ҷаноби Олӣ” дар кадом маврид ба вазифаи аъзои ҷумла омадааст ва дар кадом маврид аъзои ҷумла намешавад?
4. Калимаҳои *хандакунон* ва *хандида-хандида* чӣ гуна шакли феълӣ ва дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадаанд?
5. Мазмуни ҷумлаи “Ноором̄ӣ аз назари Ҷаноби Олӣ пинҳон намонд”-ро боз чӣ тарз ифода кардан мумкин аст?

**Саволу супориш:**

1. Дар бораи робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон чӣ медонед?
2. Лоренс дар бораи Тоҷикистон ва мардуми он чӣ гуфтааст?
3. Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳаққи шарқшиноси хориҷӣ, ки миллату фарҳанги моро дар ватанаш муаррифӣ кардааст, чӣ қадрдонӣ намуд?

**Манфред Лоренс:** ”Тоҷикистонро дидаму ба он меҳр бастам”

Ӯ бо забонҳои тоҷикӣ-форсӣ, арабӣ, паштунӣ, курдӣ, русӣ, лотинӣ, осетинӣ, булғорӣ, санскрит ҳарф мезад. Шогирди нависандаи номӣ Бузург Алавӣ буд. Бори аввал Лоренс ба Тоҷикистон соли 1957 омад ва баъд аз он робитааш бо ин кишвар ҳеҷ гоҳ канда нашуд. Мавзӯи рисолаҳои номзадию докториаш ҳам ба забону адабиёти тоҷик бахшида шудааст. Ӯ муаллифи як қатор китобҳои дарсии забони тоҷикӣ аст, ки чандин насли донишҷӯёни олмонӣ аз рӯйи онҳо забони моро омӯхтаанд.

--Маро лозим омад, ки борҳо ба Эрону Афғонистон равам, -- дар як мусоҳибааш гуфтааст олим, -- вале Тоҷикистон нахустин кишвари форсигӯён буд, ки муҳаббати он дар дили ман умрбод маъво гирифт.

Соли 2011 ҳангоми сафари расмии хеш ба шаҳри Берлин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Манфред Лоренс чун нишони қадршиносӣ барои саҳми бориз дар таҳкими дӯстии халқҳо ва кишварҳои мо ордени “Дӯстӣ” супориданд (“Адабиёт ва санъат”, 2017. 22 июн).

**Саволу супоришҳои забономӯзӣ аз рӯйи матн:**

1. Матн иттилоӣ, муҳокимавӣ ё тасвирист?
2. Он аз чанд сархат иборат аст ва дар ҳар кадоми онҳо сухан дар бораи чӣ меравад?
3. Байни сархатҳо чӣ алоқамандии маъноӣ ва грамматикӣ вуҷуд дорад ва он бо кадом унсурҳои луғавӣ, маъноӣ ва грамматикӣ ифода ёфтааст?
4. Талаффузи исми хоси *Манфред Лоренс* аз талаффузи номҳои тоҷикӣ ягон тафовут дорад?
5. Мазмуни ҷумлаи “Маро лозим омад, ки борҳо ба Эрону Афғонистон равам”-ро ба тарзи дигар ифода кунед ва гӯед, ки муродифҳои наҳвӣ аз ҷиҳати сохтори грамматикӣ чӣ тафовут доранд.

**Саволу супориш:**

1. Матнро дар нақши муаллиф, аскарбача ва генерал қироат кунед.
2. Чаро генерал сурати занеро дар болои кати аскар дида, ба ғазаб омад? Ба фикри шумо, ӯ чӣ гумон кард?
3. Баъди шунидани ҷавоби аскар чаро генерал аз амри худ пушаймон шуд?
4. Сухани генерал: “Мо аскарони Модар – Ватан ҳастем!” чӣ маъно дорад?
5. Чаро забонамонро “модарӣ” меномем, Ватанамонро ҳам баробари модарамон азиз мешуморем?

## СУРАТИ МОДАР

Ба қисми низомии Асрорино генерал омад. Вай марди солхӯрдаи сарсафеди қавипайкари ҷиддинамо буд. Генерал бо аскарон дар хобгоҳашон вохӯрда, бо онҳо суҳбат орост ва ба саволҳои аскарон ҷавоб дод. Аммо ҳангоми хайрухуш дар девори кати хоби Асрор сурати занеро дида оташин шуда, пурсид:

--Ин сурати кист?! – мунтазири ҷавоб нашуда амр дод. – Гиред онро! Хобгоҳи аскарон бояд одӣ, тоза ва ягон чизи зиёдатӣ надошта бошад!

--Итоат! – хитоб кард Асрор. – Ин сурати модарам аст, ҷаноби генерал!

Асрор суратро аз девор канданӣ шуда буд ки, генерал калимаи “модар”-ро шунида, узромез гуфт:

--Агар ин сурати модарат бошад, бигзор, истад, зеби тори сарат бошад. Модар ҳамеша ва дар ҳама ҷо бояд ҳамроҳи мо бошад. Мо аскарони Модар –Ватан ҳастем!

Генерал инро гуфту рафт. Баъди як ҳафта дар девори ҳар кати хоби аскарон сурате пайдо шуд, суратҳои модарон буданд онҳо...

(Азизи Азиз)

**Саволу супоришҳои забономӯзӣ аз рӯйи матн:**

1. Ба фикри шумо, ибораи “хонаи Асрорино” аз “хонаи Асрор” чӣ фарқи маъноӣ дорад?
2. Дар забони тоҷикӣ тарзи дигари ифодаи “хонаи Асрорино” вуҷуд дорад? Кадоме аз онҳо обуранги услубии адабии китобӣ ва кадоме обуранги гуфтугӯйӣ дорад?
3. “Гиред онро!” кадом навъи иртиботии (коммуникативии) ҷумлаҳои сода аст? Дар он ҷойи кадом аъзои ҷумла тағйир ёфтааст ва сабаб чист?

4. “Итоат!” ҷумлаи нопурра аст ё беаъзо (яккалимагӣ)?
5. Дар ҷумлаи “Асрор суратро аз девор канданӣ шуда буд ки, генерал калимаи “модар”-ро шунида, узромез гуфт” чаро аломати вергул пас аз пайвандаки “ки” гузошта шудааст?

**Саволу супориш:**

1. Табрикоти наврӯзӣ ҳуҷҷатнигорӣ ё муросалот (номаногорӣ) аст?
2. Чаро унвони ширкат бо ҳарфҳои калон дар аввали табрикнома чоп шудааст? Тахфифи наврӯзӣ бо номаи табрикот чӣ муносибат дорад?
3. Аз муроҷиати “Ҳамватанони азиз!” ва дар интиҳо “Наврӯзи 2016 муборак!” чӣ гуна муносибати нигоранда аён мегардад?

ТАБРИКНОМАИ НАВРӮЗӢ

Ширкати сохтмонии ”Авитсенна”

**Ҳамватанони азиз!**

ҶСК “Авитсенна” ҳамаи шуморо бо фарорасии фасли баҳор, оғози мавсими киштукор ва эҳёи табиат – Наврӯзи хуҷаставу фархунда самимона табрику муборакбод намуда, ба Шумо ва наздиконатон хушбахтиву саодати зиндагӣ, нишоту хурсандӣ ва файзу баракати рӯзгорро таманно менамояд!

**Ҳамзамон тахфифи наврӯзӣ оғоз менамояд.**

Муфассал бо рақамҳои 999 999 967 934 099 967

Ва сомонаи Avicenna.tj 934 109 967 777 882 255

НАВРӮЗИ 2016 МУБОРАК!

**Саволу супоришҳои забономӯзӣ аз рӯйи матн:**

1. Ҷонишини “Шумо” эҳтироми Ҷамъияти саҳомии “Авитсена”-ро нисбат ба як нафар ифода мекунад ё нисбат ба кулли алоқамандони он ҷамъият?
2. Таркибҳои ҷуфти *табрику муборакбод, хушбахтию саодат, нишоту хурсандӣ, файзу баракат* пургӯйист ё барои таъкиди айни як маъно кор фармуда шудаанд?
3. Дар ифодаи “фарорасии фасли баҳор, оғози мавсими киштукор” кадом санъати лафзӣ истифода шудааст?
4. Байни “киштукор” ва “файзу баракат” чӣ тафовути навишт вуҷуд дорад?
5. Задаи калимаи “Авитсена” ба садоноки кадом ҳиҷо меафтад? Муқоиса кунед бо “Абӯалӣ Сино”.

# АННОТАТСИЯ

Саидзода Зафари Шералӣ. Истиқлоли давлатӣ ва гиромидошти забони модарӣ. – Душанбе: Контраст, 2013. – 200 с.

Дар ин китоб сухан дар бораи муҳимтарин рукни фарҳанги миллӣ – забони тоҷикӣ ва нақши созандаи он дар эҳёи давлатдории навини тоҷикон меравад. Муаллиф бар он кӯшидааст, ки дар партави суханҳои ҳикматомез, роҳнамоиҳои хирадмандона ва фармудаҳои дилсӯзонаи Президент Эмомалӣ Раҳмон, ки дар бобати омӯхтан, гиромӣ доштан, ҳифзу ҳиросат намудан ва ба қудрату тавоноии забони тоҷикӣ афзудан баён доштаанд, андешаҳои хешро иброз намояд.

Бо мақсади қавӣ гардонидани эҳсоси гиромидошти забони модарӣ дар зеҳни ҳамватанон, хусусан ҷавонон, баланд бардоштани завқи бадеӣ ва пайдо намудани малакаи суханронии шево дар ин китоб гулчине аз гуфтори ҳикматомези Президент Эмомалӣ Раҳмон дар бораи забон, намунаҳое аз афкори бузургон дар ситоиши сухан гирд оварда шудаанд.

Китоб барои омӯзгорону донишҷӯён ва доираи васеи дӯстдорони каломи бадеӣ пешбинӣ шудааст.

Ш а р ҳ и з а б о н:

Аннотатсия хонандаро бо мазмуни китоб ва ҳадафи муаллиф ошно месозад. Вобаста ба мундариҷаи матн аз қабили *ҳифз намудан, забони тоҷикӣ, фарҳанги миллӣ, эҳёи давлатдорӣ, эҳсоси гиромидошти забони модарӣ, завқи бадеӣ, малакаи суханронии шево, каломи бадеъ* ва ғайра таъбиру истилоҳоти сиёсию фарҳангиро дар бар мегирад. Фикр дар қолаби ҷумлаҳои сода ва мураккаб саҳеҳ ва мӯҷаз ифода ёфтааст. Дар интиҳо ба кадом доираи хонандагон пешниҳод гардидани китоб зикр шудааст.

# ПОКИЗА НИГОҲ ДОШТАНИ ЗАБОН

Б.Н.Головин дар асараш “Асосҳои ҳусни баён” ба василаи ривоҷ додани фаъолияти таълиму тарбия барои баланд бардоштани савияи умумии сухандонию тарзи суханварии одамон чунин воситаҳоро ҳатмӣ шуморидааст:

“Он воситаҳо кадомҳоянд, ки ба покизагии забон футур меоваранд? Онҳо ба ном диалектизмҳо, яъне калима ва дигар унсурҳои забон, ки на ба забони умумихалқӣ (ҳоло – “забони адабӣ” ном дорад), балки ба гӯйиши маҳаллӣ ё лаҳҷа хосанд. *Онҳо ба ном* ***варваризмҳо****янд, яъне чунин калимаю таъбирҳое, ки бе ҳеҷ гуна зарурат ба нутқ ворид карда мешаванд.* Онҳо ба ном *жаргонизмҳо*янд, яъне калимаю ибораҳое, ки дар жаргонҳо – гурӯҳҳои маҳдуди аз забони мардум “дурафтода” пайдо ва ба кор бурда мешаванд ва эҳтиёҷи дохили гурӯҳи маҳдуди одамонро қонеъ мегардонанд. Ба чунин воситаҳои ба забони адабӣ ва мароми умум бегона *вулгаризмҳо* низ дохил мешаванд, ки як миқдор мафҳуми ашёву ҳодисаҳоро ба тарзи дағал ва таҳқиромез ифодакунандаро дар бар мегиранд. Ба шумори чунин воситаҳо калимаю таъбирҳои ҳақорату дашном дохил мешаванд, ки рӯйирост инсонро таҳқир ва беобрӯ месозанд (Основы культуры речи. – М.: Высшая школа, 1980. – С.166-167).

# РОҲНАМОИ ФАННИ
# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ,
# СИНФИ 11-ум

**барои омӯзгорони муассисаҳои**
**таҳсилоти умумӣ**


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | М. Холов |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Н.С. Зайниддинов |
| Тарроҳ | Қ. Назаров |

Ба чоп 06.07.2017 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60х84 1/8. Ҷузъи чопӣ 8.0.
Адади нашр 4000 нусха.
Супориши № 145/2017

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш 50
Тел: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ « ПРОМЭКМПО»
бо сурориши №41 аз 15.08.2017
ба табъ расидааст.